**ВАЗОРАТИ САНОАТ ВА ТЕХНОЛОГИЯҲОИ НАВИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН**

# ПАЁМИ

## ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН

## № 2(12), 2023

**Бахши илмҳои гуманитарӣ ва педагогикаи касбӣ**
**Серия гуманитарных наук и профессиональной педагогики**

# ВЕСТНИК

## ТЕХНОЛОГИЧЕСКОГО УНИВЕРСИТЕТА ТАДЖИКИСТАНА

**Душанбе - 2023**

ISBN 978-99947-0-022-6
ББК 22.3+22.1+24
П-14

**Сармуҳаррир:**
**н.и.т., дотсент Амонзода И.Т.**
**Ҷонишини сармуҳаррир:**
**д.и.т., проф. Ғафоров А.А.**
**Котиби масъул:**
**д.и.и., проф. Усманова Т.Ҷ.**

**Главный редактор:**
**к.т.н., доцент Амонзода И.Т.**
**Заместитель главного редактора:**
**д.т.н., проф. Гафаров А.А.**
**Ответственный секретарь:**
**д.э.н., проф. Усманова Т.Дж.**

**Ҳайати таҳририя:**

**Хоҷамуродов О.Ҳ. -** д.и.ф., профессор; **Қурбон Восеъ –** д.и.ф., профессор; **Ҷононов С.Ҷ. -** д.и.фал., профессор; **Бобоев Х.Б. –** д.и.таъ., профессор; **Хуррам Раҳимзод -** д.и.п., профессор; **Сатторзода А.А. -** д.и.ф., профессор; **Иброҳимов М.Ф.** – д.и.таъ., и.в. профессор; **Шарифова Г.А. –** д.и.ф., дотсент; **Одинаев Н.С.** - д.и.ф., дотсент; **Ҳусанова Т.Қ. -** н.и.п., дотсент; **Шарифов И.У.** - н.и.фал., дотсент; **Умарова Б.Ҳ. –** н.и.п., и.в. дотсент; **Носиров С.М. –** н.и.ф., и.в. дотсент.

*Муҳаррири матни забони русӣ:* **Самадова З.С. – н.и.ф., дотсент;**
*Муҳаррири матни забони тоҷикӣ:* **Шарипов Х.Х.;**
*Ороиши компютерӣ ва тарроҳӣ:* **Давронова А.Ш. – мутахассис - таҳлилгари шуъбаи илм,** таҳриргари техникӣ.

**Редакционная коллегия:**

**Ходжамуродов О.Х. -** д.ф.н., профессор; **Курбон Восеъ –** д.ф.н., профессор; **Джононов С.Дж. -** д.фил.н., профессор; **Бобоев Х.Б. –** д.и.н., профессор; **Хуррам Рахимзод -** д.п.н., профессор; **Сатторзода А.А. -** д.ф.н., профессор; **Иброхимов М.Ф.** – д.и.н., профессор; **Шарифова Г.А. –** д.ф.н., доцент; **Одинаев Н.С.** - д.ф.н., доцент; **Хусанова Т.К. -** к.п.н., доцент; **Шарифов И.У.** - к.фил.н., доцент; **Умарова Б.Х. –** к.п.н, доцент; **Носиров С.М. –** к.ф.н., доцент.

*Редактор русского текста:* **Самадова З.С. – к.ф.н., доцент;**
*Редактор таджикского текста:* **Шарипов Х.Х.;**
*Компьютерный дизайн и верстка:* **Давронова А.Ш. – специалист - аналитик отдела науки,** технический редактор.

***

Маҷаллаи илмӣ-амалии **“Паёми ДТТ” бахши илмҳои гуманитарӣ ва педагогикаи касбӣ** ба рӯйхати **Индекси илмии иқтибосии Россия**, ки натиҷаҳои асосии илмии рисолаҳои номзадиву докторӣ бояд дар онҳо нашр карда шаванд, дохил карда шудааст.

Шаҳодатномаи Вазорати фарҳанги ҶТ дар бораи сабти номи ташкилотҳои табъу нашр № 053/МҶ-97 аз 23.04.2018.
Шартномаи № 818-12/2014 бо ҚЭИ оид ба воридшавӣ ба системаи ИИИР.

Научно-практический журнал **«Вестник ТУТ» Серия гуманитарных наук и профессиональной педагогики** включён в **Российский индекс научного цитирования** (РИНЦ), в котором должны быть опубликованы основные научные результаты диссертации на соискание учёной степени доктора и кандидата наук.
Свидетельство о регистрации организаций, имеющих право печати, в Министерстве культуры РТ № 053/МЧ от 23 апреля 2018 г.
Договор НЭБ № 818-12/2014 о включении журнала в РИНЦ.

***

**Паёми Донишгоҳи технологии Тоҷикистон (2 (12) 2023). Бахши илмҳои гуманитарӣ ва педагогикаи касбӣ.** – **Душанбе: шуъбаи табъу нашри Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, 2023. - 123 саҳ.**

© Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, 2023.

**МУНДАРИҶА**


1. **Акбарова М.Ғ.** ҶОЙГОҲИ ВОЖАҲОИ ДИНИЮ МАЗҲАБӢ ДАР РОМАНИ “КУРУШИ КАБИР”-И БАРОТИ АБДУРАҲМОН ........ 4
2. **Амирзода О.Х., Кабутов Х.К., Насруллоев Ф.Х.** ПРИРОДНО-КЛИМАТИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ ВОСТОЧНОГО ПАМИРА: ИХ РОЛЬ В ГИДРОЛОГИИ ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ ........ 13
3. **Асомиддини А., Мухторова М.** САҲМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ШИНОХТИ МАВЛОНО ҶАЛОЛИДДИНИ БАЛХӢ ........ 20
4. **Бобиев О.Ғ., Исмоилова Ф.А.** МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ ДАР ТАЪЛИМИ ФАНҲОИ ДАҚИҚ ВА ТЕХНИКӢ ........ 25
5. **Джабаров Г.Н.** УСКОРЕННАЯ ИНДУСТРИАЛИЗАЦИЯ И ЦИФРОВИЗАЦИЯ – ЗАЛОГ КОНКУРЕНТОСПОСОБНОСТИ И РОСТ НАЦИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКИ .. 29
6. **Джураев Р.З.** РЕЛИГИОЗНЫЙ ФАНАТИЗМ: ИСТОКИ, ПРИЧИНЫ ВОЗНИКНОВЕНИЯ И СПОСОБЫ ПРОТИВОДЕЙСТВИЯ ........ 33
7. **Қодирзода Ш.А.** АҲАМИЯТИ ФАЪОЛИЯТИ ИННОВАТСИОНӢ ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИ БОЗОРӢ ВА РАҚОБАТПАЗИРИИ КОРХОНАҲО ........ 43
8. **Қодирзода Ш.А.** ФАЪОЛИЯТИ ИННОВАТСИОНӢ ДАР ҚОНУНГУЗОРИИ КИШВАРҲОИ ИДМ: ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВӢ ВА ДУРНАМОИ РУШДИ ОН ДАР ТОҶИКИСТОН ........ 50
9. **Муслимзода Ҳ.А.** ШАРҲИ БАЪЗЕ КАЛИМАҲОИ СЕРМАЪНО ДАР ЧАНД ҚАСОИДИ МАНУЧЕҲРИИ ДОМҒОНӢ ........ 57
10. **Назарова М.Р.** ТАШАККУЛ ВА МАҲОРАТИ ОМОДА НАМУДАНИ МУҲАНДИС-ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДА ........ 65
11. **Одинаев Н.** “ШОҲНОМА”-И ФИРДАВСӢ ДАР МОВАРОИ БАҲС ........ 69
12. **Олимбойзода П.А., Муродова М.С., Азимова Ф.Дж.** МНОГООБРАЗИЕ ФОРМ СОВРЕМЕННОГО ЖЕНСКОГО ЖАКЕТА С ИСПОЛЬЗОВАНИЕМ НАЦИОНАЛЬНОГО СТИЛЯ ........ 76
13. **Олимбойзода П.А., Рахимова М.З., Азимова Ф.Дж.** НАРЯДНАЯ ОДЕЖДА С НАЦИОНАЛЬНЫМ АКЦЕНТОМ ДЛЯ ЖЕНЩИН С НЕТИПОВОЙ ФИГУРОЙ .... 81
14. **Рахмонзода З.Ф.** СПАСИТЕЛЬ НАЦИИ И ГОСУДАРСТВА ........ 87
15. **Раҳмонзода З.Ф.** ҚОНУНҲОИ МИЛЛӢ – КАФИЛИ РУШДИ ИЛМУ МАОРИФ ВА ЗИНДАГИИ ШОИСТАИ МАРДУМ ........ 93
16. **Раҳмонзода З.Ф.** ВАҲДАТ МОРО СӮЙИ САОДАТ МЕБАРАД ........ 99
17. **Сайдуллоева Г.Р.** ПРЕДМЕТ ВА МЕТОДОЛОГИЯИ ОМӮЗИШИ ФАЛСАФАИ ҲУҚУҚ ........ 103
18. **Ҷӯраева С.** ЧЕХОВ ДАР АДАБИЁТИ ТОҶИК ........ 109
19. **Шамсова Б.Қ.** ҶАРАЁНИ ТАЪЛИМИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶӢ БО ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯИ КОМПЮТЕРӢ ........ 118

**УДК 23+901.(045)/(575.3)**

# ҶОЙГОҲИ ВОЖАҲОИ ДИНИЮ МАЗҲАБӢ ДАР РОМАНИ "КУРУШИ КАБИР"–И БАРОТИ АБДУРАҲМОН

**Акбарова М.Ғ.**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

Мусаллам аст, ки дин шакли шуури ҷамъиятӣ ва як бахши муҳими ҷаҳонбинӣ мебошад. Муҳимтарин масъалаи иҷтимоӣ-сиёсӣ дар таърихи дин мақоми ҳуқуқии он дар идораи ҳукумат ва аз ин роҳ таъмини суботи ҷомеа мебошад. Нависанда Бароти Абдураҳмон дар асар вожаҳои баёнгари мафҳуми диниро, ки яке аз унсури серистеъмол ба ҳисоб мераванд, мутобиқ ба даврони зиндагонӣ ва ҳукумронии Куруши Кабир ба кор бурдааст. Аз рӯи тасвир ва нақшофарии нависанда хулоса бояд кард, ки Куруши Кабир аз пайравони мазҳаби Маздаясно ё дини Зардуштӣ будааст. Ин худ матлабест, ки дар робитаи миёни эрониён ва яҳуд аҳамияти махсус дорад. Дар он замон тибқи таҳқиқ тамоми мардуми дунё будпараст буданд, яке пайравони дини Маздаясно, дигаре яҳуд.

**Калидвожаҳо:** Худо, Худои ягона, Бел Мардук, Олиҳаи Иштар, Офаридгор, Кирдугор, Яздон, Эзад, ибодатхона, оташкада, коҳин, роҳиб, куништ, дайр, муғон, намози шукрона, ниёиш, дахма, маъбад, ниёиши шомгоҳӣ, саҷда, олами қудсӣ, оташи муқаддас.

Асосан дин шакли шуури ҷамъиятӣ аст. Истилоҳи вожаи дин арабӣ دین буда, дар Фарҳанги забони тоҷикӣ бо ду мафҳум ифода ёфтааст: 1. эътиқод ба мавҷудияти қувваҳои фавқуттабиии идоракунандаи олам, кеш, мазҳаб. 2. тариқ, роҳ, ойин, маслак [14, 472].

Саромади инсоният дину имон дар шакли мутафарриқ дар маркази андеша ва тафаккури инсонӣ қарор дошта, ягона воситаи раҳоӣ аз буҳрони ноумедӣ ва тарбияи ахлоқию маънавӣ будааст.

Истилоҳоти марбут ба дину адён вобаста ба пешрафти ҷомеа, дар давраҳои гуногуни таърихӣ ба вуҷуд омадаанд, ки қисматҳои муҳимтарини ҳаёту фаъолияти мардумро фаро мегиранд. Вожаҳои баёнгари динӣ аз қабили номвожаҳои Худо ва сифатҳои он, фариштаҳо, пайғамбарон, муғону мӯбадон, коҳинону роҳибон, адёну оинҳо, кешу мазҳабҳо, ибодатгоҳҳо, таълимоти динӣ ва ҳар чи ки ба ин соҳа марбут аст, як ҷузъи ҷудонопазири таъриху фарҳанги ҳар як халқу миллат буда, баёнгари давраҳои мухталифи рушди таъриху забон мебошанд. Чунки номвожаҳои баёнгашта маълумотҳои ҷолибу гуногунранги таърихиро аз қаъри асрҳо то ба имрӯз оварда расонидаанд.

Солҳои охир омӯзиши лексикаи марбут ба динҳои гуногун таваҷҷуҳи забоншиносонро ба худ ҷалб кардааст. Таҳаввули ин бахши луғот бо таърих, фарҳанг ва ҷаҳонбинии халқҳои гуногун иртибот дошта, аз нигоҳи этнолингвистикӣ, психолингвистикӣ ва фарҳангшиносӣ мавриди баррасии забоншиносон қарор гирифтааст [3, 5].

Нависанда Бароти Абдураҳмон дар асар вожаҳои баёнгари мафҳуми диниро, ки яке аз унсури серистеъмол ба ҳисоб мераванд, мутобиқ ба даврони зиндагонӣ ва ҳукмронии Куруши Кабир ба кор бурдааст. Аз рӯи тасвир ва нақшофарии нависанда хулоса бояд кард, ки Куруш аз пайравони мазҳаби Маздаясно ё дини Зардуштӣ будааст. Ин худ матлабест, ки дар робитаи миёни эрониён ва яҳуд аҳамияти махсус дорад. Дар он замон тибқи таҳқиқ тамоми мардуми дунё бутпараст буданд, яке пайравони дини Маздаясно, дигаре яҳуд.

Дар асар нависанда аз хусуси шахсиятҳои бузурги динӣ ва таърихӣ дақиқназарона ёдрас шуда, аз номҳои бузургони даврахои қадим ва дар хусуси онҳо маълумоти пурқиммати илмӣ медиҳад. Азбаски дар асар истилоҳоти динӣ аз қабили номҳои Худо, пайғамбарони адёни гуногун ва дигар шахсиятҳои таърихӣ ниҳоят зиёд омадаанд ва ба кадом забон тааллуқ будани онҳоро ба назар гирифта, ба чунин гурӯҳҳо ҷудо намудани онҳоро мувофиқи мақсад донистем.

Ба бузургии забони дарии порсӣ ворид намудани истилоҳоти динӣ, нависанда яке аз роҳҳои ғанӣ гардонидани забонро лозим шуморида, ба воситаи онҳо арзишҳои муқаддаси динҳои зардуштӣ ва яҳудиёнро тасвир намудааст.

Аз ин ҷиҳат вожаҳои баёнгари истилоҳоти диниро ба чунин тарз гурӯҳбандӣ намудем.

1. **Номҳои Офаридгор**

Вожаҳои ифодакунандаи мафҳумҳои Худо ва сифатҳои он дар асар мақоми хоса дошта, бештари онҳо бунёди забони форсӣ доранд. Инчунин дар асар калимаҳои ифодагари Худо, муродиф ва сифатҳои он аз адёни гуногун, аз қабили форсии дарӣ Худо, Яздон, Кирдугор, Офаридгор; авестоӣ Аҳурамаздо, Аҳуро, Ҳурмузд, Маздо, Худои Худоён, ҳафт Худои Бобулӣ, Бел-мардук, Иштар Набу, Шамаш, Сино, Нергал, Забоба истифода шудаанд.

**Худо.** Дар фарҳанги забони тоҷикӣ вожаи Худо асосан бо ду маънӣ: 1 халққунанда, холиқ, Аллоҳ; 2. Соҳиб, молик корбурд шудааст [15, 475]. Нависанда вожаҳои Худо(11), Худованд(1), Худои бузург(4) - ро ба маънии аслиаш ба қалам додааст. Аз баррасиҳои матнҳои осори гузашта бармеояд, ки вожаи худо дар тули таърихи зиёда аз ҳазорсолаи худ ба тағйиротиҳои ҷиддӣ дучор гашта, аз мафҳуми аслии худ, ки молик ва соҳибро ифода мекард, дур шудааст. Ба ин тартиб корбурди маонии вожаи мазкур дар тули асрҳо маҳдудтар гашт ва танҳо ифодагари Яздон ва Аллоҳ гардид. Бояд зикр намуд, ки калимаи Худо аз ҷониби донишмандони зерин: Расторгуева В.С., Эделман Д.И., Элназарова Х.А., Ҷӯраев Р. ва дигарон мавриди баррасӣ қарор гирифтааст, вале то имрӯз пажӯҳиши густардаву алоҳида ва монографие дар ин ҷода анҷом напазируфтааст. Аз баррасии этимологии ин вожа бармеояд, ки он аз форсӣ-тоҷикии қадим хватай баромадааст (аваст. xvato-ауäо → паҳл. xvatäy → форс. xwadäy, xudäy, xudä → дар. тоҷ xuda) [4, 25; 1, 425-427] ва маънии аслии он ба мафҳуми динӣ алоқаманд набуда, соҳиб ё молики макон ва ашёро ифода мекард. Варианти дигари ин вожа Худованд бо каме тағйироти овозӣ хованд маънии аслии худро то ҳол нигоҳ дошта омадааст [4, 25; 6, 318; 7, 379]. Муаллифи китоби “Ғиёс-ул-луғот” дар мавриди вожаи Худо менависад: “Чун лафзи Худо мутлақ бошад бар ғайри зоти борӣ таоло итлоқ накунанд, магар дар сурате, ки ба чизе музоф шавад, чун кадхудо ва деҳхудо” [8, 295; 9, 318]. Дар маънии вожаи Худованд бошад менависад: “Маънии таркибии ин лафз монанди соҳиб ва молик аст, чаро ки калимаи ванд ин ҷо ба маънии монанд аст ва барои нисбат низ меояд. Дар ин сурат бояд, ки бар Худои таоло итлоқи лафзи худованд накунанд, чаро ки тарки адаб аст…” [3, 296]. Мардумони эронитабор аз оғози ҳукмронии салтанати Ҳахоманишӣ то зуҳури хилофати Араб аксар пайравони дини оташпарастии Зардуштӣ буданд ва то имрӯз ҳам пайравони он дар баъзе аз манотиқи дунё умр ба сар мебаранд. Аҳурамаздо, ки қувваи олии ҳафт Амаҳраспандон буд, ҳамчун қувва ва ё Худои некӣ ба ҳисоб мерафт ва қувваи бадии онҳо Аҳриманро мехонданд [6, 182-183].

Ин ду қувва аз давраи оғозин ба ҳамдигар рақобат доштанд. Аз оғози пайдоиши дини Зардуштӣ гузаштагони мо аз истилоҳоти марбут ба Худо ва истилоҳоти динии он давра аз қабили: Xvatāy, Yazatān [Yazdān], Ōrmazd [Ōhrmazd, Ahurāymazd], Bag, Bakfraēšta, daina [7, 197] ва ғайраро истифода мекарданд.

**Худо** накунаду таноб канда шавад, завраќи танҳоюю бесарпаноҳи мо чун пари коҳе дар миёни дарё саргум мезанад [2, 74]. Нигоҳи Астиаг, **Худованд** гуноҳашро биёмӯрзад, якчанд зина дошт, - меандешид ӯ ботинан [2, 222]. Ӯ худро паямбар ва фиристодаи Яздони пок шумурда, ҳамаи пешвоҳои хонадонҳои ориёии шаҳрнишину саҳроиро ба парастидани **Аҳурамаздо - Худои ягона** раҳнамоӣ месозад [2, 41].

Нависанда ибораи **Худои ягона-**ро, дар асар мансуб ба дини зардуштиён, **Аҳурамаздо** ба кор бурдааст. Инунин, ин ном бо шаклҳои дигар; Аҳуро ва Ҳурмузд ҳам истифода шудааст.

Ба ақидаи Зардушт Худои зардуштиён марбут ба кувва некӣ Аҳурамаздои ягона аст ва тарҷумаи таҳтуллафзии он "андешаи нек" ва "Худованди хирадманд" мебошад. Инчунин Аҳурамаздо дорои ҳамаи маъноҳое, ки сарчашма ва ҳастии бахши дониши бузург ва афзоянда, ки ягона, доною тавоно, меҳрубону бахшанда, офаранда ва ҳамаи қувваи некиро дорост, мебошад.

Яздони пок ниёиши бузургворро бипазирад! - Куруш андешамандона сӯи Пири муғон рӯ овард. - Рӯшании хуршед ҳамвора бар торикӣ ва **Ҳурмузд**и некрой бар **Аҳриман**и зишт пирӯз гардад! [2. 264]

Дар мисоли овардашуда вожаи Аҳриман, ки мансуб ба дини зардуштист ва ифодакунандаи қувва ва руҳи бадӣ аст, ба кор рафтааст, ки ин ҳам аз маҳорати забондонии нависанда дарак медиҳад.

Ба ин тарз, вожаи Худо дар роман мансуб ба худои бобулиён, ки мансуб ба будпарастӣ аст, чунин ифода ёфтааст. Аз қаъри нимторикӣ дар пешорӯи онҳо симои нуронии худои худоён **Бел-Мардук** бо виқору салобати қудсиёнааш падидор шуд, ки аз рӯшании шабакаҳои равзаносои гунбази сақф нур мерабуд [2, 206].

Чи тавре, ки дар боло зикр гардид дини бобулиён бутпарастӣ буд ва инчунин худоҳои онҳо ба худ номҳои махсус доштанд, ки дар асар ин аз ҷониби нависанда хеле моҳирона тасвир шудааст. Ин худоёни ҳафтгона, қабл аз ҳама падарбузурги ҳомии бузургон **Бел-Мардуки** олитабор ва ҳамсари ӯ олиҳаи ишқу зебоӣ **Иштар,** фарзандони онҳо худои ақлу хирад **Набу**, худои офтобу адолат **Шамаш,** худои моҳтобу дониш **Сино,** худои ҷангу ҳомии оташ **Нергал,** худои хушбахтию неруи таҳамтанон **Забоба** буданд, ки Набонид аз ҳамаи онҳо мададу ёварӣ ҷӯста, барояшон назру ниёз мебахшид [2, 211]. Нависанда Бароти Абдураҳмон дар асар муродифҳои вожаи Худо: **Яздон, Кирдугор ва Эзид-** ро фаровон истифода карааст.

Вожаи Яздон дар "Ғиёс-ул-луғот" чунин шарҳ ёфтааст: яке аз асмои Хақ таолост дар форсӣ; форсиён қабл аз Ислом ду Худо медонистанд: яке Яздон ва онро фоли хайр мегуфтанд ва дигар Аҳриман, ки онро фоли шар мегуфтанд. Нависанда ҳангоми таълифи асар аз ин вожа 52 маротиба истифода намуда, ба воситаи бандаки изофӣ ва сифати пок ибораи **Яздони пок -** ро аз забони қаҳрамонон ба кор бурдааст. Барои мисол якчандтои онро рӯи қоғаз меорем. Дар паноҳи **Яздони пок** бошед, шоханшоҳ! - аз дасти писараш гирифта бошитоб берун рафт Томирис [2, 144]. Савганд ба номи **Яздони пок**!- хурӯшид Куруш беихтиёр.- Ман дори подшоҳони Бобулро, ки бар гардани нажоди туст дарҳам хоҳам шикаст ва бандҳои ғуломии онҳоро хоҳам барканд! [2, 152]. **Яздони пок** ба бод амр дод, ки тирро ҳифз намояд ва дар боли худ пеш барад [2, 264]. Эй **Яздони пок!** Ман, Томирис, подшоҳи бузурги массагетҳо ба номи моҳи ягонаи осмон савгандат медиҳам, ки муъҷизае ато куну руҳи маро ба пеши Куруш бибар! [2. 310].

Вожаи **Кирдигор** дар фарҳанги забони тоҷикӣ ба маъноҳои офаринанда, офаридгор, холиқ (сифати Худо) омадааст [14, 598].

Ба инояти **Кирдигор** пуштибонии шоҳигариву навозиши фарзанди Шуморо бар дӯш хоҳам гирифт. [2, 114]. Мусибати фарзанд худ зиндони тану ҷон аст, Куруш, - оҳи сарде кашид бо дарду алам шоҳбону. - **Кирдугор** душмани касро гирифтори ин рӯзи бад насозад! [2.198].

2. **Калимаҳои баёнгари вазифа ва сарварони таълимоти динӣ: фаришта, пайғабар, пир, муғ, мӯбад, коҳин, роҳиб.**

Дар романи "Куруши Кабир" номҳои фариштаҳо, пайгамбарони динҳои зардуштӣ, яҳудӣ ва дигар унвонҳои динӣ аз адёни гуногун дар таълифи нависанда ба кор рафтаанд.

**Фаришта** асосан калимаи динӣ буда, дар Фарҳанги забони тоҷикӣ ба ду маъно омадааст: 1. мавҷуди малакутӣ, ки оқилтар ва бартар аз инсон аст, малак; 2. *маҷ.* Беайбу нуқсон, зебо; **худро фаришта тарошидан** - худро бе айбу нуқсон вонамуд кардан, худро поку тақводор нишон [15, 400].

Пайғомбар ва ё паёмбар - фиристодаи Худо, ки амру фармоиши ӯро ба бандагонаш мерасонад, муродифи арабияш расул, набӣ мебошад. Аз ду ҷузъ иборат буда, ҷузъи аввал пайғом (payyām\peyyām) "паём, хабар, огоҳӣ" < портии padyām< эронии қадим pati-gāma, ки ҷузъи аввали он (pati) пешванд ва ҷузъи дувумаш (gam) реша буда, маънояш, омадан аст [4, 23].

Вожаи **"пир"** дар фарҳанги забони тоҷикӣ ба шаш маъно ифода ёфтааст, ки маънои динии он муршид, роҳнамо шайхе, ки ба худ мурид ва эътиқотмандон мегирифт: пири роҳ, пири тариқат [15.100]

Калимаҳои "**муғ"** ва **"мӯбад"** вожаҳои динӣ буда, мутааллиқ ба дин ва оини зардуштист. Ин вожаҳо ифодагари олим ва руҳонии оташпараст мебошад. Гуфтан ба маврид аст, ки ин вожаҳо дар асар хеле зиёд истифода шудааст, ки аз таърих, суннатҳо ва хусусиятҳои дину оини мардуми ориёинажод - зардуштиён дарак медиҳад.

Маънои вожаи **"коҳин"** марди руҳонии мисриён, насрониён ва яҳудиёни қадим буда, нависанда дар тасвири адёни бобулиён ин вожаро ба таври фаровон истифода намудааст.

Инчунин марбут ба ин банди мавзуъ калимаи арабии "**роҳиб"** ҳам дар асар истифода шудааст. Аслан вожаи **"роҳиб"** ифодагари руҳонии дайрнишини масеҳиён, ки тарки дунё кардаанд мебошад.

**а) Вожаҳое, ки ба дини зардуштӣ мутааликанд. Зардушт, Ардвисура Анаҳито, Баҳмани амшаспандон.**

Ҳангоми сисолагии ӯ Офаридгор аз фариштаи обу фаровонҳосилӣ **Ардвисура Анаҳито** дархост намуд, ки **Зардушти** писари Пурушаспро дар пиндор, гуфтор ва кирдор раҳнамои дин созад. **Ардвисура Анаҳито** дархости Яздони покро пазируфта, нахустин мулоқоти **Зардуштро** бо Аҳурамаздо ва **амшаспандон** дар соҳили рӯди Доитиё баргузор намуд. Ин мулоқот бомдоди чилу панҷуми пас аз ҷашни Наврӯз, ҳангоме ки Зардушт барои ҳум ҳован кардан ба рӯди Доитиё расид, руй дод. Зардушт пас аз оббозӣ дар оби дарё ва анҷоми ниёиш ҷома мепӯшад, ки **Баҳмани амшаспандон** ба сурати марде болобаланду накурӯй, ки гесувони газима дошт, падид омад [2, 342].

Тавре аз рӯи тасвири нависанда маълум гашт, дар дини зардуштӣ вожаҳои **Амшаспандон** фариштаҳои пиндори нек, **Ардвисура Анаҳито** фариштаи обу фаровонҳосилӣ буда, **Баҳман** бошад, фариштаи хираду андешаи пок ба ҳисоб меравад. Ардвисура Анаҳитаро чун офаридаву фиристодаи Аҳуромаздо (Худои некӣ), чун фариштаи обу ободонӣ парастидаанд. "Авасто" маҷмуи афкору ақидаи некиву ҳақиқат буда, инсонро ба пиндори нек, гуфтори нек ва рафтори нек ҳидоят менамояд. Ин масъаларо забоншинос Аюбова М., дар мақолаи хеш чунин шарҳ додааст: Об аз қадимулайём дар радифи оташ, хок,

бод, ки омили ҳастии оламу ҳаёт мебошанд, дар эътиқоди мардуми ориёнажод чун унсури дунёи моддӣ ва унсури муқаддас ҷанбаи ҳаётӣ, фалсафӣ ва динӣ дорад. Ба он яшт (гимн)-и панҷуми китоби муқаддасу куҳантарини ниёгонамон "Авасто"- "Обон-яшт", ки бо номи, Ардвисура-яшт низ маълум аст, бахшида шудааст. Ҳамин арзишу аҳамияти об аст, ки, ниёгон дар доираи дарку фаҳмиши устуравии хеш барои нигаҳдориву ҳифзи он. Ардвисура Аноҳитаро чун офаридаву фиристодаи Аҳуромаздо (Худои некӣ), чун фариштаи обу ободонӣ парастидаанд. "Авасто" маҷмуи афкору ақидаи некиву ҳақиқат буда, инсонро ба пиндори нек, гуфтори нек ва рафтори нек ҳидоят менамояд. Дар ҳамин замина об низ дар симои Анаҳита накӯ, беолоиш ва қавӣ ситоида шуда, чун манбаи ҳаёт, бақои мавҷудоти зинда, сарсабзӣ, мавҷуди муъҷизаофар, пуштибону мададгор, боровар, поккунанда аз ҳар гуна олоишҳо, бахшандаи саломатӣ, умри дароз, неруву дармон, шодиву фурӯғ, бахту иқбол, пирӯзӣ, покӣ, некиву рӯшноӣ таҷассум меёбад [1, 37-43].

**б) Вожаҳое, ки ба динӣ яҳудӣ тааллуқ доранд: бани Исроил, Ҳазрати Мӯсои набӣ, Эзро, қавми Яҳуд, Ирмиёи набӣ, Изқиёли набӣ, Дониёли набӣ.**

**Мӯсо** – номи пайғамбарест, ки маънои луғавии он "аз об кашидашуда" мебошад. Мӯсо пешвои қавми Исроил аст ва муддати зиндагонии ӯро ба се давра, ки ҳар як давра муддати чил солро дар бар мегирад, медонад. Мӯсо дар давраи ҳукмронии Фиръавн ба дунё омада, фарзанди аз ҳама хурди хонадон будааст. Дар чиҳолсолагӣ дар маърифат ва таҳсили асрори каҳонат рушд кард ва гӯшанишиноро ихтиёр намуда, муддате гуреза буд, дар охирҳои чиҳилсолагиаш оташе даргирифт ва аз ҷониби Худо маъмурият ёфт, ки ба мисррӯд равад ва қавми худро аз ҷабру ситами қибтиён бираҳонад [3. 62].

Не, ӯ Сароё духтари Сидқиё - зеботарин дӯшизаи қавми Сион ва набераи охирин подшоҳи Яҳудост, - посух дод муйсафед оромона. - Бо дастури пирамон **Эзрои** коҳин ба Куруш подош мебарем. Ҳазрати **Мӯсо** мададгор шаваду Куруши Бузург ӯро ба занӣ бипазирад, мо дар симои шоҳаншоҳи Порс пуштибони тавоное хоҳем ёфт [2.149].

**Эзро - Узайр** номи яке аз пайгамбарони бани Исроил. Ин ном дар "Қуръон Узайр" ва дар "Таврот" ба сурати Эзро зикр шудааст, ки яке аз коҳинон будааст.

Эй шоҳаншоҳи волонасаб! - худро анбиёи комил мепиндошт **Эзро.** - Ёд дорӣ, ки аз бардагии подшоҳони Бобул озод кардани асирони бани Исроилро қавл дода будӣ?

Бар қавлам устуворам, **Эзрои коҳин**. Ман, Куруш, шоҳаншоҳи Порсу Мод ва чаҳор самти олам ба қавми бани Исроил дуруд мерасонам, ки ҳамаи асирони ба Бобул овардаи Навохудоносор бо дастури ман саросар озод карда шуданд. Ва ман бо хости худоён ба хазинадорам Митрадод фармудам, ки ҳама сутунҳои мисин, дегҳо, хокандозҳо, кордҳо, косаҳо, қошуқҳо, пиёлаҳо, миҷмару дулчаҳоро, ки аз мис, нуқра ё тилло буданд, ба ибодатхонаи Иерусалим бозгардонад!

**Эзрои коҳин** солории анбиёоварашро бохта дар пешорӯи Куруши Кабир беихтиёр ба зону заду домани хилъати зарбафти ӯро бӯсида ба дидаҳояш молид. - Шукру сипоси беҳад ба даргоҳи Худованди мо, ки дар симои Куруши Кабир қавми бани Исроилро аз асорат раҳонида, бо шамшери сипоҳи ӯ подшоҳони Бобулро сарнагун сохт! - ниёиш мекард **Эзро.**

Ҳар касе, ки азми Ватан дорад, бигузор роҳи Иерусалимро пеш гирад! - омирона изҳор намуд Куруш. - Ба касони бечораю бенаво аз хазинаи шоҳаншоҳӣ роҳкиро ва астару ароба дода хоҳад шуд [2. 256-257].

Мавлоно Абдукаломи Озод дар ин бора чунин ишора намудааст: "Дар сифри дигаре аз "Таврот", ки мансуб ба Эзро (Узайр) пайғамбар аст, ҳаводиси баъд аз фатҳро хоҳем дид. Ин сифр ба мо мегӯяд, ки руасои яҳуд пешгӯиҳоеро, ки зикр кардем, ба Куруш арза доштанд ва гуфтанд, ки Худованди замину осмон дар каломи худ Курушро наҷотдиҳандаи қавми худ

қарор додааст. Куруш таҳти таъсири ин гуфтаҳо воқеъ шуд ва амр ба таҷдиди бинои маъбади муқаддаси онҳо дод.

Чизе, ки мусаллам аст, ки пас аз фатҳи Бобул Куруш ва ҷонишинонаш қавми яҳудро тавонистанд мароҳили тараққиро то узвияти дарбори Ҳахоманишӣ низ бипаймоянд ва инҳо ҳақоиқи таърихӣ аст, ки наметавон мункири он шуд" [10, 127].

Нависанда ҳангоми таълифи асар аз анбиёи қавми яҳуд **Ирмиё, Изқиёл ва Дониёл** аз китоби "Таврот" ёдовар шудаанд.

**Анбиё** аслан калимаи арабӣ буда, дар фарҳанги забони тоҷикӣ ифодагари вожаи пайғамбарон, ҷамъи набӣ мебошад [14, 65].

Худованд аз забони **Ирмиёи набӣ** бар қавми яҳуд паём фиристода, ки бандҳо ва юғҳо барои худ бисозед то гирифтори бандагии подшоҳи Бобул шуда, ба писараш ва писари писараш то ҳафтод сол хидмат хоҳед кард [2, 191]. Силсилаи воқеаҳои пайдарпае, ки як моҳи охир дар Бобул рӯй дода буд, эътиқоди Эзрои коҳинро бо каромоти суханони **Ирмиёи набӣ, Изқииёли набӣ ва Дониёли набӣ** қавитар мекард [2, 253]. - Э Куруши Кабир! – худро ҳамоно дар пояи анбиё пиндошта хитоб намуд Эзро. – Худованди мо аз забони **Ирмиё, Изқиёл ва Дониёли набӣ** солҳо қабл аз ин вайҳ фиристода туро васию наҷотбахши қавми бани Исроил хондааст [2, 257]. **Пири тариқати** мо яҳудиён Эзрои коҳин ӯро дар хоб дидааст, ки бо лашкари гарон Бобулро фатҳ намуда [2, 283]. - **Пири тариқати** мо - Эзро фармуд, ки Худованд марҳамати худро барои раҳидан аз ин бандагӣ пеши подшоҳи Порс бар мо нигарондааст [2, 192]. Дар ин маросими бошукӯҳ меҳтарону ашрофони бонуфузи дарбор **рӯҳоноёну коҳинони** кешу мазҳабҳои мухталиф, сатрапҳои вилояту шаҳрҳои атроф, сарлашкарону сипаҳбадони размовару корозмуда ва чанде аз сафирону меҳмонони олирутбаи хориҷӣ ҳузур доштанд [2, 280]. Тоҷиронро **роҳиб**и миёнсоли тоссаре ҳидоят мекард, ки пайкараи хурди тиллоии гови муқаддасро ба Камбуҷия подош мебурд [2, 283]. Дар оташкадаи Балх **муғону мӯбадони** зиёдеро вохӯрда, ҳамроҳашон суҳбат ороста будам [2, 329].

Нависанда ҳангоми таълифи роман аз забони худи қаҳрамони асосии асар - Куруш қиссаи шунидаеро рӯи қоғаз овардааст, ки дар он вожаи **атарвон-**ро ҷой додааст. Вожаи **атарвон** нигаҳбони оташи муқаддас дар оташкадаи зардуштиён буда, ба ин банд ҷо намудани ин вожаро мувофиқи мақсад шуморидем. Ман дар айёми ҷавонӣ аз **атарони** солхӯрдае дар бораи Афросиёби бадгуҳару фоҷиаи Сиёвуши ҷавонмарг қиссае шунида будам. [2, 328]. Дар ин кори хайр **Атарвони** мӯбад шоистатар аст, шоҳам,-кордро беҷуръатона гирифт Гарпаг [2. 60].

1. **Вожаҳои марбут ба ибодатгоҳҳо.**

Дар асар истеъмоли вожаи ибодатгоҳ ва муродифҳои он, ба монанди; ибодатхона, оташкада, маъбад, дайр, куништ хеле серистеъмол аст.

Аслан вожаи **"ибодатхона"** парастишгоҳ; масҷид, макони ба ҷо овардани ибодат мебошад [14, 554].

Вожаи **"оташкада"** ба маънои ибодатгоҳи зардуштиён, парастишгоҳи муғон, мӯбади оташпарастон мебошад. Оташкадаи **Меҳрбарзин, Балх**, **Навбаҳор**.

**Маъбад**-асосан калимаи арабӣ буда, ҷои ибодат, ибодатхона, ибодатгоҳро ифода менамояд.. Маъбади **Анаҳито, Эсагил, Эхулхул.**

**Дайр** низ вожаи арабӣ буда, дар фарҳанги забони тоҷикӣ ба се маъно омадааст: 1. аз ҷиҳати таърихӣ ифодакунандаи ҷои иқомат ва ибодати роҳибон, ибодатгоҳи оташпарастон ва насрониён, 2. савмаа; ба истилоҳ оламии инсонист; 3. дайри муғон а) ибодатхонаи оташпарастон; оташкада; б) маҷлиси урафо ва авлиё (дар тасаввуф); в) маҷ. ҷои майнӯшӣ [14, 416].

Дар асар вожаи “**дайр”** ифодакунандаи ҷои иқомат ва ибодати роҳибон, ибодатгоҳи оташпарастон истифода гардидааст.

Вожаи **“куништ”** ифодагари мафҳуми ибодатхонаи яҳудиён, умуман ибодатгоҳи ғайримусулмонон мебошад [14, 623].

Ҷасади шоҳбонуро бо шукӯҳи ашрофона андаруни тобути чӯбин ниҳода, дар маъбади **Аноҳито** ҷой доданд [2, 290]. Ин амр аслан бо баҳонаи анҷом ёфтани сохтмони маъбади **Эхулхул** содир шуда бошад ҳам, ҳадафаш аз сарнагуншавӣ эмин доштани тахти шоҳзодаи хурдсол буд. Рақибони ниҳоии мо бо дастгирии коҳинони маъбади **Эсагил** чандин бор қасди ошӯб хезондан доштанд, вале бо инояти олиҳаи Иштар онҳоро дошта, несту нобуд кардем [2, 208].

Дар мисолҳои зерин маъбади Аноҳито ба дини зардуштён ва маъбади Эхулхул ва Эсагил ба дини бобулиён мутааллиқ аст.

Луҳроспи пирро куштанд ва оташкадаи **Меҳрбарзинро** сӯхта, садҳо ҳирбадону мӯбадони онро ба қатл расониданд [2. 345]. Умратон дароз бод, пирам! – бо сипосгузорӣ дасташро фишурд Куруш. - Худатон ҳам ба Порсогирд хоҳед рафт ва оташкадаи бузурге ба монанди оташкадаи **Меҳрбарзину Навбаҳори Балх** бунёд хоҳед кард [2, 349].

**2. Вожаҳои ифодагари расму русум ва амалҳои динӣ.**

Намоз, дуо, ниёиш, саҷда, марг, руҳ, арш, қурбонӣ, дузах, биҳишт, тақво, кеш мазҳаб, назр, тумор, растохез, тобут, имон, ибодат, назргоҳ, сугворӣ турбат, колбад, қудсӣ, ҷасад, намози шукрона, маросими азо.

Аз ин вожаҳо намоз, дуо, саҷда, ибодат, дузах, биҳишт, имон, руҳ, марг, тақво, тобут, ҷасад, қурбонӣ, растохез, мазҳаб, сугворӣ, фалак дар забони адабӣ ва гуфтугӯии ҳозира серистеъмол ва хеле маъмул буда, қисмати дигарашон аз қабили дахма, назр, назргоҳ, мину, пули чинвот, колбад, оташи поки яздонӣ, олами қудсӣ, кеш, ниёиш доираи истеъмолашон маҳдуд аст.

Истилоҳи **намоз** хеле қадимӣ буда, ҳанӯз дар “Авесто” ба сурати namah, ба маънои “парастиш” - эҳтиром гузоштан маълум будааст. Решаи nam буда, маънои “хам шудан” - ро ифода мекард ва дар натиҷаи таҳаввули маъноӣ маъниҳои “саҷда кардан, таъзим кардан, эҳтиром гузоштан”- ро соҳиб мегарадад. Дар форсии миёна ҳарфи охири калима дар шакли -č омадааст ва чунин шакли навишт дорад namāč ё муродифи niyāyišn [6, 194]. Истеъмоли ин вожа дар асар ҷо-ҷо ба назар мерасад, ки ин ҳам бошад ба воситаи пайвандаки пайвасти “у” таркиби ҷуфт ва бандаки изофӣ “и”ибора сохта шудааст. Падари Аградод - Камбуҷия расмияти **намозу ниёишро** халалдор накарда, бо симои ҷиддӣ ва ваҷоҳати ором ба истиқболи писар омад [2, 76]. Маросими **намози шукрона** анҷом пазируфт ва нахустин шуда Аградодро Бузургмӯбад ба оғӯш гирфта аз пешонааш бӯсид [2, 77].

**Дахма-**асосан калимаи китобӣ буда, дар фарҳанги забони тоҷикӣ ба маъноҳои хонаи зеризаминӣ барои гузоштани ҷасади мурдагон, гӯрхона, сардоба; ҷои тангу торик ифода ёфтааст [15, 449]. Дар айни ҳол дар забони тоҷикӣ муродифи вожа **дахма-қабр** серистеъмол аст**. Қабр -** асосан калимаи арабӣ буда, ифодагари калимаҳои гӯр, оромгоҳ, марқад мебошад. Оромгоҳи абои бузург ва саравлоди хонадони мо Ҳахоманиши некрой! Ин аст **дахмаи** фарзанди ӯ Чишпиш [2, 77]. Ана ин **оромгоҳи** падари ман Куруш аст. Бобокалонат Чишпиш ду писар дошт, яке Куруш ва дигаре Ариярамна. Инаш **дахмаи** Ариярамна, падари амакат Аршом [2. 77]. Маврид ба зикр аст, ки вожаи дахма - ро асосан дар замонҳои пеш ба кор мебурданд. Нависанда ҳам ба ин такя карда, муродифҳои ин калимаро дар асар рӯи қоғаз овардааст. Вожаҳои **оромгоҳ, турбат ва дахма** муродиф буда, ҳарсе ифодакунандаи вожаи **қабр** мебошанд, ки ин ҳам бошад аз маҳорати эҷоди забондонию гуногуннависии нависанда дарак медиҳад.

**Мину** вожаи китобӣ буда, дар забони гуфтугӯӣ камистеъмол аст. Дар фарҳанги забони тоҷикӣ ба се маъно ифода ёфтааст:1**.** *д.*олами улвӣ; фалак. 2**.** биҳишт, ҷаннат. 3**.** муҷаррад [14, 803]. Дар тасвири нависанда истифодаи ин вожа ифодакунандаи калимаи биҳишт, ҷаннат мебошад.

Эй Яздонӣ пок! Ман, Томирис, подшоҳи бузурги массагетҳо ба номи моҳи ягонаи осмон савгандат медиҳам, ки муъҷизае ато куну руҳи маро ба пеши Куруш бибар! Ишқи поке, ки дар ин ҷаҳони пур аз хатою бозиҳои фиребои тақдир бароям бахшидӣ, аз равиши ин гардуни дӯсткушу душманпарвар бакомам нашуд. Он ишқи поку беолоиши руъёиро ман дар ҷахони **минуӣ** пешвоз хоҳам гирифт [2, 392].

Дар асар ғайр аз вожаҳои динӣ ҷуфту таркибҳоеро, ки марбут ба ин мавзуанд во хӯрдан мумкин аст. Чунончи дину оин, назру ниёз тоату ибодат муғону мӯбадон, ниёишу ситоиш муғону оташпарастон, дайру маъбад, муноҷоту ниёиш, дайру куништ ва монанди инҳо.

Хулоса, истифодаи лексикаи динӣ дар асар вобаста бар асоси меъёрҳои забонии форсии дарии осори давраи аввал сурат гирифтааст. Он вижагиҳое диние, ки дар боло зикр кардем, ғанӣ будани лексикаи динии даврони гузаштаи ниёгонамонро инъикос менамояд. Яке аз хусусиятҳои лексикаи динӣ дар асар корбурди вожаҳои адёни гуногун мебошад. Нависанда вожаву истилоҳоти баёнгари мафҳумҳои динию мазҳабиро зимни тасвири ҳодисаю воқеаҳо, нақлу ривоятҳо ба кор бурда, тавассути онҳо арзишҳои муқаддаси таърихӣ ва иҷтимоии диниро дар ҳаёти мардуми ориёитабор нишон додааст.

**Адабиёт:**


1. Аюбова М. Вожаи “об” ва сифату калимаҳои бо он алоқаманд дар номгузории мардуми эронинажод. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ) бахши илмҳои филологӣ 4/1, 2019. - С. 37-43.
2. Б. Ғафуров. Тоҷикон. - Душанбе: Ирфон, 1983. - С. 110-111.
3. Бароти Абдураҳмон. Куруши Кабир. - Душанбе. - 2006.
4. Элназарова Ҳабиба Абдуманоновна. Лексикаи динӣ дар “Шоҳнома”–и Абдулқосим Фирдавсӣ. - Душанбе: 2021. - 175 с.
5. Шарифова Ф.Х. Хусусиятҳои вожагонии, Кашф-ул-маҳҷубʻ-и Ҳуҷвирӣ / - Душанбе: Ирфон, 2011. - 140 с.
6. Расторгуева В.С. Этимологический словарь иранских языков / В.С. Расторгуева, Д. И. Эдельман. - М.: Изд-во вост. литерат., 2000. - Т.I. - 327 с.
7. Саймиддинов Д. Вожашиносии забони форсии миёна/ Д. Саймиддинов. - Душанбе: Пайванд, 2001. - 310 с.
8. Фараҳвашӣ Б. Фарҳанги форсӣ ба паҳлавӣ / Б. Фараҳвашӣ. - Теҳрон: Донишгоҳи Теҳрон. Муассисаи интишорот ва чоп, 1380. - 571 с.
9. Муҳаммад Ғиёсиддин. Ғиёс-ул-луғот. - Душанбе: Адиб, 1987. - Ҷ. 1. - 480 с.
10. Муҳаммад Ғиёсиддин. Ғиёс-ул-луғот. - Душанбе: Адиб, 1988.- Ҷ. 2. - 416 с.
11. Муҳаммад Ғиёсиддин. Ғиёс-ул-луғот. - Душанбе: Адиб, 1989. - Ҷ. 3. - 304 с.
12. Муҳаммадалии Табрезии Хиёбонӣ. Фарҳанги навбаҳор / Муҳаммадалии Табрезии Хиёбонӣ. - Табрез, 1308. - Ҷ. 1. - 460 с.
13. Мавлоно Абдукаломи Озод. Куруши Кабир - Зулқарнанйн. -Душанбе. “Адиб” -2019.
14. Мухторов З. Лексикаи ирфонии ғазалиёти Саноӣ. - Душанбе: Ҳумо, 2007. - 203 с.
15. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ.1 - М.: 1969. - 951 с.
16. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ.2 - М.: 1969. - 952 с.
17. Шакурӣ М. Сарнавишти форсии тоҷикӣ Фарорӯддар садаи бист. - Душанбе, 2003. - 104 с.

## МЕСТО РЕЛИГИОЗНЫХ СЛОВ ВЕЛИКОГО КИРА В РОМАНЕ БАРОТА АБДУРАХМАНА

Очевидно, что религия является формой общественного сознания и важной частью мировоззрения. Важнейшим общественно-политическим вопросом в истории религии является её правовой статус в органах власти, и тем самым, обеспечение стабильности общества. Писатель Барот Абдурахман в своём произведении использует слова, выражающие понятия религии, которые являются наиболее широко употребляемыми элементами, в соответствии с периодом жизни и правлением Кира Великого. По авторскому описанию и замыслу можно сделать вывод, что Кир Великий был последователем маздаясной или зороастрийской религии. Это вопрос особой важности в отношениях между иранцами и евреями. В то время, согласно исследованиям, все люди мира были язычниками, одни были последователями маздаясной религии, другие были евреями.

**Ключевые слова:** Бог, Единый Бог, Бел Мардук, Богиня Иштар, Творец, Кирдугор, Яздан, Эзад, храм, огонь, жрец, монах, синагога, монастырь, муган, благодарственная молитва, нияш, дахма, храм, вечерняя молитва, поклоны, святой мир, святой огонь.

## THE PLACE OF RELIGIOUS WORDS THE GREAT KIR IN THE NOVEL OF BAROT ABDURAKHMAN

Obviously, religion is a form of social consciousness and an important part of the worldview. The essence of humanity, religion and faith in the form of unity, is at the center of human thought and thinking and is the only means of overcoming the crisis of despair and moral and spiritual education. The writer Baroti Abdurahmon in his work uses words expressing the concept of religion, which is one of the most widely used elements, in accordance with the period of life and reign of Cyrus the Great. According to the author's description and intention, it can be concluded that Cyrus the Great was a follower of the Mazdayas or Zoroastrian religion . This is a matter of particular importance in relations between Iranians and Jews. At that time, according to research, all the people of the world were pagans, one was a follower of the Mazdayas religion, the other was a Jew.

**Key words:** God, One God, Bel Marduk, Goddess Ishtar, Creator, Kirdugor, Yazdan, Ezad, temple, fire, priest, monk, synagogue, monastery, mugan, thanksgiving prayer, niyash, dahma, temple, evening prayer, prostrations, holy world, holy fire.

**Маълумот дар бораи муаллиф:**

**Акбарова Мунира Ғоибназаровна** - муалими калони кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. Тел: 987760250

**Информация об авторе:**

**Акбарова Мунира Гоибназаровна** - преподаватель кафедры “Гуматитарных дисциплин” Технологического университета Таджикистана. Тел: 987760250

**Information about the author**:

**Akbarova Munira Goibnazarovna -** teacher of the Department of Humanities of the technological University of Tajikistan. Tel: 987760250

УДК 556.18

# ПРИРОДНО-КЛИМАТИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ ВОСТОЧНОГО ПАМИРА: ИХ РОЛЬ В ГИДРОЛОГИИ ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ

**Амирзода О.Х., Кабутов Х.К., Насруллоев Ф.Х.**
**Институт водных проблем, гидроэнергетики и экологии НАНТ**
**Государственное научное учреждение «Центр изучения ледников НАНТ»**

Данная обзорная статья посвящена анализу водных ресурсов и природно-климатических особенностей Восточного Памира, а также их роли в гидрологии Центральной Азии. В статье рассматриваются вопросы, связанные с таянием ледников и вечной мерзлоты, а также их связь с потенциальными рисками. Подчёркивается недостаток всесторонних знаний о прошлом, текущем и будущем влиянии ледников на водный баланс региона, что связано с их сложной реакцией на изменение климата и разнообразием пространственно-временных закономерностей.

**Ключевые слова:** водные ресурсы, Восточный Памир, гидрология Центральной Азии, изменение климата, криосфера, ледники, вечная мерзлота, водный баланс, гидрологические режимы, геологические опасности.

Влияние изменения климата негативно в Центральной Азии, но до сих пор не до конца изучено, несмотря на решающую роль криосферы в обеспечении водой миллионов населения. Центральная Азия характеризуется разнообразными криосферными, топографическими и климатическими условиями, что приводит к сложным режимам стока и геологическим опасностям. Ледники служат жизненно важными резервуарами пресной воды, особенно в засушливый период. Также таяние ледников и вечной мерзлоты связано с множеством опасностей. Несмотря на значимость ледников, всестороннее понимание их исторического, современного и будущего воздействия на водный баланс региона остаётся неясным, а реакция ледников на изменение климата характеризуется разнообразными пространственными и временными закономерностями [2, 3].

Восточный Памир является уникальной площадкой для измерения баланса массы ледников из-за морфологических, метеорологических и других свойств, обусловленных тем, что равнины находятся на высоте около 4000 м. н. у. м., а горные хребты возвышаются более, чем на 6000 м. Климатические условия данной местности сурово холодные, и вместе с тем, здесь выпадает очень мало атмосферных осадков. Несмотря на это, в бассейне озера Каракуль имеется более 400 ледников, площадь которых более 0,1 км2 с общей площадью более 560 км2, начиная с малых каровых и заканчивая большими дендритными ледниками, например, как ледник Октябрьский [1].

Центральная Азия сталкивается с уникальными проблемами, усугубляемыми тем, что многие горные общины используют натуральное сельское хозяйство и животноводство. Эти сообщества особенно уязвимы к колебаниям водоснабжения, что усиливает повышенную уязвимость стран к природным и антропогенным опасностям. С ростом населения и расширением водного сектора важность надёжного водоснабжения возрастает с одновременным ростом дефицита воды, а также проблемы осложняются ограниченными водными ресурсами.

В работе [7] показано, что в Таджикистане ожидается рост дефицита воды для орошения, поскольку после 2040 года запасы воды в ледниках будут постепенно истощаться из-за их деградации в условиях потепления климата.

Прогнозы связаны с неопределённостями из-за неполных данных, например, о факторах моделирования ледникового покрова и понимания будущего ледников. Климатические сценарии предсказывают устойчивое потепление, что усугубит водный дефицит в будущем. Улучшение данных будущего воздействия на климат является приоритетом, учитывая расхождения в прошлых наборах климатических данных по всей Центральной Азии. Субрегиональные оценки климатических переменных имеют решающее значение для более точных исследований воздействия.

Социально-экономическое развитие Центральной Азии сильно зависит от водных ресурсов. Страны Центральной Азии связаны общими водными ресурсами, имеющими трансграничный характер. В горах берут начало более 6000 рек, в том числе реки - Амударья и Сырдарья. В основном они питаются за счёт таяния снегов и ледников (70-80%) с горных хребтов Памира, Гиндукуша и Тянь-Шаня [12]. Общий среднегодовой сток - 120 км$^3$, из которых 116 км$^3$ приходится на Амударью и Сырдарью. Амударья берёт начало в Таджикистане (62,9 км$^3$/год), Сырдарья - в Кыргызстане (27,4 км$^3$/год) [9, 13]. Остальные страны сильно зависят от стран верхнего течения.

Талая ледниковая вода существенно регулирует динамику речного стока. В среднем таяние ледников составляет около 6% для Сырдарьи и 20% для Амударьи ежегодно [14]. В сезон таяния этот вклад может в 1,5-3 раза превышать среднегодовой приток [11]. Таяние ледников обеспечивает надёжное водоснабжение.

Ожидается, что потепление в Центральной Азии превысит среднемировой уровень, при этом к 2100 году температура повысится в среднем на 5-6°C [15]. Лёд и таяние снегов являются основными водными ресурсами густонаселённых низменностей Центральной Азии и играют решающую роль для горных сообществ [16-18]. Накопление снега действует как резервуар для воды, особенно в зимние месяцы, и контролирует сток весной и в начале лета. Ледники и вечная мерзлота выделяют большую часть талой воды в период с июля по сентябрь. Изменения снега, ледников и вечной мерзлоты, вызванные изменением климата, оказывают глубокое воздействие на водные ресурсы. Для лучшего понимания реакции климата необходим долгосрочный мониторинг компонентов криосферы. Это также поможет лучше количественно оценить связанные с этим изменения во вкладе стока талой воды [19].

По мнению Манкина [20], к середине столетия регион достигнет пика потребности в воде из-за увеличения ледникового стока, который значительно снизится после второй половины столетия. В настоящее время ежегодный вклад талых ледниковых вод Тянь-Шаня в верхний сток Сырдарьи составляет 10%. Вклад талых ледниковых вод в Амударью составляет около 40% в год. Однако в засушливые летние месяцы вклад талой воды ледников может резко увеличиться до 96% для Амударьи и до 42% для Сырдарьи [16]. По прогнозам, к 2050 году поверхностный сток на Амударье увеличится на 25% в летние месяцы из-за увеличения таяния ледников, а затем снизится до 28% до конца столетия. Модели прогнозируют аналогичное увеличение стока в Сырдарье в июле и августе. Будущее сокращение количества твёрдых осадков в первую очередь повлияет на весенний и ранний летний сток.

Как экстремальные наводнения, так и экстремальные засухи будут увеличиваться, равно как и общий дефицит воды. Изменения сезонности снежного покрова, приводящие к более раннему таянию, могут привести к увеличению весеннего и летнего стока в

малоснежные годы или в засушливые годы. Это может спровоцировать ледниковые наводнения, селевые потоки и оползни, которые могут нанести ущерб близлежащим населённым пунктам. Поскольку вечная мерзлота тает в ответ на повышение температуры, она возвращается в климатическую систему, выделяя захваченный метан или углекислый газ. Результатом является усиление парникового эффекта [22]. Потенциальной угрозой для региона является нерегулируемое использование воды, в основном для сельскохозяйственного орошения. Кроме того, вода является основным источником электроэнергии, вырабатываемой гидроэлектростанциями [17]. Бесперебойное снабжение населения электроэнергией зависит от уровня водоёма. Однако из-за изменения климата, ёмкость водохранилища с каждым годом уменьшается [23, 24].

Республика Таджикистан обладает богатыми водными ресурсами и занимает ключевое положение в Центральной Азии. Основу водных ресурсов Таджикистана составляют ледники. При общей площади оледенения примерно 9 000 км$^2$, что покрывает 6% территории страны. Общий объём льда в ледниках страны составляет около 800 км$^3$.

По территории страны протекает около 947 рек, общая длина которых превышает 28500 км, но наиболее значительную роль играют Сырдарья, Пяндж, Вахш, Мургоб, Кофарнихон, Сурхоб, Оксу, Зерафшан и др. Здесь насчитывается более 1300 озёр (одно из крупнейших - Сарез). Озёра Таджикистана содержат более 46,3 км$^3$ воды, из них 20 км$^3$ пресной. В стране имеется 10 водохранилищ (Нурекское, Кайраккумское и др.), общим объёмом 15353 км$^3$. Основными пользователями воды в Таджикистане являются питьевое водоснабжение и водоотведение, гидроэнергетика, орошаемое земледелие, промышленность и рыболовство. Таджикистан фактически использует лишь 17-20% водных ресурсов, образующихся на его территории. 84% воды в Таджикистане используется в основном для сельского хозяйства, 8,5% потребления приходится на питьевую воду и коммунальное хозяйство, 4,5% - на промышленность и 3% - на другие пользователи. Ежегодно Таджикистан производит около 64 км$^3$ воды, что составляет около 55% от общего объёма воды в бассейне Аральского моря. Ледники и подземные источники воды обеспечивают около 25-50% годового стока (в зависимости от наличия ледника). Эти ледники удерживают массу воды в 845 км$^3$, что в семь раз превышает общий годовой сток бассейна Аральского моря [18].

Озеро Каракуль - крупнейшее из озёр на территории Республики Таджикистан, с площадью зеркала 380 км$^2$, глубиной до 238 м. и объёмом более 26 км$^3$. Оно расположено в плоской горной котловине, на высоте 3914 м. н. у. м., в северной части Памира, к югу от Заалайского хребта. В него впадают несколько рек, основные из которых - Караджилга, Карарт, Акджилга, Музкол. Границами рассматриваемого района являются крупные горные хребты, высотой до 5500-6000 м. Озеро Каракуль бессточное, вода в нём горько-солёная.

Центральная Азия характеризуется засушливым или полузасушливым климатом с жарким и сухим летом, холодной зимой, иногда с сильными снегопадами. Почти 80 миллионов человек в пяти странах Центральной Азии зависят от воды, берущей начало в регионе, где на высоких хребтах находится более 25 000 ледников. Ледники вносят значительный вклад в сток Амударьи и Сырдарьи и являются индикаторами климатических изменений. Горы чувствительны к потеплению из-за запасов ресурсов в виде ледников и снега. По данным AR6, ледники исчезнут на 70% в Центральной и Западной Азии к концу XXI века.

Основным источником пресной воды в бассейне Аральского моря являются ледники и снежный покров. Из-за неоднородности климатической среды и чувствительности, горы

Памира являются крупным центром современного оледенения с уникальной временной и пространственной изменчивостью [6]. Криосфера Таджикистана представляет собой уникальную горную водонапорную башню, которая является очень уязвимым к глобальному потеплению, при этом Таджикистан использует лишь до 20% собственных ресурсов пресной воды, но вклад в обеспечение стран низовья, таких как Узбекистан и Туркменистан, очень значителен [3, 14]. В регионе Центральной Азии сток рек от снегов и осадков составляет 70%, а от таяния ледников и вечной мерзлоты 30%, но таяние ледников приходится на вегетационный период, когда больше всего ощущается нехватка воды, и тем самым, является источником пресной воды в самый необходимый период [10].

Первые исследования на Памире были проведены в конце XIX и в начале XX веков, когда исследователи из России и Европы проводили исследования на высокогорных районах Центральной Азии [25]. Для каталогизации ледников Памира в 1946 году была произведена аэрофотосъёмка ледников, а в 1971 году были сделаны вертолётные облёты для визуального осмотра и дешифрирования аэрофотоснимков [1].

С 1990-го года проведение гляциологических исследований на территории Памира сильно сократилось, это было связано с дороговизной проведения работ и труднодоступностью ледников. Исследование ледников на Памире возобновилось относительно недавно, но расширяются и методики исследований, а также количество репрезентативных ледников, на которых возобновились постоянные наблюдения.

Ледники Таджикистана сосредоточены на Памире, где самым крупным ледником является ледник Федченко. Исследования показывают, что несмотря на то, что данный ледник является одним из крупнейших ледников мира, даже он претерпел значительную потерю мощности с 1928 года. Темпы сокращения площади с 2000 по 2016 годы увеличились в 1,8 раза по сравнению с 1928-2000 гг., даже высокие аккумуляционные бассейны истончались со скоростью от -0,2 до -0,4 м/год в 2009-2016 гг. Несмотря на это, состояние ледника Федченко остаётся удовлетворительным, и экстремальная деградация ледника не наблюдается [25].

Наблюдения, сосредоточенные на изменениях площади ледников и потери площади на различных водосборах показывают, что в течение 20 века ледник Саукдара отступил на 2 км., в некоторых бассейнах площадь ледников за 50 лет сократилась на 25-30%, ледники Гиссар-Алая отступают неоднородно [14].

Мировые данные показывают ускоренную тенденцию таяния ледников по всему миру за последние десятилетия, ситуация усугубляется резким демографическим ростом, и эти факты указывают на кризис в водном секторе в ближайшем будущем, если не будут приняты соответствующие меры. В результате изучения литературы установлено, что на ледниках Восточного Памира за последние 50 лет фундаментальные исследования не проводились. А измерение баланса массы ледников не проводились вовсе. Поэтому изучение и исследование данной темы считается актуальным.

## Литература:


1. Котляков В.М. Ресурсы поверхностных вод СССР, каталог ледников СССР, том 14, Средняя Азия, выпуск 3, Амударья, часть 17, реки бассейна озера Каракуль / В.М. Котляков, Л.Э. Фтлас, Г.М. Варнакова, О.В. Рототаева; Институт географии Академии наук СССР.
2. Hoelzle M. The status and role of the alpine cryosphere in Central Asia / M. Hoelzle, M. Barandun, T. Bolch, J. Fiddes, A. Gafurov, V. Muccione, T. Saks, M. Shahgedanova // The Aral Sea Basin. - Routledge, 2019. - P. 100-121.

3. Immerzeel W.W. Importance and vulnerability of the world's water towers / W.W. Immerzeel, A.F. Lutz, M. Andrade, A. Bahl, H. Biemans, T. Bolch, S. Hyde, S. Brumby, B.J. Davies, A.C. Elmore, A. Emmer, M. Feng, A. Fernández, U. Haritashya, J.S. Kargel, M. Koppes, P. D.A. Kraaijenbrink, A.V. Kulkarni, P.A. Mayewski, S. Nepal, P. Pacheco, T.H. Painter, F. Pellicciotti, H. Rajaram, S. Rupper, A. Sinisalo, A.B. Shrestha, D. Viviroli, Y. Wada, C. Xiao, T. Yao, J. E. M. Baillie // Nature. - 2020. - Vol. 577, № 7790. - P. 364-369.

4. Manandhar M. Gender, health and the 2030 agenda for sustainable development / M. Manandhar, S. Hawkes, K. Buse, E. Nosrati, V. Magar // Bull World Health Organ. - 2018. - Vol. 96. - P. 644-653.

5. Fay M.A simple index of vulnerability to climate change / M. Fay, H. Patel // Background paper prepared for World Bank report. - Washington, DC, - 2008.

6. Pohl E. Glacier melt buffers river runoff in the Pamir Mountains / E. Pohl, R. Gloaguen, C. Andermann, M. Knoche // Water Resources Research. - 2017. - Vol. 53, № 3. - P. 2467-2489.

7. Рауфов Р.Н. Влияние изменения климата на состояние ледников и режим речного стока Таджикистана / Р.Н. Рауфов, Р.Р. Давлятов // Кишоварз. - 2015. - № 1. - С. 57-59.

8. Abdullaev I. History of water management in the aral sea basin / I. Abdullaev, J. Kazbekov, K. Wegerich // The Aral Sea Basin: Water for Sustainable Development in Central Asia. - 2019. - P. 8-24.

9. Dukhovny V. Integrated water resources management in Central Asia: The challenges of managing large transboundary rivers / V. Dukhovny, V. Sokolov, D. Ziganshina. Global Water Partnership (GWP), 2014.

10. Armstrong R.L. Runoff from glacier ice and seasonal snow in High Asia: separating meltwater sources in river flow / R.L. Armstrong, K. Rittger, M.J. Brodzik, A. Racoviteanu, A.P. Barrett, S. J. S. Khalsa, B. Raup, A.F. Hill, A.L. Khan, A. Wilson, R.B. Kayastha, F. Fetterer, B. Armstrong // Regional Environmental Change. - 2019. - Vol. 19, № 5. - P. 1249-1261.

11. Saks T. Glacier Runoff Variation Since 1981 in the Upper Naryn River Catchments, Central Tien Shan / T. Saks, E. Pohl, H. Machguth, A. Dehecq, M. Barandun, R. Kenzhebaev, O. Kalashnikova, M. Hoelzle // Front. Environ. Sci., Sec. Freshwater Science. - 2022. - Vol. 9.

12. Aizen V.B. Climate, snow cover, glaciers, and runoff in the Tien Shan, Central Asia / V. B. Aizen, E.M. Aizen, J.M. Melack // JAWRA Journal of the American Water Resources Association. - 1995. - Vol. 31, № 6. - P. 1113-1129.

13. Сафронова Е.И. «Водная проблема» в Центральной Азии и её влияние на имидж России и Китая в регионе / Е.И. Сафронова // Китай в мировой и региональной политике. История и современность. - 2009. - № 14. - Текст: электронный. - URL: https://cyberleninka.ru/article/n/vodnaya-problema-v-tsentralnoy-azii-i-ee-vliyanie-na-imidzh-rossii-i-kitaya-v-regione.

14. Махмадалиев Б.У. Второе национальное сообщение РТ по рамочной конвенции ООН об изменении климата / Б.У. Махмадалиев, А.К. Каюмов, А.В. Новиков. - Душанбе, 2003. - 114 с.

15. Sara J. Central Asia: at the confluence of global water action and climate resilience Dushanbe conference to emphasize role of water in sustainable development / J. Sara, T. Proskuryakova // The World Bank Blog. - 2022. - Текст: электронный. - URL: http://surl.li/nkdki.

16. Huss, M. Global-scale hydrological response to future glacier mass loss / M. Huss, R. Hock // Nature Climate Change. - 2018. - Vol. 8, № 2. - P. 135-140.

17. Schrader F. Hydropower / F. Schrader, A. Kamolidinov, M. Bekchanov, M. Laldjebaev, S. Tsani // The Aral Sea Basin. - Routledge, 2019. - P. 52-66.

18. Gafforzoda I.G. Sustainable development of water resources of Tajikistan / I.G. Gafforzoda, F.P. Arabov, A.K. Sodikov // IOP Conference Series: Earth and Environmental Science. - IOP Publishing, 2023. - Vol. 1229, № 1. - P. 012024.

19. Ozturk T. Projected changes in temperature and precipitation climatology of Central Asia CORDEX Region 8 by using RegCM4.3.5 / T. Ozturk, M. T. Turp, M. Türkeş, M. L. Kurnaz // Atmospheric Research. - 2017. - Vol. 183. - P. 296-307.
20. Mankin J.S. Climate Certainty, Uncertainty, and Human Water Availability in a Warming World / J. S. Mankin. - Stanford University, 2015.
21. Siegfried T. Will climate change exacerbate water stress in Central Asia? / T. Siegfried, T. Bernauer, R. Guiennet // Climatic Change. - 2012. - Vol. 112. - P. 881-899.
22. Koven C.D. Permafrost carbon-climate feedbacks accelerate global warming / C.D. Koven, B. Ringeval, P. Friedlingstein, P. Ciais, P. Cadule, D. Khvorostyanov // Proceedings of the National Academy of Sciences. - 2011. - Vol. 108, № 36. - P. 14769-14774.
23. Konovalov V.G. Evolution of glaciation in the Pamiro-Alai mountains and its effect on river run-off / V. G. Konovalov, A.S. Shchetinnicov // Journal of Glaciology. - 1994. - Vol. 40, № 134. - P. 149-157.
24. Chen Y. Changes in Central Asia's water tower: past, present and future / Y. Chen // Scientific reports. - 2016. - Vol. 6, № 1. - P. 35458.
25. Nasrulloev F.Kh. About the global initiatives of the Republic of Tajikistan in the direction of glacier protection / F.Kh. Nasrulloev, S.T. Goziev, R.Kh. Nasrulloev // 25-26 сентября 2023 года, 2023. - P. 42-45. - EDN UEFECF.
26. Министерство энергетики и водных ресурсов Таджикистана (МЭВР). Использование водных ресурсов. - Текст: электронный. - URL: https://www.mewr.tj/?page_id=576 (дата обращения: 17.05.2024).
27. Насруллоев Ф.Х. Таърихи ташаккули илми яхшиносӣ / Ф.Х. Насруллоев // Илм - асоси рушди инноватсионӣ: Маводҳои конференсияи IX байналмилалии илмӣ-амалӣ, Душанбе, 18-19 апреля 2024 года. - P. 295-298. - EDN BROCCW.

## ХУСУСИЯТҲОИ ТАБИӢ-ИҚЛИМИИ ПОМИРИ ШАРҚӢ: НАҚШИ ОНҲО ДАР ГИДРОЛОГИЯИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ

Мақолаи мазкур таҳлили захираҳои обӣ ва хусусиятҳои табиӣ-иқлимии Помири Шарқӣ, инчунин, нақши онҳоро дар речаи гидрологиии Осиёи Марказӣ баррасӣ менамояд. Дар мақола масъалаҳои марбут ба обшавии пиряххо ва яхбандӣ, инчунин, робитаи онҳо бо хатарҳои эҳтимолӣ баррасӣ шудаанд. Камбуди дониши фарогир оид ба таъсири гузашта, кунунӣ ва ояндаи пиряхҳо ба тавозуни обии минтақа, ки бо аксуламали мураккаби онҳо ба тағйирёбии иқлим ва гуногунии намунаҳои фазоӣ ва замонӣ вобаста аст, таъкид карда мешавад.

**Калидвожаҳо:** захираҳои обӣ, Помири Шарқӣ, гидрологияи Осиёи Марказӣ, тағйирёбии иқлим, криосфера, пиряхҳо, яхбандӣ, тавозуни об, режимҳои гидрологӣ, хатарҳои геологӣ

## NATURAL AND CLIMATIC FEATURES OF THE EASTERN PAMIRS: THEIR ROLE IN THE HYDROLOGY OF CENTRAL ASIA (REVIEW ARTICLE)

This review article analyzes the water resources and natural and climatic features of the Eastern Pamirs, as well as their role in the hydrology of Central Asia. The article examines issues related to the melting of glaciers and permafrost and their connection with potential risks. It emphasizes the lack of comprehensive knowledge about the past, current, and future impacts of glaciers on the region's water balance, which is associated with their complex response to climate change and diverse spatial and temporal patterns.

**Key words:** water resources, Eastern Pamirs, hydrology of Central Asia, climate change, cryosphere, glaciers, permafrost, water balance, hydrological regimes, geological hazards.

**Сведения об авторах:**

**Амирзода Ориф Хамид** - доктор технических наук, доцент, директор Института водных проблем, гидроэнергетики и экологии НАНТ. E-mail: orif2000@mail.ru

**Кабутов Хусрав Курбонджонович -** заведующий отделом мониторинга ледников, криосферы, гляциологии и ГИС-технологий Центра изучения ледников НАНТ. Тел: 934538084; E-mail: kabutov.khusrav@gmail.com

**Насруллоев Фарход Худжаевич** - PhD ГНУ «Центр изучения ледников Национальной академии наук Таджикистана». 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, просп. Рудаки, 33. Тел: (+992) 918397131; E-mail: farhad-9393@mail.ru

**Маълумот дар бораи муаллифон:**

**Амирзода Ориф Ҳамид** - доктори илмҳои техникӣ, дотсент, директори Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи АМИТ. E-mail: orif2000@mail.ru

**Кабутов Хусрав Қурбонҷонович** - мудири шуъбаи мониторинги пиряххо, криосфера глятсиология ва ГИС-технологияи Маркази омӯзиши пиряххои АМИТ. Тел: 934538084; E-mail: kabutov.khusrav@gmail.com

**Насруллоев Фарход Хуҷаевич** - PhD, МДИ "Маркази омӯзиши пиряххои Академияи милли илмҳои Тоҷикистон". 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33. Тел: (+992) 918397131; E-mail: farhad-9393@mail.ru

**Information about the authors:**

**Amirzoda Orif Hamid** - doctor of technical sciences, senior associate professor, director at the Institute of water problems, hydropower and ecology of the National academy of science of Tajikistan. E-mail: orif2000@mail.ru

**Kabutov Khusrav Kurbonjonovich -** Head of the Department of Monitoring of Glaciers, Cryosphere, Glaciology and GIS Technologies, State Scientific Institution «Center for Research of Glaciers of the National Academy of Sciences of the Tajikistan» Tel: 934538084; E-mail: kabutov.khusrav@gmail.com

**Nasrulloev Farhod Khujaevich** - PhD, SSI Center for Research of Glaciers of the National academy of sciences of Tajikistan. 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 33. Tel: (+992) 918397131; E-mail: farhad-9393@mail.ru

**УДК 027.543.005.322.80**

# САҲМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ШИНОХТИ МАВЛОНО ҶАЛОЛИДДИНИ БАЛХӢ

**Асомиддини А., Мухторова М.**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

Муҳтарам Пешвои миллат шояд аз аввалин сиёсатмадороне буд, ки Мавлоноро бо унвонии "Балхӣ" ном бурд ва хуросонӣ будани ӯро дар тамоми оламиён таъкид намуд ва собит намуд, ки Мавлоно ва аҷдоди ӯ тарбиятгирифтаи тамаддуни ориёӣ мебошад. Баъди ин иқдоми Пешвои миллат дар тамоми марказҳои илмию адабӣ Мавлоно Ҷалолиддинро чун зода ва парвардаи тамаддуни шаҳри бузурги Балх донистанд. Иқдоми дигаре, ки аз ҷониби Пешвои миллат дар нисбати бузургдошти Мавлои Балхӣ роҳандозӣ шудааст, ин дар соли 2007 дар сатҳи ҷаҳонӣ таҷлили 800-солагии солгарди мавлуди ин бузургмард мебошад.

**Калидвожаҳо:** "Чеҳраҳои мондагор", Пешвои миллат, Эмомалӣ Раҳмон, Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, бузургони адабиёту фарҳанг, пажӯҳиш, шоири ориф, ақидаҳои динӣ, дин.

"Чеҳраҳои мондагор", ки дар асоси осори илмиву таърихӣ ва маърӯзаҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мураттаб гардидааст, дар бораи 25 мутафаккири бузурги ориётабор, ки дар рушду нумуи фарҳангу тамаддуни инсонӣ саҳми бузург доранд, ихтисос дода шудааст. Пешвои миллат дар бораи аҳамияти илмию фарҳангии ин китоби мондагор чунин менигоранд: "Китобе, ки дар даст доред, шуморо бо саҳифаҳои пурифтихори таърихи халқи тоҷик шинос намуда, аз рӯзгори шахсиятҳои номдору сарбаланди илмӣ, адабӣ ва таърихиву сиёсиамон нақл менамояд. Таърих гувоҳ аст, ки ин сарзамин абармардонеро ба дунё овардааст, ки ҳар кадом дар замони хеш бо хирад, заковат, дониш ва фазилат ба дараҷае шуҳрат пайдо карда буданд, ки самараи умру хидмати беназир, мақому манзалаташон ҳамеша ва дар ҳама давру замон боиси ситоиш ва қадрдонӣ мебошад. Ёд овардан ва муаррифӣ кардани шуҷоату далерӣ, фазлу дониш ва бузургиву тавонмандии онҳо далели эҳтироми мо ба таърих ва симоҳои таърихию фарҳангии халқи азизамон аст"[14, 4].

Дар ҳақиқат, дар сатҳи сиёсати бузург дар бораи бузургони адабиёту фарҳанги миллӣ сухан ба миён овардан нишони огоҳии муаллифи ин асари муҳим буда, аз дурустии сиёсати фаҳангии Пешвои миллат бозгӯӣ мекунад. Таҳияи чунин асари саршор аз ифтихороти миллӣ ба се ҷиҳат муҳим ва муносиб ба фазои сиёсати ҷаҳонишавии саросарии ин ҷаҳони пуртазод дониста шуд: аввалан, сатҳу савияи илмии нигошта ва маърузаҳо дар пояи баланд қарор дорад ва аз онҳо бояд аҳли илму адаб, омӯзгорону донишҷӯён ва доираи васеи хонандагон зимни пажӯҳиши илмӣ, таълими шогирдон ва огоҳии бештаре пайдо намудан бо рӯзгору осори шахсиятҳои варзидаи таърӣӣ ва фарҳангиамон истифода баранд. Аз ҷониби дигар, ин кор ба он хотир зарур дониста шуд, ки дар айни ҳол теъдоди нашри китобҳои Сарвари давлат хеле маҳдуд аст ва на ҳама имкони дарёфту мутолиаи онҳоро доранд. Далели севум ин аст, ки дар як маҷмуа гирд омадани маводи ин китоб, ки қаблан ба сурати пароканда дар маҷмуаву китобҳои гуногун ва нашрияҳои даврӣ чоп шуда буданд, ба хонандагон имкони мусоиди истифода ва баҳрабардориро фароҳам меорад.

Китоби "Чеҳраҳои мондагор"-и Эмомалӣ Раҳмон дар навбати худ арзиши баланди илмиву таърихӣ ва аҳамияти бузурги тарбиявӣ дошта, ифодагари таърихи пурғановати

миллати тоҷик мебошад. Пешвои миллат дар бораи зиндагиномаи бузургон ва фидокориву ҷоннисориҳои фарзандони фарзонаву далери миллати хеш тадқиқоти ҷолиб бурда, дар ниҳоди хонанда, хоса ҷавонони Ватан, эҳсоси худшиносӣ , худогоҳӣ ва ватандориро такмил медиҳад. Китоби мазкур гарчанде армуғони маънавии Пешвои миллат бахшида ба 25-солагии Истиқлоли давлатии Тоҷикистон бошад ҳам, то имрӯз аҳамияти фарҳангии худро баландтар нишон дода, як бори дигар собит месозад, ки эътиқоду эътимоди Пешвои миллат ба таърих, адабиёт ва фарҳанг-такягоҳи устувори миллат, беандоза буда, эшон воқеаҳои таърихиро барои имрӯзиён дарси ибрат ва ҳаёт медонанд.

"Чеҳраҳои мондагор" беҳтарин намунаи осори таърихӣ, чи аз лиҳози мазмуну мундариҷа ва чи аз назари сабку услуб ва шеваи таҳқиқ аст, ки дар зоти худ беҳамтост. Дар китоб 25 чеҳраи мондагори тамаддуни олам, ки решапайванди миллати бузурги тоҷик мебошанд, барои имрӯзиён муаррифӣ гардидаанд. Аксарияти ин чеҳраҳои таърихӣ шахсияти барҷастае мебошанд, ки дар тағйири куллӣ бахшидани таърихи аҳли башар, ё миллати сарбаланди тоҷик таъсири бузург расонидаанд. Махсусан, хидмати ин чеҳраҳои мондагор дар муаррифӣ намудани фарҳангу тамаддуни миллат дар арсаи ҷаҳонӣ назир надорад.

Пешвои миллат зимни пажӯҳиш паҳлӯҳои ибратбахши ҳаёт ва фаъолияти чеҳраҳои таърихиро мавриди тадқиқ қарор додаанд. Дар ин таърихнома аввалин чеҳрае, ки бозкушоӣ шудааст, шоҳаншоҳ Куруши Кабир аст, ки дар тамаддуни ориёӣ ва таърихи башар ҳамчун асосгузори нахустин империя номбар мешавад. Дар заминаи сарчашмаҳои муътамади таърихиву археологӣ, маълумотномаҳои катибаҳо муаллифи китоб собит месозад, ки Куруши Кабир маҳз тавассути сиёсати оқилонаи кишваркушоӣ, сабку усул ва тартиби ҷадиди идоракунии давлат, адолатҷӯӣ, одобкорӣ ва муҳимтар аз ҳама, бо эҷоди эъломияти таърихии худ, ки нахустин Эъломияти ҳуқуқи башар эътироф шудааст, маъруфият дорад. Тақдири давлати муосири тоҷикон ба тақдири давлатдории Куруш шабоҳат дода шудааст. Воқеан, ин ҷо метавон дар мавриди умумияти хукуматдории Куруши Кабир ва Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон сухан кард. Ҳамоҳангӣ ва монандии давлатдорӣ аз хусусият ва сифатҳои фардии онҳо, аз қабили ифтихори ватандориву миллатпарварӣ, адолат ба мардум, масъулияти баланд дар назди тақдири Ватан ва соҳибони он, пуштибонии сулҳу ваҳдат ва монанди инҳо рӯи кор омадааст. Эъломияти Куруши Кабир, ки дар китоб сабт ёфтааст, бо сатрҳое хотима меёбад, ки дилу ният ва омоли Пешвои миллати моро ифода мекунанд: "Сулҳу оромиро ба тамоми мардум ато кардам ва фармон додам, ки ҳама мардум дар парастиши худои худ озод бошанд ва бединонро наёзоранд"

Ин таъкиди башардӯстонаи Куруш барои ҳифзи амну субот дар ҳамон давра муҳим буд ва имрӯз ҳам рукни бунёдии оромиву осоиш ба шумор меравад.

Дар шароити кунунӣ, ки авзои ҷомеаи ҷаҳонӣ ниҳоят мураккаб ва печида мебошад, ин суханони Куруш аҳаммияти боз ҳам бештар касб карда, мо – аҳли башарро даъват менамояд, ки ба хотири сулҳу оромӣ талоши бештар кунем, ҳамдигарфаҳмии халқу миллатҳоро таъмин созем, аз ғасбу куштор, зулм ва хушунату зӯроварӣ даст кашем, ақидаҳои нажодпарастонаро маҳкум намоем ва роҳҳои мусолиматомези ҳалли низоъҳоро пайдо карда, дар оромиву осоиш умр ба сар барем.

"Ман ҳар гоҳ дар фурсати муносиб фориғ аз кори давлатдорӣ ба омӯзиши сарнавишти миллат, зиндагӣ ва осори шахсиятҳои бузурги халқи азизам машғул шуда, китобҳои зиёдеро мутолиа менамоям ва аз сарчашмаҳои гуногун дар бораи таърихи миллатамон маълумот мегирам. Сабақҳои ибратомӯзи таърих, гузаштаи пурифтихор, шахсиятҳои тавонову фарзандони бузурги халқ роҳи гузаштаро пешорӯямон қарор дода, чун ҳаками одил гиреҳи бурду бохти силсилаи давлату давлатдориҳои тоҷиконро бароямон мекушоянд".

Омӯхтани рӯйдодҳои таърихиву фарҳангӣ, зиндагиномаи шахсиятҳои сарсупурдаи миллат ва чеҳраҳои баргузидаи адабӣ имкон медиҳад, ки решаҳои худро аз гузашта дарёфт намоем, ба онҳо пайванд доштани хешро эҳсос карда, ба хотири номуси ватандорӣ ном ва корномаҳои онҳоро аз нав зинда гардонем ва ба фарзандони халқи далерамон бо ифтихор дар бораашон ҳарф занем. Аз чеҳраҳои мондагор, ки мавриди таваҷҷуҳи Пешвои миллат қарор дорад, симои Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ мебошад, ки душманони халқи азизи мо онро ба ҳар гӯша кашида, ӯро гоҳ Румӣ ва гоҳ Қумӣ мехонанд. Вале муҳаққиқи эронӣ Абулҳусайни Зарринкӯб дар нисбати Мавлоно менигорад, ки "...дар тамоми умр худро хуросонӣ мешумурд ва ёди Хуросон ва аҳли хуросонро аз ёд набурд"[3, 339]. Муҳтарам Пешвои миллат шояд аз аввалин сиёсатмадороне буд, ки Мавлоноро бо унвонии "Балхӣ" ном бурд ва хуросонӣ будани ӯро дар тамоми оламиён таъкид намуд ва собит намуд, ки Мавлоно ва аҷдоди ӯ тарбиятгирифтаи тамаддуни ориёӣ мебошад. Баъди ин иқдоми Пешвои миллат дар тамоми марказҳои илмию адабӣ Мавлоно Ҷалолиддинро чун зода ва парвардаи тамаддуни шаҳри бузурги Балх донистанд. Иқдоми дигаре, ки аз ҷониби Пешвои миллат дар нисбати бузургдошти Мавлои Балхӣ роҳандозӣ шудааст, ин дар соли 2007 дар сатҳи ҷаҳонӣ таҷлили 800-солагии солгарди мавлуди ин бузургмард мебошад. Пешвои миллат дар нисбати ин иқдоми фарҳангпарваронаи худ чунин менигоранд ва дар назди муҳаққиқон назару нигоҳи тозаро ба Мавлоно ва эҷодиёти ӯ ба миён гузошта, чунин менависанд: "Аз ҷониби ЮНЕСКО Соли бузургдошти Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ эълон шудани соли 2007, чорабиниҳое, ки Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташкилотҳои гуногун барои таҷлили 800-умин солгард аз мавлуди ин фарзанди баруманди тоҷик ба нақша гирифта, ба иҷро расониданд, дар қатори он ҷашнвораҳои дигар боз аз нав имкон доданд, ки ҳамаи мо ба гузаштаи худ дар мисоли ҳаёт ва осори ин мутафаккир бо диди нав назар андозем ва барои маънидоди воқеияти ҷаҳонӣ муосир дар андешаҳои ӯ барои худ пояҳои нав ба нав ҷустуҷӯ намоем"[14.254]. Эмомалӣ Раҳмон бо ин нигоштаи ҳакимонаи худ ба пажӯҳиши тоза ва воқеъбинонаи Мавлоно ва эҷодиёти ӯ роҳ кушоданд.

Пешвои миллат дар дунболаи пажӯҳишҳои худ дар шинохти ин шахсияти нотакрор масъалаи "таълимоти ӯ нақши ҳиссу ақл дар масъалаҳои маърифати олам, манзалати муҳит ва тарбия дар ташаккули ахлоқии инсон ва мақоми дигар омилҳои иҷтимоӣ дар ҳаёти мардум"-ро ба миён мегузоранд: "Аз тарафи дигар, таълимоти Ҷалолуддини Балхӣ гуногунҷанба буда, тамоми паҳлуҳои зиндагии инсон, андеша, тафаккур ва талаботи рӯзмарраи аҳли башарро фаро мегирад. Ба ҳамин маънӣ такя кардаву неруи фарогирандаи осори Мавлоноро ба назар гирифта, таълимоти ӯро аксари муҳаққиқон "баҳр дар кӯза" номгузорӣ кардаанд, ки ба ҳақиқати ҳол комилан мувофиқ аст. Аз ин рӯ, ақидаву афкори ин мутафаккирро бо як ирфон, ки одатан дур аз воқеият шуморида мешавад, маҳдуд кардан нашояд. Барои таълимоти ӯ нақши ҳиссу ақл дар масъалаҳои маърифати олам, манзалати муҳит ва тарбия дар ташаккули ахлоқии инсон ва мақоми дигар омилҳои иҷтимоӣ дар ҳаёти мардум низ хеле муҳим аст"[14, 254].

Пешвои миллат дар он андеша мебошанд, ки эҷодиёти ин шоири орифро аз воқеият дур маънидод кардан ин бар он хоҳад бурд, ки Мавлоно аз мо ва аз наслҳои оянда фосила мегирад ва ба фарҳангиояндаи миллат бегона хоҳад шуд. Дар китоби "Чеҳраҳои мондагор" Пешвои миллат омезиши ирфону ақлоният ва ахлоқу иҷтимоиётро дар андешаҳои Мавлонои Балхӣ мушоҳида намуда, таъкид менамоянд, ки ба таърихи афкори ниёгон ва мавҷудияти мактабу равияҳои гуногуни фикрӣ дар он мурофиат намоем. Ҳамзамон муаллиф дар таърихи афкори иҷтимоӣ ва фалсафии халқи тоҷик, ки даврони дурударозеро дар бар мегирад, асосан се навъи равия ва мактаби фикриро ба назар мегиранд: динӣ, фалсафӣ ва ирфонӣ.

Решаҳои асосии равияҳои диниро муаллиф аз таърихи бостонии ниёгон ҷустуҷӯ мекунанд ва ба хулоса меоянд, ки "...равияҳои динӣ ё руҳонии мактабҳои фикрии тоҷикони имрӯз ва ниёгони дури мо аз ориёиёни қадим Зардушт, Монӣ ва Маздаку дигар мутафаккирони пешазисломӣ, баъд аз интишори ислом бошад, аз аркони ин дини мубин реша мегиранд ва боварию эътиқод ва маънидоди тамоми масъалаҳои фалсафию иҷтимоӣ аз нигоҳи дин асоси ин навъ ҷаҳонбиниро ташкил медиҳад"[13, 254]. Пешвои миллат бо ин хулосаи худ бар онҳое, ки таърихи миллати моро маҳдуд намуда, онро аз замони зуҳури дини мубини ислом ба ҳисоб мегиранду ба ин ақидаи бепоя такя карда, тамоми арзишҳои тоисломии ниёгонро сарфи назар намуда, моро дар радифи халқиятҳои бесобиқа шинохтан мехоҳанд, хулосаи мантиқӣ ироа медоранд. Ин гуна масъалагузории ҳадафноки Пешвои миллат мавҷи даъвоҳои мункирони воқеияти таърихро паст кард.

Пешвои миллат равияи фалсафиро маҳз дар қисмати Мавлоно баррасӣ менамоянд ва ба чунин натиҷа мерасанд: "Дар равияҳои фалсафӣ ё ақлонӣ бошад, агарчи маънидоди динӣ ё руҳонии масъалаҳо низ ҷой дорад, бо такя ба мантиқу ақл ҷавоб ҷустан ба саволҳое, ки ҳаёти илмиву иҷтимоии инсон онҳоро ба миён меоварад, ҷавҳари ин навъи ҷаҳонбинӣ ҳисоб меёбад. Ба ибораи дигар, ин амр - ақлгароӣ дар таърихи афкори ниёгони мо на танҳо бо такя бар ақидаву афкори худӣ, балки бо истифода аз мантиқу фалсафаи юнониёни қадим ва дигар дастовардҳои аҳли атиқаву асрҳои миёнаи мардуми гуногуни олам сурат гирифтааст"[14, 254].

Пешвои миллат ин бахши сарчашмаи афкори Мавлоноро бештар ба илмҳои дунявӣ ва фалсафаи юнонӣ ва мутафаккирони ин сарзамини илм вобаста медонанд. Онҳое, ки ба фалсафаи юнонӣ муқобил буда, таъсири онро дар ташаккули илми ниёгон инкор мекарданд, ҷавоби хеле мантиқӣ мебошад. Ва ба мо зарур аст, ки барои дастрасии илмҳои дунявӣ ва татбиқи дастовардҳои улуми таббиию риёзӣ роҳ кушоем.

Ирфон ва ба фарҳанги ниёгон роҳ гирифтани ақоиди тасаввуфро муаллиф хеле муфассал мавриди таҳқиқ қарор медиҳанд, зеро Мавлоно ва пайравони ӯро Пешвои миллат дар паҳншавии ин мактаби бузурги илмӣ яке аз пешгомон медонанд ва ин равияи сеюмро муҳаққиқ дар таърихи илму фалсафаи мардуми мо ин роҳи ирфонии тафсири воқеияти иҷтимоии инсон дониста, дар худ ба тарзи махсусе ду роҳи қаблан зикршуда - руҳонӣ ва ақлониро фаро мегирад. Муалиф ирфон ё тасаввуфро мактабе меҳисобанд, ки ақидаҳои динҳои гуногун, аз қабили буддоия, зардуштия, ислом, масеҳият ва ғайраро бо ақлгароӣ аз як тараф ва роҳҳои фавқулақлонии маърифатро аз дигар тараф омезиш дод. Пешвои миллат пас аз баррасию муҳокимаҳои ин се равияи илмию фарҳангӣ ба чунин натиҷа мерасанд, ки "Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ маҳз ҳамин роҳи сеюмро намояндагӣ мекунад ва ба ҳамин сабаб таълимоти ӯро, чуноне ки қаблан зикр гардид, бо як ирфон маҳдуд кардан ва дур аз воқеияту ақлоният шумурдан, ё худ сирф динӣ маънидод кардан чандон дуруст нест"[14,254]. Ҳақ ба ҷониби Пешвои миллат аст, ки ин ҷараёнҳои фалсафиро дар ба назар гирифта, андеша доранд, ки фаҳмишҳои гуногуни таълимоти Мавлоно ҳанӯз аз замони худи мутафаккир вуҷуд доштанд ва ин боис шудааст, ки шоҳасари ӯ - "Маснавии маънавӣ"-ро аз як тараф "Қуръон дар забони паҳлавӣ" хондаанд ва аз тарафи дигар "каломи суфиёни шум" ном гузоштаанд.

Ҳамин тариқ, пажӯҳиши Пешвои миллат барои кулли мардуми форсизабон, ки ба Мавлоно ва осори ӯ таваҷҷуҳ доранд, ба муҳаққиқон ва умуман, ба ҳамаи онҳое, ки ба таълимоти Мавлонои Балхӣ муроҷиат менамоянд, ҳушдор дода, зарур медонад, ки дар баҳодиҳии он аз яктарафагӣ даст кашида, тамоми ҷанбаҳои таълимоти ӯро бубинанд ва бештар ба он мавзуъҳое, ки ба муносибати дину мазҳабҳои гуногун, мушкилоти иҷтимоиву ахлоқӣ ва масъалаҳои зиёди дигари дархӯри воқеъияти муосир нигаронида шудаанд, таваҷҷуҳ намоянд.

**Адабиёт:**

1. Абдуллоев А. Адабиёти форсу тоҷик дар нимаи аввали асри XI. - Душанбе: Дониш, 1979. - 285 с.
2. Зарринкӯб Абдуҳусайн. Бо корвони ҳулла.-Душанбе: Пайванд, 2004. - 334 с.
3. Зарринкӯб Абулҳусайн. Аз гузаштаи адабии Эрон.-Теҳрон, 1375.- 588 с.
4. Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ. Маснавии маънавӣ.-https://ganjoor.
5. Мирзозода Х. Таърихи адабиёти тоҷик.- Душанбе; Маориф, 1986.- 225 с.
6. Саидзода Ҷамолиддин. Фирдавсӣ-шоири паёмрасон. - Душанбе: Дониш, 2022. - 566 с.
7. Салимӣ Носирҷон. Адабиёти давраи Сомониён.- Душанбе, 2021. - 123 с.
8. Самарқандӣ, Давлатшоҳ.“Тазкират-уш-шуаро”.-Хуҷанд: Ношир, 2015.-543 с.
9. Сафо, Забеҳулло . Таърихи адабиёти Эрон.- Душанбе: Алҳудо, 2001. -161 с.
10. Шамисо Сирус. “Сабкшиносии шеъри форсӣ”.- Теҳрон, 1385. - 393 с.
11. Шарифзода Худой.Маънавият ва ҷаҳони зоҳирӣ.-Душанбе: Адиб, 2012.- 353 с.
12. Шиблии Нуъмонӣ. Шеър-ул-Аҷам, ҷилди аввал ва дувум. - Душанбе: ДДОТ, 2016.- 458 с.
13. Этте, Ҳермон. Таърихи адабиёти форсӣ.- Теҳрон, 1337. - 433 с.
14. Эмомалӣ Раҳмон. Чеҳраҳои мондагор.- Душанбе, 2016. - 450 с.

## ВКЛАД НАЦИОНАЛЬНОГО ЛИДЕРА В ЗНАНИЯ МАВЛАНО ДЖАЛАЛИДДИНА БАЛХИ

Уважаемый Лидер нации, пожалуй, был одним из первых политиков, назвавших Маулана титулом «Балхи», чем подчеркнул всему миру его хорасанское происхождение и доказал, что Маулана и его предки были воспитаны в арийской цивилизации. После этой инициативы Лидера нации Маулана Джалалуддин был признан во всех научных и литературных центрах сыном и наследником цивилизации великого города Балха. Ещё одной инициативой Лидера нации в честь Мауланы Балхи стало празднование в 2007 году на мировом уровне 800-летия со дня рождения этого великого человека.

**Ключевые слова**: «Неувядающие лица», Лидер нации, Эмомали Рахмон, Маулана Джалолиддин Балхи, деятели литературы и культуры, исследования, ученый поэт, религиозные убеждения, религия.

## THE CONTRIBUTION OF THE NATIONAL LEADER IN THE KNOWLEDGE OF MAWLANO JALALIDDIN BALKHI

The Honorable Leader of the Nation was perhaps one of the first politicians to call Mawlana with the title of “Balkhi” and emphasized his Khorasan origin to the whole world and proved that Mawlana and his ancestors were educated in the Aryan civilization. After this initiative of the Leader of the Nation, Mawlana Jalaluddin was recognized in all scientific and literary centers as the son and heir of the civilization of the great city of Balkh. Another initiative taken by the Leader of the Nation to honor Mawlana Balkhi was the celebration of the 800th anniversary of the birth of this great man in 2007 at the global level.

**Key words:** "Enduring Faces", Leader of the Nation, Emomali Rahmon, Mawlana Jaloliddin Balkhi, literary and cultural figures, research, learned poet, religious beliefs, religion.

**Маълумот дар бораи муаллифон:**

**Асомиддини Абдумуъмин** - номзади илми таърих, мудири кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон.

**Маҳтоб Мухторова** - омӯзгори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, аълочии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Информация об авторах:**

**Асомиддини Абдумумин** - кандидат исторических наук, заведующий кафедрой "Гуматитарных дисциплин" Технологического университета Таджикистана.

**Махтоб Мухторова** - преподаватель Технологического университета Таджикистана, отличник образования и науки Республики Таджикистан.

**Information about the authors:**

**Asomiddini Abdumumin** - candidate of historical sciences, head of the department of "Humanities" of the Technological University of Tajikistan.

**Makhtob Mukhtorova** - is a teacher at the Technological University of Tajikistan, an excellent worker in education and science of the Republic of Tajikistan.

**УДК 37.018.4**

# МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ ДАР ТАЪЛИМИ ФАНҲОИ ДАҚИҚ ВА ТЕХНИКӢ

**Бобиев О.Ғ., Исмоилова Ф.А.**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

Муносибати босалоҳият дар таълим - ин равиши муосири таълимӣ мебошад, ки ба рушди малака ва салоҳиятҳои хонандагон равона шудааст. Дар ин модели таълим на танҳо ба азхудкунии донишҳо, балки ба такмили қобилиятҳои амалии шахсият таваҷҷуҳ зоҳир карда мешавад. Хусусиятҳои асосии муносибати босалоҳият ин равона будан ба рушди малакаҳо - яъне омӯзгор бештар ба ташаккули малакаҳои амалӣ ва таҳлилӣ мустақилона аҳамият медиҳад. Мафҳуми дигар ин мушкилотгароӣ (Problem-Based Learning) мебошад - яъне донишҷӯён дар раванди таълим бо масъалаҳои воқеӣ рӯ ба рӯ мешаванд ва роҳҳои ҳалли онҳоро меҷӯянд. Фаъолсозии хонандагон - дарсҳо бо иштироки фаъолонаи хонандагон мегузаранд ва онҳо дар муҳокимаҳо, лоиҳаҳо ва таҷрибаҳо ширкат мекунанд. Яке аз масъалаҳои муҳими он ин истифодаи технологияҳои муосир аст, ки дар раванди таълим аз воситаҳои рақамӣ ва интерактивӣ истифода бурда мешавад. Дар раванди таълим ба муносибати фардӣ яъне ба сатҳ ва хусусиятҳои инфиродии ҳар як хонанда таваҷҷуҳ зоҳир мешавад.

**Калидвожаҳо:** таҷриба, муносибати босалоҳият, дарсҳои озмоишӣ, дарс, дарсҳои амалӣ, фанҳои техникӣ.

**Муносибати босалоҳият дар таълимӣ фанҳои техникӣ**

Айни замон дар баробари донишу тавоноии донишҷӯён, нишондиҳандаи муҳими сифати таълим ва таҷрибаи онҳо дар ҳалли масъалаҳои ҳаётӣ, вазифаҳои иҷтимоӣ ва амалии малаки фаъолияти онҳо, яъне ташаккули муносибати босалоҳият низ дар бар мегирад. Ин талаботро ҷомеаи муосири омӯзгорон ба миён мегузорад. Муносибати босалоҳият ба мо имкон медиҳад, ки ин мушкилотро дар раванди омӯзиши фан, хусусан дарсҳои амалӣ ва озмоишӣ ҳал намоем. Чунин равиш яке аз воситаҳои асосии баланд бардоштани сифати таълим дар омӯзиши фанҳои дақиқ ва техникӣ мебошад [1, 2].

Муносибати босалоҳият дар таълим ба рушди салоҳиятҳои донишҷӯён нигаронида шудааст. Ташаккули салоҳиятҳо тавассути ташкили фаъолиятнокии донишҷӯён амалӣ мегардад. Фаъолияти донишҷӯён дар сурате бештар самаранок мегардад, ки шавқу ҳаваси онҳо ба омӯзиши фанҳои таълимӣ бештар шавад. Тавассути вазъияти проблемавӣ шавқу ҳаваси донишҷӯёнро бедор кардан мумкин аст. Ҳалли вазъиятҳои проблемавӣ ба рушди малакаҳои тадқиқотӣ мусоидат менамояд. Муносибати салоҳиятнокӣ дар таълими донишҷӯён дар давраҳои таҳсил аз ҷониби омӯзгор тавассути истифодаи усулҳои фаъоли тадқиқотии проблемавӣ бо истифода аз воситаҳои таълим, хусусан воситаҳои аёнӣ, асбобу олот, таҷҳизоти техникӣ, воситаҳои ченкунӣ, реактив, зарф ва дигар воситаҳои озмоишгоҳҳои химиявӣ, химиявӣ-физикӣ ва физикӣ, инчунин технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ амалӣ карда мешавад.

Дар ин асос мақсади тадқиқот ин таъсири дарсҳои озмоишӣ ва муносибати босалоҳият ба сатҳи донишазхудкунии донишҷӯён дар раванди иҷроиши он мебошад.

Фанҳои дақиқ ва техникӣ бештар бо иҷрои корҳои амалӣ ва таҷрибавӣ алоқаманд буда, барои бедор намудани шавқи донишҷӯён хусусан дар дарсҳои озмоишӣ мавқеи муҳим дорад. Донишҷӯ дар вақти корҳои таҷрибавӣ ва озмоишӣ, бояд таҷрибаи ҳаётӣ ва амалии худро дошта бошад, ки дар ин марҳила ба бисёр равандҳои корҳои таҷрибавӣ дучор мешавад ва мазмуни онҳоро донистан мехоҳад. Ин аст, ки донишҷӯён дар дарсҳои таҷрибавӣ ва озмоишӣ бо дастони худ ягон кореро анҷом додан, таҷриба кардан ё гузаронидани ягон намуди санҷишро иҷро менамоянд. Донишҷӯ дар ин намуд дарсҳо метавонад намуна бошад. Барои он ки шавқу рағбати ӯ ба ин ё он фан гум нашавад, омӯзгор бояд ҳамеша дар бораи он фикр кунад, ки ӯ дарсашро чӣ гуна мегузаронад ва дар он ҷо, чӣ корҳоро анҷом медиҳад. Муҳимтар аз ҳама дар таълим он аст, ки шавқу рағбати донишҷӯён ба ин фан кам нашавад, онҳо ҳамеша ҳавасмандии худро ба омӯзиши ин фанни техникӣ дошта бошанд.

Корҳои озмоишӣ қисми ҷудонашавандаи раванди таълим, махсусан дар фанҳои дақиқ, аз ҷумла технологияи кимёвии маснуоти нассоҷӣ ба ҳисоб меравад. Онҳо ба донишҷӯён на танҳо барои мустаҳкам намудани донишҳои назариявӣ, балки дар таҷрибаи амалӣ низ имконият медиҳанд, ки ин кафолати бомуваффақият аз худ намудани фан мебошад [3].

Гузариши дарсҳои озмоишӣ як қатор ҳадафҳои муҳим доранд аз ҷумла:

- мустаҳкам намудан ва амиқ гардондани донишҳои назариявӣ. Донишҷӯён қонунҳо ва принсипҳои дар курси лексия омӯхташударо дар амал татбиқ мекунанд.

- инкишоф додани малакаҳои таҷрибавӣ. Кор бо реактивҳо, таҷҳизоти озмоишӣ ва усулҳои таҳлилӣ маҳорати касбии донишҷӯёнро инкишоф медиҳад.

- ташаккули равиши тадқиқот. Таҷрибаҳои озмоишӣ ба донишҷӯён таълим медиҳанд, ки гипотеза таҳия кунанд, онҳоро тавассути таҷриба санҷанд ва натиҷаҳоро таҳлил кунанд.

- рушди тафаккури таҳлилӣ ва интиқодӣ. Донишҷӯён шарҳ додани натиҷаҳои таҷрибаро меомӯзанд, сабабҳои тамоюли натиҷаҳои кори озмоишшударо меҷӯянд ва хулоса мебароранд.

Бинобар ин, ҳангоми таҳия намудани барномаҳои таълимӣ ҳамаи ҷиҳатҳои омӯзиши фанро пурра ба инбат бояд гирифт, чунки фанҳои дақиқ бе гузаронидани корҳои амалӣ ва озмоишӣ, дарк намудан ва муайян намудани хусусиятҳои маводҳое, ки нисбати онҳо дар машғулиятҳои лексионӣ гузаронида мешавад бениҳоят мушкил ва номумкин аст.

Бояд қайд намуд, ки ҳангоми таҳияи барномаи фан он аз содда ба мураккаб мегузарад ва дар ин маврид омӯзгор бояд кори мақсаднок гузаронад, то шавқу рағбати донишҷӯён ба ин фан нигоҳ дошта шавад. Ҳолатҳое ҷой доранд, ки донишҷӯён ба омӯхтани як фанни техникӣ мисол “Технологияи кимёвии маснуоти нассоҷӣ” шавку ҳаваси зиёд дорад, аммо ҳангоми омӯхтани фанни дигар шавқу хаваси ӯ ба омӯхтани касби худ кам мешавад. Бинобар ин, дарсро аниқ ба нақша гирифтан зарур аст, чунки донишҷӯён ҳангоми мураккаб шудани мавод шавқу хаваси худро аз даст надиҳанд, балки баръакс, онҳо бояд малакаю маҳорат пайдо кунанд, ки дар оянда масъалаҳои гуногунро ҳал намоянд. Агар донишҷӯ малака ва қобилият дошта бошад, пас ӯ ҳамеша метавонад худаш ҳама гуна масъаларо тартиб дода, роҳҳои ҳалли онро пайдо намояд. Дар раванди омӯзиши фанҳои дақиқ ва техникӣ донишҷӯён малакаҳои назариявӣ ва амалиро инкишоф медиханд. Донишҷӯ метавонад малакаҳои ҳосилшударо дар иҷрои лоиҳаҳои илмӣ, корҳои озмоишӣ, таҷрибаҳои таълимӣ ва истеҳсолӣ истифода барад.

Технологияи кимёвӣ илмест, ки дар раванди таълими он гузаронидани корҳои озмоишӣ аҳамияти муҳим дорад. Ҳодисаҳое ҷой доранд, ки аз сабаби набудани реактивҳои зарурӣ, маснуотҳои нассоҷӣ ва дигар маводҳои ёрирасон, омӯзгор корҳои озмоиширо гузаронида наметавонад, ин дуруст нест, дар чунин ҳолат алтернатива ёфтан, ё ин корро ба таври виртуалӣ гузарондан лозим меояд. Чаро мо инро мегӯем, зеро корҳои озмоишӣ ба такмил ва мустаҳкам намудани дониши донишҷӯён мусоидат мекунанд. Омӯзгор ҳангоми гузаронидани корҳои озмоишӣ, ҳамаи донишҷӯёнро мебинад ва хулоса мебарорад, ки кадом маҳорату қобилиятҳоро ташаккул надодааст ва кадоме аз донишҷӯён бо таҷҳизот ва реактивҳо кор карда метавонад ё ин ки не [3-5].

Вобаста ба ин, эҳтимол дуруст аст, ки таҷрибаҳои дар дарси “Технологияи кимёвии маснуоти нассоҷӣ” гузаронида шуда, дар ташаккули малакаҳои амалии хонандагон аҳамияти калон мебозад. Тавассути гузаронидани таҷриба донишҷӯ моҳияти донишҳои назариявиеро, ки дар китобҳои дарсӣ оварда шудаанд, мефаҳмад. Ва агар донишҷӯ ба фаҳмидани назария шуруъ кунад, пас вай технологияи истеҳсолоти химиявиро низ мефаҳмад. Масалан, қалами полимер ӯ аз чӣ ва чӣ гуна ҳосил шудааст. Гузаронидани таҷриба ва дониши назариявӣ ба донишҷӯ имкон медиҳад, ки мушоҳида кунад, шарҳ диҳад ва роҳҳои дурусти ҳалли масъаларо ёбад. Тарзи таълими ҷолиб ва шавқовар будани фан метавонад ба худмуайянкунии минбаъдаи донишҷӯ мусоидат намояд. Агар бача ба ягон фан шавқу ҳавас дошта бошад ва муаллим ӯро мафтун кунад, дар оянда метавонад ихтисосманди хуб шавад ё ин, ки муҳандис - технолог дар самти ихтисоси худ ба камол расад [6, 7].

Хулоса дар таълими фанҳои дақиқ ва техникӣ муносибати босалоҳият ҳангоми дарсҳои амалӣ ва озмоишӣ аз тарзи гузариши омӯзгор вобастааст. Муносибати босалоҳият дар таълим яке аз равишҳои пешрафтаест, ки ба рушди ҳамаҷонибаи шахсияти донишҷӯён ва тайёрии онҳо ба ҳаёти мустақилона мусоидат мекунад.

**Адабиёт:**


1. Зимняя И.А. Ключевые компетентности как результативно-целевая основа компетентностного подхода в образовании. Авторская версия / Зимняя И.А. - М.: Исследовательский центр проблем качества подготовки специалистов, 2004.

2. Скворцова Г. Компетентностный подход: правила постановки учебных целей [Текст] / Скворцова Г.// Первое сентября. - 2008. - №4. - С.10.

3. Х арл амов а Т. Компетентное обсужден ие [Текст] / Х арл амов а Т.// Школьный пс ихолог. - 2002. - №20. - С. 57-62.

4. М ак ареня А.А. Методолог ия х им и и. Пособ ие для уч ителя./ М ак ареня А.А., Обухов В.Л.- М.: Просвещен ие.1983. - 160 с.

5. Чернобельская Г.М. Методика обучения химии в средней школе: Учеб. для студ. высш. учеб. заведений / Г.М. Чернобельская. - М.: Гуманит. изд. центр ВЛАДОС, - 2010.

6. Данилов А.Н., Столбова И.Д. Порядок разработки компетентностной модели выпускника вуза. - Пермь: Изд-во Перм. нац. исслед. политехн. ун-та, 2013. - 32 с.

7. Троянская С.Л. Основы компетентностного подхода в высшем образовании. Учебное пособие. - Ижевск: Удмуртский университет, 2016. - 176 с.

## ВЗАИМОСВЯЗЬ КОМПЕТЕНЦИЙ В ПРЕПОДАВАНИИ ТОЧНЫХ И ТЕХНИЧЕСКИХ НАУК

Компетентностный подход к образованию – это современный образовательный подход, направленный на развитие навыков и компетенций учащихся. В этой модели образования основное внимание уделяется не только усвоению знаний, но и совершенствованию практических способностей личности. Главными особенностями компетентностного подхода являются ориентация на развитие навыков, то есть преподаватели уделяют больше внимания формированию практических навыков и самостоятельному анализу. Другая концепция – проблемно-ориентированное обучение, то есть в процессе обучения учащиеся сталкиваются с реальными проблемами и ищут пути их решения. Активизация учащихся – уроки проходят при активном участии учащихся, они участвуют в дискуссиях, проектах и экспериментах. Одним из важных его моментов является использование современных технологий – в процессе обучения используются цифровые и интерактивные инструменты. В процессе обучения уделяется внимание индивидуальному подходу, то есть уровню и индивидуальным особенностям каждого учащегося.

**Ключевые слова:** опыт, компетентный подход, пробные уроки, уроки, практические занятия, технические предметы.

## COMPETENCY RELATIONSHIP IN TEACHING EXACT AND TECHNICAL SCIENCES

A competency-based approach to education is a modern educational approach aimed at developing students' skills and competencies. This educational model emphasizes not only knowledge acquisition but also the development of practical skills. The key characteristics of the competency-based approach are a focus on skills development, meaning teachers devote more attention to developing practical skills and independent analysis. Another concept is problem-based learning, meaning that during the learning process, students encounter real-world problems and seek solutions. Student engagement is key: lessons are conducted with active participation, involving students in discussions, projects, and experiments. One of its key aspects is the use of modern technology, employing digital and interactive tools in the learning process. The learning process emphasizes an individualized approach, tailored to the level and individual characteristics of each student.

**Key words:** experience, competent approach, trial lessons, lessons, practical classes, technical subjects.

УДК: 330:004

# УСКОРЕННАЯ ИНДУСТРИАЛИЗАЦИЯ И ЦИФРОВИЗАЦИЯ – ЗАЛОГ КОНКУРЕНТОСПОСОБНОСТИ И РОСТ НАЦИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКИ

**Джабаров Г.Н.**
**Худжандский государственный университет имени академика Б. Гафурова**

В статье рассмотрены проблемы и выявлены перспективы трансформации промышленности в цифровой экономике, а также проведён анализ актуального состояния цифровизации промышленности. Актуальность статьи обусловлена возникновением нового способа производства, который строится на принципиально иных правилах, чем традиционный, и затрагивает все отрасли промышленности, благодаря быстрым развитием новых информационных и коммуникационных технологий.

**Ключевые слова:** цифровая экономика, цифровое производство, промышленность, электронные технологии, цифровое неравенство, цифровизация промышленности.

Для создания цифровой экономики сопутствовало быстрое проникновение информационных технологий во все сферы общественной жизни. Некоторые страны добились впечатляющих темпов экономического роста в результате промышленной революции, при этом промышленность должна воспользоваться этими стремительными технологическими переменами, чтобы реализовать свой потенциал в ходе цифровой революции. Низкая инновационная активность промышленных предприятий является следствием медленной трансформации промышленности [1].

В 1995 году термин «цифровая экономика» ввёл в научный оборот американский информатик Массачусетского университета Николас Негропонте, и на основе данного термина лежит цифровое представление информации, которое многократно увеличивает её плотность, точность записи и скорость передачи. Суть цифровой экономики заключается в том, что цифровая экономика - хозяйственная деятельность, в которой ключевым фактором производства являются данные в цифровом виде, обработка больших объёмов и использование результатов анализа, которые по сравнению с традиционными формами хозяйствования позволяют существенно повышать эффективность различных видов производства, технологий, оборудования, хранения, продажи, доставки товаров и услуг.

Как правило, цифровая (электронная) экономика - это совокупность общественных отношений, складывающихся при использовании электронных технологий, электронной инфраструктуры и услуг, технологий анализа больших объёмов данных и прогнозирования в целях оптимизации производства, распределения, обмена, потребления и повышения уровня социально-экономического развития государств [2, 94]. Определение цифровая экономика, с одной стороны, соответствует общепринятому понятию «экономика», с другой стороны, отражает особенности инфраструктуры цифровой экономики и её направленность на оптимизацию стадий общественного производства и повышение уровня социально-экономического развития. В условиях цифровой экономики ключевыми факторами экономической деятельности становятся электронные технологии и услуги, а также представленные в цифровом виде объёмные, многоотраслевые данные, обработка и анализ. Тем самым это позволяет по

сравнению с традиционными формами хозяйствования существенно повысить эффективность и качество производства и потребления товаров, работ и услуг, а также процедур управления, поэтому цифровизация активно проникает во все отрасли экономики. В настоящее время одно из самых заметных изменений происходит сейчас в промышленности, в результате чего в последствии появился термин Industry, который означает новый уровень развития автоматизации производственных и логистических сетей [10]. Термин Industry подразумевает полностью автоматизированное производство, управляемое интеллектуальными системами в режиме реального времени и находящееся в постоянном взаимодействии с внешней средой, не ограниченное рамками одного предприятия. Цифровая технология в промышленности повысит её конкурентоспособность на мировом рынке и обеспечит долгосрочный рост национальной экономики, в результате чего цифровые возможности станут базой для высоких темпов экономического роста и новой структуры экономики.

В результате применения цифровых технологий основными источниками прироста ВВП станут оптимизация производственных и логистических операций; повышение эффективности труда и производительности оборудования; снижение расхода ресурсов и производственных потерь; повышение эффективности НИОКР [4]. Развитие цифровой трансформации сильно зависит от уровня экономики, что порождает цифровое неравенство, при этом странами-лидерами, которые обладают крайне развитой цифровой экономикой и мощной динамикой развития, по данным Harvard Business Review, являются Великобритания, ОАЭ, Малайзия и другие.

Кроме того, цифровая экономика развита в таких государствах как США, Германия, Финляндия, Канада, при этом Россия входит в группу стран с низким уровнем цифровизации, но стремительно развивающихся [5, 228]. В странах ЕС, ОАЭ, Сингапуре, Новой Зеландии, Китае, Малайзии и Саудовской Аравии в формировании развитой цифровой экономики в большинстве стран активно участвовало государство. Правительства стран с быстроразвивающейся цифровой экономикой прикладывают значительные усилия, чтобы повысить свой уровень цифровизации, доказательством этого могут быть: Германия, где действует масштабная программа по цифровизации промышленности Industrie 4.0 (в узком смысле), Китай - программа «Сделано в Китае - 2025», США - программа «Электронная экономика», Великобритания - «Стратегия развития цифровой экономики» и «Промышленная стратегия».

Динамичное развитие цифровой экономики невозможно без активного участия в этом процессе государства, при этом в Таджикистане не очень развита информационно-телекоммуникационная инфраструктура, кроме того, проникновение интернета находится на низком уровне. Домашнее хозяйство, особенно в сельской местности, где имеются персональные компьютеры и доступ к сети Интернет, очень незначительно, но подавляющее большинство организаций используют для своей деятельности персональные компьютеры и глобальные информационные сети. Имеются многие наработки в вопросах информационной техники, аппаратно-программных решений в различных отраслях, которые позволяют создавать конкурентоспособные на мировом рынке продукты, и можно сделать вывод о степени готовности Таджикистана для цифровой трансформации.

Как показала практика, по уровню цифровизации промышленности Таджикистан сильно отстаёт от соседних стран, при этом показатели использования цифровых технологий в Таджикистане заметно ниже, чем в большинстве стран с развитой цифровой экономикой.

В ближайшие два года по данным аналитиков наиболее быстрыми темпами в организациях промышленного производства будут внедряться следующие цифровые технологии:

- бизнес-аналитика, в том числе интеллектуальный анализ данных с помощью машинного обучения;
- интернет вещей (IoT);
- системы компьютерной безопасности.

Основной причиной медленного развития цифровой экономики являются: несогласованность действий многочисленных уполномоченных институтов; нерациональное и неэффективное распределение бюджетных средств; непрозрачное и нецелевое финансирование, нехватка квалифицированных кадров [9]; не совсем благоприятная среда для ведения бизнеса и передачи инноваций в производство; не соответствующая современным требованиям нормативная база, низкий уровень применения цифровых технологий в бизнесе [8].

Но мы считаем, что главной причиной, сдерживающей темпы внедрения цифровых технологий в промышленности, является дефицит инвестиционных ресурсов.

Кроме того, объём инвестиций частных компаний в цифровизацию отсутствует в развитых странах, например, в США он достигает 5%, в странах Западной Европы - 3,9% от ВВП [6], при этом решение проблемы привлечения инвестиций в промышленность позволит преодолеть высокую степень износа основных фондов предприятий, создать технологическую базу конкурентоспособного производства.

В настоящее время в Таджикистане идёт быстрая индустриализация и имеется большой потенциал для ускоренного обновления мощностей и преодоления технологического отставания от стран-лидеров.

По нашему мнению, в сфере инвестиций необходимо решить следующие основные задачи:

- стимулирование инвестиционной активности организаций и населения;
- развитие механизмов государственно-частного партнёрства;
- поддержание государственным финансированием эффективных предприятий вместо масштабных программ [9];
- упрощение процедуры получения государственной поддержки;
- ориентация на инвестиции в экпортоориентированные проекты.

В области цифровых промышленных технологий оказывать содействие в апробировании и внедрении инновационных разработок необходимо увеличить объёмы государственного финансирования НИОКР.

Созданию благоприятной регуляторной среды - обеспечение необходимых условий для развития цифровой экономики, в частности, поддержки инновационных разработок и внедрения технологий, необходимо уделять особое внимание [7], при этом необходимо создать законодательные основы цифровой экономики и систему правового регулирования институтов цифровой экономики.

## Литература:


1. Анализ важнейших структурных характеристик производственных мощностей обрабатывающей промышленности России. Центр стратегических разработок. [Электронный ресурс]. URL: http://csr.ru/wp-content/ uploads/ 2017/01/Doklad_ promyshlennye-moshhnosti.pdf (дата обращения: 10.09.2022).

2. Гарнов А.П., Гарнова В.Ю. Инновационный потенциал России: проблемы и перспективы реализации// РИСК: Ресурсы, информация, снабжение, конкуренция, 2016. № 1. - С. 92-97.

| 5. | **А. И. Пригожин** | Инноватсия – ин рушди технология, техника, идоракунӣ дар марҳилаҳои пайдоиш, азхудкунӣ ва диффузия[19] дар дигар объектҳо мебошад.[20] |

[14] Мясникович М.В. Инновационная деятельность в Республике Беларусь: теория и практика. - Минск: Аналитический центр НАН Беларусии; Право и экономика, 2004. - 178 с.

[15] Морская Т.В. Инновации и инновационная деятельность: Теоретический аспект исследования// Экономические и юридические науки. Управление № 4. - 137. -143 с.

[16] Лапин В.Н. Социальные аспекты управления нововведениями. Таллин, 1981, с.21.

[17] Балабанов И.Т. Инновационный менеджмент. СПб.: Питер, 2000, - С. 34.

[18] Гохберг Л.М. Статистика науки и инноваций. Краткий терминологический словарь. - М., 1996, - С. 45.

[19] **Диффузия инноваций** (innovation diffusion) – процесс распространения, проникновения в разные области экономики технологических, организационных и иных инноваций. (Термин введен великим австрийским экономистом Й.Шумпетером).

[20] Богдан Н.И. Региональная инновационная политика / Н.И. Богдан. - Новополоцк: ПГУ, 2000. - 358 с.

| | | |
|---|---|---|
| 6. | **Комилов С.Дж. Гафаров Ф.М.** | Инноватсия - натиҷаи меҳнати зеҳнии (интеллектуалии) инсон, ки ҳадафи он ҷорӣ намудани усулҳои нав ва тағйироти сифатӣ ба намуди мавҷудаи дороиҳо (молҳо, хизматрасониҳо, технологияҳо ва ғайра), инчунин дар ташкили меҳнат, истеҳсолот ва идоракунӣ мебошад.[21] |
| 7. | **Ҷӯрабоев Г.Ҷ., Қаюмова Ф.А.** | Инноватсия равандест, ки хусусияти қонунӣ ва объективӣ дорад, ки ба беҳтар кардани истеҳсоли ҷамъиятӣ тавассути иваз кардани технологияҳои истифодашуда ё гузаштан ба истеҳсоли маҳсулоти инноватсионӣ бо истифода аз дастовардҳои илм ва техника нигаронида шудааст.[22] |
| 8. | **Бабаджанов Р.М., Атаханова Ф.Д.** | Инноватсия дар айни замон на танҳо рушди техникӣ ва технологӣ, балки ҷустуҷӯ ва истифодаи шаклҳои нави тиҷорат, усулҳои нави кор дар бозор, молҳо ва хидматҳои навро дар бар мегирад[23] |
| 9. | **Файзуллоев М.К.** | Инноватсияро аз рӯи хусусияти фаъолияти инноватсионӣ, шаклҳои моликият, ҷои татбиқи инноватсия тасниф кардан мумкин аст.[24] |
| 10. | **Раҳимов Р.К. Довгялло Я. П.** | Рушди инноватсионӣ бо рушди сармояи инсонӣ ҳамчун омили ҳалкунандаи истифодаи оқилонаи на танҳо иқтидори меҳнатӣ, балки иқтидори истеҳсолӣ, аз ҷумла иқтидори илмӣ-техникӣ алоқаманд мебошанд.[25] |
| 11. | **Ақидаи муаллиф** | Инноватсия гуфта, намуди фаъолияти навоварӣ ё навгонии ҷоришавандаро дар истеҳсолот ва хизматрасонӣ меноманд, ки барои баланд бардоштани самаранокии раванд, сифати маҳсулот ва рақобат дар бозор равона шуда, бояд ба талаботҳои имрӯзаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ҷавобгӯй бошад |

Пас аз баррасии ақидаҳои муаллифон ба хулосае омадан мумкин аст, ки ҳамаи таърифҳои истилоҳи “инноватсия”-и муаллифони зикршуда хислатҳои хоси онро қисман инъикос намуда, маҳдудиятҳо ва зиддиятҳо низ доранд. Бояд қайд кард, ки мафҳуми инноватсия ва фаъолияти инноватсионӣ на танҳо дар байни олимону муҳаққиқон гуногунмазмун мебошад, балки он дар қонунгузории ҳар як давлат низ ба таври гуногун қабул карда шудааст.

Хулоса, дар шароити иқтисоди бозорӣ фаъолияти инноватсионӣ ҳамчун воситаи асосии таъмини рушди устувор ва рақобатпазирии корхонаҳо мавқеи калидӣ дорад. Инноватсия на танҳо дар сатҳи техникӣ ва технологӣ, балки ҳамчун як раванд ва равиши стратегии рушди иқтисодӣ амал мекунад, ки ҳамаи унсурҳои иқтисодиётро дар бар мегирад - аз тадқиқоти

[21] Комилов С.Д., Гафаров Ф.М. Инвестиционный потенциал региона: теория формирования и пути развития. / Монография. - Душанбе: «Ирфон», 2017. - 215 с.
[22] Джурабаев Г.Дж., Каюмова Ф.А. Региональная стратегия инновационно-ориентированного развития промышленных предприятий. - Душанбе: Ирфон, 2016. - 160 с.
[23] Бабаджанов Р.М., Атаханова Ф.Д. Сущность инновационного потенциала Республики Таджикистан и его структура // Экономика Таджикистана. – 2021. – № 1. – с. 51–57.
[24] Файзуллоев М.К. Проблемы становления и развития инновационного предпринимательства в Республике Таджикистан. / Монография. - Душанбе: «Ирфон», 2017. - С. 8.
[25] Макроэкономические пропорции и механизмы экономического роста в Республике Таджикистан (проблемы и основные направления совершенствования) / Р.К. Рахимов, Я.П. Довгялло, Б.М. Шарипов, Ю.Р. Юсуфбеков; АН РТ, Ин-т экономики и демографии. - Душанбе: Дониш, - 2016.

илмӣ то истеъмоли маҳсулоти нав. Корхонаҳо бояд доимо ба навовариҳо такя кунанд, то дар бозори динамикӣ мавқеи худро нигоҳ доранд ва ба талаботи рӯзафзуни истеъмолкунандагон ҷавобгӯ бошанд. Таҳлили назарияҳо ва моделҳои олимон нишон медиҳад, ки фаъолияти инноватсионӣ ҳамчун як ҷараёни мураккаб ва бисёрсамта дар назар дошта мешавад, ки он ба ташкили муҳити ҳавасманд, таҳқиқоти илмӣ, истифодаи захираҳои зеҳнӣ ва эҷоди инфрасохтори мувофиқ ниёз дорад. Дар маҷмуъ, фаъолияти инноватсионӣ омили муҳими таъсиррасон ба рушди иқтисоди миллӣ ва ҷаҳонишавии истеҳсолот ба шумор меравад.

**Адабиёт:**


1. Назаров Ш.Ш. Иқтисодиёти Тоҷикистон. - Душанбе: Ирфон, 2021.
2. Бобоев Ҳ. Иқтисоди бозорӣ ва хусусиятҳои он дар Тоҷикистон. - Душанбе: Маориф, 2020.
3. Давлатзода Ш. Идоракунии фаъолияти инноватсионӣ дар корхонаҳо. - Душанбе: Матбуот, 2022.
4. Porter M.E. (1990). The Competitive Advantage of Nations. - Free Press.
5. Schumpeter J.A. (1934). The Theory of Economic Development. Harvard University Press.
6. OECD (2018). Oslo Manual: Guidelines for Collecting, Reporting and Using Data on Innovation. - OECD Publishing.
7. Freeman C., & Soete L. (1997). The Economics of Industrial Innovation. - MIT Press.
8. Маҳмадалиев Ш. Инноватика ва идоракунии рушди инноватсионӣ. - Душанбе: Дониш, 2023.
9. Romer, P. M. (1990). Endogenous Technological Change. - Journal of Political Economy, 98(5).
10. Барномаи давлатии рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030. - Душанбе: Вазорати рушди иқтисод ва савдо.


## ЗНАЧЕНИЕ ИННОВАЦИОННОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ В УСЛОВИЯХ РЫНОЧНОЙ ЭКОНОМИКИ И КОНКУРЕНТОСПОСОБНОСТИ ПРЕДПРИЯТИЙ


В условиях экономической глобализации и жёсткой рыночной конкуренции инновации стали ключевым элементом и решающим фактором устойчивого развития предприятий. Эта концепция играет важную роль не только в научном дискурсе и государственной политике, но и в практической деятельности и стратегиях развития компаний. Предприятия, желающие сохранить или укрепить свои позиции в динамичной рыночной среде, должны постоянно внедрять инновационные процессы и использовать научно-технические достижения и результаты научных исследований в качестве основы для принятия стратегических решений. Обеспечение регулярной инновационной деятельности на таких предприятиях не только повышает конкурентоспособность, но и способствует формированию устойчивых рыночных преимуществ.



**Ключевые слова:** инновации, эффективность, конкурентоспособность, новатор, экономист.


## THE IMPORTANCE OF INNOVATIVE ACTIVITY IN THE CONDITIONS OF A MARKET ECONOMY AND COMPETITIVENESS OF ENTERPRISES


**Annotation.** In the context of economic globalization and fierce market competition, innovation has become a key element and decisive factor in the sustainable development of enterprises. This concept plays an important role not only in scientific discourse and public policy, but also in practical activities and development strategies of companies. Enterprises wishing to maintain or strengthen their positions in a dynamic market environment must constantly implement innovative processes and use scientific and technological achievements and research results as a basis for making strategic decisions. Ensuring regular innovative activities at such enterprises not only increases competitiveness, but also contributes to the formation of sustainable market advantages.



**Key words:** innovation, efficiency, competitiveness, innovator, economist.

**Маълумот дар бораи муаллиф:**

**Қодирзода Шабнам Абдуғойиб** - ассистенти кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Н. Қаробоев, 63/3. Тел: (+992) 918117383; E-mail: sh.qodirzoda93@mail.ru

**Сведения об авторе:**

**Кодирзода Шабнам Абдугойиб** - ассистент кафедры "Финансы и кредит" Технологического университета Таджикистана. 734061, Республика Таджикистан, г. Душанбе,ул. Н. Карабаева, 63/3. Тел: (+992) 918117383; E-mail: sh.qodirzoda93@mail.ru

**Information about the author:**

**Kodirzoda Shabnam Abdugoyib** - assistantat of the Department of Finance and Credit at the Technological University of Tajikistan. 734061, Republic of Tajikistan, Dushanbe, N. Karoboev, 63/3. Tel: (+992) 918117383; E-mail: sh.qodirzoda93@mail.ru

**УДК 330.34.(045)**

## ФАЪОЛИЯТИ ИННОВАТСИОНӢ ДАР ҚОНУНГУЗОРИИ КИШВАРҲОИ ИДМ: ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВӢ ВА ДУРНАМОИ РУШДИ ОН ДАР ТОҶИКИСТОН

**Қодирзода Ш.А.**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

Мақола ба таҳлили мафҳуми "фаъолияти инноватсионӣ" дар қонунгузории кишварҳои ИДМ бахшида шудааст. Дар асоси муқоисаи мафҳуми мазкур дар санадҳои меъёрии давлатҳои гуногун, муҳимтарин хусусиятҳо ва фарқиятҳои таърифҳои ҳуқуқии он нишон дода шудааст. Муаллиф таъкид мекунад, ки барои ташаккули иқтисодиёти инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳияи қонунгузории мукаммал, рушди инфрасохтори инноватсионӣ ва неруи кадрии илмӣ-техникӣ аҳамияти калидӣ дорад.

**Калидҷожаҳо:**фаъолият, инноватсионӣ, қонунгузорӣ, санадҳо, лоиҳаҳои инноватсионӣ, дастовардҳои илмию техникӣ, хизматрасонӣ.

Дар шароити муосири рушдёбандаи ҷаҳони иқтисодӣ, нақши инноватсияҳо дар баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ ва таъмини рушди устувор торафт бештар мегардад. Фаъолияти инноватсионӣ ба ҳайси неруи асосии рушд ва бозсозии сохтори иқтисод, махсусан барои кишварҳои рӯ ба тараққӣ, баромад мекунад. Дар ин росто, ташаккули муҳити мусоиди ҳуқуқӣ барои фаъолияти инноватсионӣ нақши калидӣ мебозад. Қонунгузории кишварҳои ИДМ дар самти танзими ҳуқуқии ин навъи фаъолият таҷрибаи гуногун пешниҳод мекунанд, ки омӯхтани он метавонад барои таҳияи сиёсат ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон арзиши амалӣ дошта бошад. Ин таҳқиқот ба муқоисаи фаҳмиши мафҳуми “фаъолияти инноватсионӣ” дар қонунгузории кишварҳои зикршуда равона гардида, паҳлуҳои умумӣ ва фарқкунандаи онро таҳлил мекунад.

**Ҷадвали 1.**

**Мафҳуми “фаъолияти инноватсионӣ” дар санадҳои меъёрӣ - ҳуқуқии давлатҳои ИДМ**

| № | Давлатҳои ИДМ | Мафҳуми инноватсия ё фаъолияти инноватсионӣ |
|---|---|---|
| 1. | **Ҷумҳурии Тоҷикистон** | Фаъолияти инноватсионӣ - фаъолияте, ки бо таҳия ва ҷорӣ намудани инноватсия (натиҷаҳои нав ё такмилёфтаи таҳқиқоти илмӣ, корҳои таҷрибавӣ - конструкторӣ ё дигар дастовардҳои илмию техникӣ) алоқаманд буда, ба бозор дар шакли маҳсулоти нав ё такмилёфта, хизматрасонӣ, усули истеҳсолӣ ё дигар натиҷаи аз ҷиҳати иҷтимоӣ муфид расондани он равона карда шудааст;[26] |
| 2. | **Ҷумҳурии Узбекистон** | Фаъолияти инноватсионӣ - фаъолият оид ба эҷоди таҳияҳои нав, инчунин таъмини интиқол ва татбиқи онҳо ба соҳаи истеҳсолот;[27] |
| 3. | **Ҷумҳурии Беларус** | Фаъолияти инноватсионӣ - фаъолият оид ба табдил додани навоварӣ ба инноватсия;[28] |
| 4. | **Ҷумҳурии Қазоқистон** | Фаъолияти инноватсионӣ ҳамчун фаъолияте фаҳмида мешавад (аз ҷумла фаъолияти зеҳнӣ, эҷодӣ, илмӣ, илмӣ-техникӣ, технологӣ, истеҳсолӣ - инноватсионӣ, инфокоммуникатсионӣ, ташкилӣ, молиявӣ ва (ё) тиҷоратӣ), ки ба эҷоди инноватсия нигаронида шудааст.[29] |
| 5. | **Ҷумҳурии Қирғизистон** | Фаъолияти инноватсионӣ – фаъолият оид ба табдил додани навоварӣ ба инноватсия, ки ба офаридан ва ворид намудани маҳсулоти инноватсионӣ ба муомилоти ҷамъиятӣ (иқтисодӣ) нигаронида шудааст;[30] |
| 6. | **Ҷумҳурии Туркманистон** | Фаъолияти инноватсионӣ фаъолиятест, ки ба эҷоди навовариҳо ва дар асоси онҳо ба даст овардани натиҷаи амалии навгониҳоро таъмин мекунад;[31] |
| 7. | **Федератсияи Русия** | Фаъолияти инноватсионӣ - фаъолиятест, ки ба эҷоди навовариҳо ва татбиқи лоиҳаҳои инноватсионии марбут ба истифодаи технология ва дигар натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ дар соҳаҳои илмию техникӣ, инчунин, ба ташкили инфрасохтори инноватсионӣ ва таъмини фаъолияти он равона шудааст.[32] |
| 8. | **Ҷумҳурии Молдова** | Фаъолият дар соҳаи инноватсия ва интиқоли технология - раванди табдил додани натиҷаҳои тадқиқоти илмӣ, коркардҳои амалӣ ё дигар дастовардҳои илмию техникӣ ба донишҳои нави илмӣ ё маҳсулот, хизматрасонӣ, равандҳои нав ё мукаммал, ки ба талаботи амалӣ вобаста ба раванди интиқол ва татбиқи технологияю талаботи бозор ҷавобгӯ мебошанд.[33] |

**Манбаъ: Қонунҳои давлатҳои ИДМ “Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ”**

---

[26] Закон Республики Таджикистан "Об инновационной деятельности" 29 марта 2012 года, №296. URL https://medt.tj/documents/main/normativno-pravovie-akti/zakonodatelnie-akti/ru/02565-ru.pdf (санаи мурочиат 21-11-24).

[27] Закон Республики Узбекистан об инновационной деятельности принят законодательной палатой 7 апреля 2020 года URL: https://lex.uz/ru/docs/4910448 (санаи мурочиат 21-11-24).

[28] Принят Палатой представителей 31 мая 2012 года, одобрен советом республики 22 июня 2012 года URL: https://pravo.by/document/?guid=3871&p0=h11200425 (санаи мурочиат 21-11-24)

[29] Кодекс Республики Казахстан от 29 октября 2015 года № 375-V «Предпринимательский кодекс Республики Казахстан» (с изменениями и дополнениями по состоянию на 21.10.2024 г.) URL https://online.zakon.kz/Document

[30] Закон Кыргызской Республики от 23 марта 2023 года № 65 Об инновационной деятельности, URL: https://faolex.fao.org/docs/pdf/kyr228752.pdf (санаи мурочиат 21-11-24)

[31] Закон Туркменистана Об инновационной деятельности (Ведомости Меджлиса Туркменистана, 2014 г., № 3, ст. 106) *(С изменениями, внесенными Законом Туркменистана от 02.03.2019 г. № 130-VI)* URL: https://mejlis.gov.tm/single-law/165?lang=ru

[32] Федеральный закон Российской Федерации от 23 августа 1996 г. № 127-ФЗ «О науке и государственной научно-технической политике», URL: http://council.gov.ru/media/files/e9MQ3cAUlDG8JLcnoWGxEWXIC54 qfSFA.pdf

[33] Кодекс Республики Молдова о науке и инновациях от 15 июля 2004 года №259-XV Статья 22. URL: https://wipolex-res.wipo.int/edocs/lexdocs/laws/ru/md/md050ru.pdf (24-11-24).

Дар ҷадвали 1. барои муайян кардани мундариҷаи фаъолияти инноватсионӣ, ки дар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Федератсияи Русия, Молдова Қирғизистон, Туркманистон, Узбекистон, Туркманистон ва ҷумҳурии мо дарҷ ёфтааст, ки фаъолияти инноватсионӣ на танҳо дар соҳаи истеҳсолоти моддӣ, балки дар соҳаи ғайримоддӣ (дар соҳаи маориф, тандурустӣ, фарҳанг), аз ҷумла соҳаи мудофиа ва амният, идоракунии давлатӣ низ метавонад сурат гирад.

Таҳлили муқоисавии дар боло овардашуда нишон медиҳад, ки фаъолияти инноватсионӣ дар қонунгузории Қазоқистон бештар тавзеҳ гардидааст, аз ҷумла:

1) Фаъолияти инноватсионӣ фаъолияте ҳисобида мешавад, ки натиҷаҳои он дар самтҳои мухталифи истеҳсолот ва соҳаи идоракунии ширкатҳо амалӣ карда мешавад (бе маҳдудият дар соҳаҳо ва ё минтақаҳо);

2) Фаъолияти инноватсионӣ фаъолиятест, ки дар амал татбиқ намудани донишҳои илмӣ, технология ва намудҳои маҳсулот нав ва ҳама гуна ғояҳои нави ба рушди иқтисодӣ ва рақобатпазирӣ мусоидаткунандаро дар бар мегирад.[34]

Равишҳои муайян кардани мафҳуми “фаъолияти инноватсионӣ” дар қонунгузории Федератсияи Русия гуногунанд. Муттаҳидсозии дурусти консепсияи мафҳуми “фаъолияти инноватсионӣ” аҳамияти бузурги амалӣ дорад, зеро он самаранокии танзими ҳуқуқии муносибатҳои дахлдори иҷтимоиро муайян мекунад. Ҳамзамон, ҳар як субъекти фаъолияте, ки ҳама гуна зуҳуроти мушаххаси фаъолияти инноватсиониро муаррифӣ мекунад, бояд дар маҷмуъ ҳамчун фаъолияти инноватсионӣ ва мутаносибан, ҳамчун як объекти нуфузи давлат дар доираи татбиқи чораҳои ҳавасмандкунандаи сиёсати инноватсионӣ баррасӣ карда шавад.

Бо назардошти зарурати пешниҳоди фаъолияти инноватсионӣ ҳамчун маҷмуи ҷудонашавандаи зуҳуроти он, бо мақсади қонунгузорӣ, мафҳуми зерини "фаъолияти инноватсионӣ" пешниҳод карда мешавад: Фаъолияти инноватсионӣ фаъолиятест, ки иборат аст аз:

1) гузаронидани таҳқиқоти бунёдӣ ва (ё) амалӣ;

2) иҷрои корҳои таҷрибавию технологӣ;

3) татбиқи корҳои таҷрибавӣ дар амал;

4) ҷорӣ намудани технологияҳои нав;

5) азнавтаҷҳизонии техникии истеҳсолот;

6) истеҳсоли маҳсулоти нав бо истифода аз технологияи нав;

7) беҳтар намудан ва ё пешниҳоди хизматрасониҳои нав;

8) озмоиши маҳсулот ё технологияи нав;

9) пешниҳоди махсулоти нав, такмилёфта, технология, хизматрасонӣ дар бозори дохилӣ ва (ё) ҷаҳонӣ;

10) таълим, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кадрҳо;

11) ташхис, машварат, иттилоот, хизматрасониҳои ҳуқуқӣ ё дигар маблағгузориҳо (аз ҷумла ташкили маблағгузорӣ), ки ба таҳия, татбиқ, рушд, истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти нав ё мукаммалшуда (технология, хизматрасонӣ) алоқаманданд;

12) ташкил, патентикунонии (аз ҷумла дар хориҷа) моликияти зеҳнӣ, ба даст овардан ё додани ҳуқуқи онҳо, аз ҷумла иштирок дар муомилоти ҳуқуқӣ ва шаҳрвандӣ;

13) истеҳсоли молҳо (иҷрои корҳо, хизматрасониҳо) бо истифода аз моликияти зеҳнӣ;

14) тадриҷан такмил додани таҷҳизоти истифодашаванда, технологияи истеҳсолӣ, маҳсулоти истеҳсолшуда, корҳо ва хизматрасониҳо;

---

[34] Степаненко Д.М. Инновационный процесс и инновационная деятельность: понятие, сущность, характеристики // ПСЭ. 2009. №4. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/innovatsionnyy-protsess-i-innovatsionnaya-deyatelnost-ponyatie-suschnost-harakteristiki (дата обращения: 18.03.2022).

15) содироти маҳсулоти нав;

16) ташкили бозорҳои нави молҳо (корҳо, хизматрасониҳо);

17) дар амалияи ҳамарӯза татбиқ кардани қарорҳои пешқадами нав дар ҳама соҳаҳо;

18) дар амал татбиқ ва истифода кардани таҷрибаи пешқадами дорои хусусияти ташкилӣ, идоравӣ, молиявӣ, тиҷоратӣ, ҳуқуқӣ ва дигар;

19) сармоягузории молиявӣ, ки бо татбиқи амалҳои номбаршуда алоқамандаанд;

20) бунёд ва рушди иншооти инфрасохторӣ, ки барои иҷрои ин чорабинӣ мусоидат мекунанд.

Низоми миллии инноватсионӣ бояд дар заминаи меъёриву ҳуқуқӣ дар соҳаи фаъолияти илмӣ, илмию техникӣ, инноватсионӣ, инчунин рушди низоми тадбирҳои иқтисодии ҳавасмандгардонии фаъолияти мазкур ташаккул ёбад. Илова бар ин, таҳияи санадҳои қонунгузорӣ оид ба моликияти зеҳнӣ, ҳимоя ва муҳофизати ҳуқуқҳои субъектон (шаҳрвандон) ба иншооти моликияти зеҳнӣ ва натиҷаҳои дигари фаъолияти илмӣ ва илмию техникӣ зарур аст. Ҳамин тариқ, барои ташкилотҳои ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёти ба раванди инноватсионӣ вобаста буда (дар тадқиқотҳо ва пажӯҳишҳо, истеҳсолот, фурӯш ва хизматрасонии навовариҳо, омодасозӣ ва бозомӯзии кадрҳои илмию тадқиқотӣ, маблағгузории ин ҷараён, таъмини меъёрию ҳуқуқӣ) қоидаҳои инноватсияро ташкил намудан зарур мебошад.

Айни замон дар ҷаҳон тағйиротҳои амалию назариявӣ дар таъмини рушди инноватсионии ҷомеа ба амал омада истодааст. Ин ба он вобаста аст, ки аксари кишварҳои ҷаҳон дар давраи гузариш ба марҳилаи сифатан нави рушд, яъне рушди инноватсионию иттилоотӣ қарор доранд. Равандҳои инноватсионӣ дар рушди иқтисодӣ торафт мавқеи сазоворро ба даст меоранд ва ҳиссаи маҳсулоти соҳаҳои аз ҷиҳати технологӣ пешрафта дар маҷмуи маҳсулоти дохилии аксари кишварҳои мутараққӣ мунтазам меафзояд.

Айни замон, иқтисодиёте ба вуҷуд омада истодааст, ки онро "иқтисодиёти нав" меноманд. Ҷорӣ намудани мафҳуми "иқтисодиёти нав" дар таҷрибаи илмӣ бевосита бо ҳал гардидани мушкилиҳои рушди фаъолияти инноватсионӣ ва баҳодиҳии сифатан нав, нақши илм ва равандҳои инноватсионӣ вобаста аст. Аз ин рӯ, пурзӯр гардидани омили илмию инноватсионӣ дар ҷомеа - гузариш ба навъи инноватсионии хоҷагидориро пешниҳод менамояд, ки он ба идораи бозор ва мазмуни танзими давлатии иқтисодиёт сахт таъсир мерасонад.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ рушди инноватсионии иқтисодиёт ба афзоиши сифати зиндагии шаҳрвандон, рушди кишварҳои ақибмонда нисбат ба кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон нигаронида шудааст, ки ин ба ҳамгироии байналхалқӣ мусоидат менамояд. Дар ин маврид, вазифаи муҳими рушди инноватсионӣ афзоиши истеҳсолот ва фурӯши маҳсулоти аз ҷиҳати технологӣ пешрафтаи рақобатпазир дар бозори ҷаҳонӣ мебошад, ки онҳо бинобар дар таркиби худ доштани меҳнати зеҳнӣ ҳиссаи зиёди арзиши иловашударо моликанд. Дар кишварҳои мутараққӣ 80–95 фоизи маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ба ҳиссаи донишҳои нави дар техника ва технология таҷассумёфта, усулҳои ташкили меҳнат, истеҳсолот ва идора, инчунин баланд бардоштани дараҷаи таҳсилоти аҳолӣ рост меояд.

Барои Тоҷикистон, ки иқтисоди бозорӣ ташаккул ёфта истодааст, сиёсати инноватсионӣ ба ихтирооти илмию технологии мамлакат нигаронида шудааст. Таъмини рушди устувори минбаъдаи иқтисодиёти мамлакат, муайян намудани сиёсати нави инноватсиониеро тақозо мекунад, ки он ба ояндаи устувори дарозмуҳлат нигаронида шудааст. Барои ин, муқаррар намудани тавозуни дурусти тақсими захираҳо байни давраҳои гуногуни сикли инноватсионӣ зарур аст.

Айни замон, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 амалӣ шуда истодааст, ки дар он се сенарияи асосии рушди иқтисоди кишвар – инерсиалӣ, индустриалӣ ва индустриалию навоварӣ дар назар аст. Ҳангоми татбиқи сенарияи индустриалӣ-инноватсионӣ фароҳам овардани заминаҳои рушди инноватсионӣ пешбинӣ шудааст. Ташаккули иқтисодиёти инноватсионӣ - ин як раванди бисёрҷанба ва дарозмуддат аст, ки сармоягузориҳои бузург ва истифодаи иқтидори захиравии фаъолияти инноватсионии корхонаҳои саноатиро талаб мекунад.[35]

Рушди иқтидори кадрии соҳаи илмӣ-техникии кишвар бо сатҳи таҳсилоти аҳолӣ муайян карда мешавад, ки баланд бардоштани он ба сифати сармояи инсонӣ ба таври назаррас таъсир мерасонад. Таҳлилҳои СММ нишон медиҳад, ки дар сохтори сарватҳои миллии аксар кишварҳои ҷаҳон қариб аз 2/3 ҳисса ба сармояи инсонӣ рост меояд.[36] Дар айни замон дар сохтори иҷтимоӣ мавқеи асосиро мутахассисон – моликон, ки ба таҳия, азхудкунӣ, таҳвил, истифодаи навовариҳои ба низомҳои мураккаби илмӣ-техникӣ ва иттилоотӣ-технологӣ хизматрасонанда машғуланд, ишғол менамоянд.

Дар марҳилаи мазкур зарурати мавҷуд будани низоми инноватсионии миллии кишвар пеш меояд, ки он ба ғайр аз механизмҳои мусоиди иқтисодӣ ва ташкилию ҳуқуқӣ, инчунин зерсохтори мукаммалро низ бояд фаро гирад. Зерсохтори низоми инноватсионӣ - марказҳои иттилоотию инноватсионӣ, технопаркҳо, марказҳои таҳвили технологияҳо ва инкубаторҳои технологӣ, телекоммуникатсия ва иттилооти давлатии илмию техникиро дар бар мегирад.

Ташаккули низоми миллии инноватсионӣ, ки таъмин намудани фаъолияти инноватсиониро дар миқёси давлат талаб мекунад, рушди иқтидори кадрии соҳаи илмию техникӣ, баҳодиҳии фаъолнокии инноватсионии корхонаҳои мамлакат, таъминоти молиявии фаъолияти инноватсионӣ дар кишварро пешбинӣ мекунад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ соҳаҳои инноватсионӣ-инвеститсионӣ рӯ ба тараққӣ ниҳода, омодасозии кадрҳои илмӣ-техникӣ аҳамияти махсус пайдо кардаанд.

Вобаста ба ин, рушди минбаъдаи такмили омодасозии кадрҳои илмӣ тавассути магистратура, аспирантура ва докторантура дар институтҳои илми-тадқиқотӣ зарур аст. Инчунин зарурати ташкилу тайёр намудани менеҷерони фаъолияти инноватсионӣ, ташкили таълим ва такмили ихтисоси ҳайати шахсӣ барои татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ ва рушди инфрасохтор пурзӯр мегардад.

Сифату миқёс, инчунин маҳсулнокии истифодаи захираҳои табиӣ бо сармояи инсонӣ муайян карда мешавад. Ҳатто агар муҳити инноватсионӣ фароҳам оварда шавад ҳам, корхонаҳо на ҳама вақт метавонанд аз ин имконияти бадастомада оқилона истифода намоянд, зеро барои аксари роҳбарон ва кормандони корхонаҳо норасоии донишу малакаҳои нав хос аст, ки мушкилот оиди татбиқи сармоягузориҳои воқеӣ дар якҷоягӣ бо сармояи инсонӣ ба вуҷуд меоянд.

Мафҳуми “фаъолияти инноватсионӣ” дар қонунгузории кишварҳои ИДМ гуногун ва бо хусусиятҳои миллӣ шарҳ дода шудааст. Таҳлили муқоисавӣ нишон медиҳад, ки ҳар як кишвар, вобаста ба приоритетҳои сиёсати илмӣ-технологии худ, ин мафҳумро бо мазмуну доираи татбиқи хоси худ муаррифӣ мекунад. Аз ҳама мукаммал, фарогир ва мушаххас фаҳмиши мафҳуми “фаъолияти инноватсионӣ” дар қонунгузории Ҷумҳурии Қазоқистон инъикос ёфтааст, ки на танҳо самтҳои илмӣ ва истеҳсолиро дар бар мегирад, балки ҷанбаҳои молиявӣ, ташкилӣ, зеҳнӣ ва иҷтимоиро низ фаро мегирад.

---

[35] Стратегияи рушди саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 марти соли 2018, №159. URL:

[36] https://unece.org/DAM/stats/publications/2016/ECECESSTAT20166_R.pdf

Дар Федератсияи Русия низ мафҳуми фаъолияти инноватсионӣ васеъ шарҳ дода шуда, ба истифода ва татбиқи технологияҳо натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ ва ташкили инфрасохтори инноватсионӣ таъкид мешавад. Тафсири васеи мафҳум дар қонунгузории ин кишварҳо имконият фароҳам меорад, ки самтҳои гуногуни фаъолияти инноватсионӣ аз ҷиҳати ҳуқуқӣ дастгирӣ ёбанд ва воситаҳои ҳавасмандгардонии он татбиқ шаванд.

Дар шароити кунунӣ, рушди инноватсионӣ на танҳо як зарурат, балки шарти асосии таҳкими рақобатпазирии иқтисоди миллӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ ба ҳисоб меравад. Тоҷикистон низ ба марҳилаи рушди босуботи инноватсионӣ ворид шуда, барои таҳкими асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкили инфрасохтори муосир иқдом мекунад. Ҳамзамон, зарурати тайёр намудани мутахассисони соҳавӣ, менеҷерони инноватсионӣ ва баланд бардоштани сатҳи маълумоти кадрҳо афзуда истодааст.

Бо дарназардошти равандҳои ҷаҳонишавӣ ва таъсири омили зеҳнӣ ба рушди иқтисодӣ ташаккули низоми миллии инноватсионӣ барои Тоҷикистон аҳамияти стратегӣ дошта, амалӣ шудани он аз ҳамоҳангсозии тадбирҳои давлатӣ, рушди инфрасохтор, захираҳои инсонӣ ва ҳавасмандгардонии иқтисодӣ вобаста мебошад.

**Адабиёт:**


1. Закон Республики Таджикистан "Об инновационной деятельности" 29 марта 2012 года, №296. URL https://medt.tj/documents/main/normativno-pravovie-akti/zakonodatelnie-akti/ru/02565-ru.pdf (санаи мурочиат 21-11-24).
2. Закон Республики Узбекистан "Об инновационной деятельности" принят законодательной палатой 7 апреля 2020 года URL: https://lex.uz/ru/docs/4910448 (санаи мурочиат 21-11-22).
3. Принят Палатой представителей 31 мая 2012 года, одобрен советом республики 22 июня 2012 года URL: https://pravo.by/document/?guid=3871&p0=h11200425 (санаи мурочиат 21-11-24)
4. Кодекс Республики Казахстан от 29 октября 2015 года № 375-V «Предпринимательский кодекс Республики Казахстан» (с изменениями и дополнениями по состоянию на 21.10.2022 г.) URL https://online.zakon.kz/Document
5. Закон Кыргызской Республики от 23 марта 2023 года № 65 "Об инновационной деятельности" URL: https://faolex.fao.org/docs/pdf/kyr228752.pdf (санаи мурочиат 21-11-24).
6. Закон Туркменистана "Об инновационной деятельности" (Ведомости Меджлиса Туркменистана, 2014 г., № 3, ст. 106) (С изменениями, внесенными Законом Туркменистана от 02.03.2019 г. № 130-VI) URL: https://mejlis.gov.tm/single-law/165?lang=ru
7. Федеральный закон Российской Федерации от 23 августа 1996 г. № 127-ФЗ «О науке и государственной научно-технической политике», URL: http://council.gov.ru/media/files/e9MQ3cAUlDG8JLcnoWGxEWXIC54qfSFA.pdf
8. Кодекс Республики Молдова о науке и инновациях от 15 июля 2004 года №259-XV Статья 22. URL: https://wipolex-res.wipo.int/edocs/lexdocs/laws/ru/md/md050ru.pdf (24-11-22).
9. Степаненко Д.М. Инновационный процесс и инновационная деятельность: понятие, сущность, характеристики // ПСЭ. 2009. №4. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/innovatsionnyy-protsess-i-innovatsionnaya-deyatelnost-ponyatie-suschnost-harakteristiki (дата обращения: 18.03.2022).
10. Стратегияи рушди саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 марти соли 2018, №159. URL.

## ИННОВАЦИОННАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ В ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВЕ СТРАН СНГ: СРАВНИТЕЛЬНЫЙ АНАЛИЗ И ПЕРСПЕКТИВЫ ЕЁ РАЗВИТИЯ В ТАДЖИКИСТАНЕ

Статья посвящена анализу понятия «инновационная деятельность» в законодательстве стран СНГ. На основе сравнения данного понятия в нормативных документах разных стран выделены наиболее важные особенности и различия в его правовых определениях. Автор подчёркивает, что разработка комплексного законодательства, развитие инновационной инфраструктуры и научно-технических кадров имеют ключевое значение для формирования инновационной экономики в Республике Таджикистан.

**Ключевые слова:** деятельность, инновации, законодательство, документы, инновационные проекты, научно-технические достижения, услуги.

## INNOVATION ACTIVITIES IN THE LEGISLATION OF THE CIS COUNTRIES: COMPARATIVE ANALYSIS AND PROSPECTS FOR ITS DEVELOPMENT IN TAJIKISTAN

The article is devoted to the analysis of the concept of "innovative activity" in the legislation of the CIS countries. Based on the comparison of this concept in the regulatory documents of different countries, the most important features and differences in its legal definitions are highlighted. The author emphasizes that the development of comprehensive legislation, the development of innovative infrastructure and scientific and technical personnel are of key importance for the formation of an innovative economy in the Republic of Tajikistan.

**Key words:** activity, innovation, legislation, documents, innovation projects, scientific and technical achievements, services.

### Маълумот дар бораи муаллиф:

**Қодирзода Шабнам Абдуғойиб** - ассистенти кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Н. Қарабоев, 63/3. Тел: (+992) 918117383; E-mail: sh.qodirzoda93@mail.ru

### Сведения об авторе:

**Кодирзода Шабнам Абдугойиб** - ассистент кафедры "Финансы и кредит" Технологического университета Таджикистана. 734061, Республика Таджикистан, г. Душанбе,ул. Н. Карабаева, 63/3. Тел: (+992) 918117383; E-mail: sh.qodirzoda93@mail.ru

### Information about the author:

**Kodirzoda Shabnam Abdugoyib** - assistantat of the Department of Finance and Credit at the Technological University of Tajikistan. 734061, Republic of Tajikistan, Dushanbe, N. Karoboev, 63/3. Tel: (+992) 918117383; E-mail: sh.qodirzoda93@mail.ru

**УДК 811.161.1**

# ШАРҲИ БАЪЗЕ КАЛИМАҲОИ СЕРМАЪНО ДАР ЧАНД ҚАСОИДИ МАНУЧЕҲРИИ ДОМҒОНӢ

**Муслимзода Ҳ.А.**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

Дар хусуси арзишҳои адабиву илмии осори Манучеҳрии Домғонӣ таҳқиқоти назаррас сурат гирифта, ки бештари онҳо роҷеъ ба мафҳумҳои адабии осори шоиранд. Мо дар ин мақолаи худ кӯшидем аз ғановати шоирӣ, ҳунари суханофаринӣ ва услуби Манучеҳрӣ ҳарф занем. Ба ин тартиб, дар нигоштаи мо ҷойгоҳи калимаҳои сермаъно дар қасоиди шоир мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст ва ба андешаи мо баррасии ин паҳлуҳо яке аз ҷанбаҳои пурарзиши забонии осори гаронмояро метавонад мушаххас созад. Чун сухан аз ғановати шоирӣ меравад, пеш аз ҳама, ба корбурду истифодаи луғоти пурмаънову каломи муассири шоир баҳо гузошта мешавад. Бешубҳа, сарчашмаи аввали шеър вожа, ё худ калима аст, ки ба василаи он каломи манзум муассиру хотирмон мегардад. Дар шеър калимоти маънидор дар либоси бадеӣ бо мафҳуми васеъ ифода ёфта, дар зеҳну назари шунаванда ва ба дилу эҳсоси хонанда ҷой мегирад, ки худ рисолати шеъру шоирӣ низ дар ҳамин аст.

**Калидвожаҳо:** ғановати шоирӣ, шеър, ҳунари суханофаринӣ, сермаъно шудани калима, воҳидҳои луғавӣ, калимаҳои сермаъно, воҳидҳои луғавӣ, каломи манзум, услуби шоирӣ.

Манучеҳрии Домғонӣ аз намоёнтарин чеҳраҳои адабиёти асри X-XI-и форсу тоҷик маҳсуб ёфта, адабиёти ин давраро бе номи ин марди бузург дар қатори устодони беҳамтои ин давр Унсурӣ ва Фаррухӣ тасаввур кардан номумкин аст.

Аз мероси адабии Манучеҳрии Домғонӣ то замони мо ягона девони ашъор омада расидааст, ки ба қавли Ризоқулихони Ҳидоят “шунидам, ки гуфтаанд: сӣ ҳазор байт девон дошта” будааст, вале девони Манучеҳрӣ ҳамагӣ фарогири 2757 байт аст. Ин миқдор, албатта, ҳамаи эҷоди бадеии шоирро пурра фаро намегирад ва гузашти айём навиштаҳои зиёди ӯро чун осори суханварони дигари форсу тоҷик ба нестӣ расондааст.

Дар хусуси арзишҳои адабиву илмии осори шоир таҳқиқоти назаррас сурат гирифта, ки бештари онҳо роҷеъ ба мафҳумҳои адабии осори шоиранд. Мо дар ин мақолаи худ кӯшидем аз ғановати шоирӣ, ҳунари суханофаринӣ ва услуби Манучеҳрӣ ҳарф занем, то хонандаро боз ҳам бештар бо сеҳри сухани ин бузургвор ошно созем. Ба ин тартиб, дар нигоштаи мо ҷойгоҳи калимаҳои сермаъно дар қасоиди шоир мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст ва ба андешаи мо баррасии ин паҳлуҳо яке аз ҷанбаҳои пурарзиши забонии осори гаронмояро метавонад мушаххас созад. Чун сухан аз ғановати шоирӣ меравад, пеш аз ҳама, ба корбурду истифодаи луғоти пурмаънову каломи муассири шоир баҳо гузошта мешавад. Бешубҳа, сарчашмаи аввали шеър вожа, ё худ калима аст, ки ба василаи он каломи манзум муассиру хотирмон мегардад. Дар шеър калимоти маънидор дар либоси бадеӣ бо мафҳуми васеъ ифода ёфта, дар зеҳну назари шунаванда ва ба дилу эҳсоси хонанда ҷой мегирад, ки худ рисолати шеъру шоирӣ низ дар ҳамин аст.

Ҳодисаи сермаъноӣ, яъне дорои якчанд маъно будани калимаҳо, дар забон ҳодисаи маъмулу машҳур буда, дар ҷараёни рушди забон, тадриҷан дар натиҷаи инкишофи маънои аслӣ ва аввалаи калима ба вуҷуд меояд. Оид ба ин ҳодиса ҳанӯз донишмандони асримиёнагии мо - Насируддини Тусӣ (асри XIII), Маҳмуди Омулӣ (асри XIV), Хоҷа Ҳасани Нисорӣ (асри XVI) ва мураттибони фарҳангҳои тафсирӣ таваҷҷуҳ намудаанд.

Дар низоми маъношиносии забон маъноҳо назар ба калимаҳо зиёданд, зеро қисми зиёди калимаҳои забон дорои бештар аз як маъно буда, мафҳумҳои гуногуни ашё, амал, аломат ва миқдорро ифода мекунанд.

Калимаҳои сермаъно паҳлуҳои гуногуни ҳодисаҳои воқеиро дар шакли як калима инъикос кунанд ҳам, ҳамаи он маъноҳо бо ҳамдигар алоқаманд мебошанд ва ин хусусияти муҳимми калимаҳои сермаъно ба ҳисоб меравад [3, 7-9]. Маъноҳои нав бо тобишҳои гуногун гирифтани вожаҳо бо матн алоқаи устувор дорад, азбаски ба қисми зиёди калимаҳо ҳодисаи сермаъноӣ хос аст, хусусиятҳои воҳидҳои луғавиро танҳо ҳангоми дар дохили матн омадани вожа метавонем дуруст шарҳу тавзеҳ диҳем ва намояндаи ҳар як забон танҳо бо кумаки маводу матн метавонад, дарк намояд, ки ин ё он вожа ба кадом маъно истеъмолу мавриди истифода қарор мегирад. Дар ҳақиқат, барои дуруст ва аниқу дақиқ муайян кардани маънои вожа, нақши матн ва маводи таҳлилӣ басо бузург мебошад. Роҳу воситаҳои сермаъно шудани калима, ки зикрашон рафт, сабабгори ба маъноҳои гуногуни ба ҳамдигар наздики калимаҳо мешаванд, ки маъноҳои дуюм, сеюм ва ғайра, маъноҳои маҷозӣ маҳсуб меёбанд.

Инкишофи маъно боиси сермаъношавии калимаҳо гардида, сермаъноӣ дар забонҳои қадима ва сарватманд, мисли забони тоҷикӣ, хосияти барҷастаи забонӣ аст, ки бештар хоси калимаҳои мустақилмаъноянд.

Калима бо тамоми маъноҳо ва тобишҳои маъноияш дар матни асари бадеӣ арзи ҳастӣ менамояд. Эҷодкор, соҳиб ва муҳофизатгари забони халқ аст ва ҳар калимаро дар маврид, шароит, мавқеаш дар асоси муносибати он бо чизи ифода мекардагиаш истифода намуда, бо он маъно ё маъноҳояш машҳур мегардонад. Адибон ва шоирони бузург забонро аз халқ омӯхта, боз ба воситаи осорашон ба халқ пешниҳод мекунанд.

Дар доираи як мақола, албатта, тамоми паҳлуҳои сермаъноии вожаҳои осори Манучеҳриро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додан ғайри имкон буда, ин ҷо интихобан баъзе аз ин гуна вожаҳо мавриди баррасӣ қарор дода мешавад:

**Осмон:**

То барояд лахт-лахт аз кӯҳ меғи моғгун,
**Осмони** осгун аз ранги ӯ гардад халанг [63].

**ё**

Намози шомгоҳӣ гашт софӣ,
Зи рӯйи **осмон** абри муаккан [87].

Осмон ба маънои фазои атрофии замин, ки ба назар кабудранги гунбазшакл мешавад, ифода ёфтааст.

Чуноне ки зикр кардем, ҳодисаи сермаъноӣ падидаи аҷибе дар луғатшиносист. Ҳ. Маҷидов мегӯяд, ки “як калима метавонад дар ифодаи якчанд мафҳум ба кор бурда шавад” [4, 6].

Гӯй: “Эй гузидаи малики ҳафт **осмон!**
Эй хусрави бузургу амири бузургвор” [40].

Дар ин байт калимаи **осмон** ба маънои тамоми дунё, ҳафт осмон, яъне тамоми ҳафт қабати олам, дунё омадааст.

Насриддини Тӯсӣ овардааст: “Гоҳ бошад, ки як лафз ба як маънӣ беш далолат накунад. Ва ҳамчунин гоҳ бувад, ки алфози бисёр ба як маънӣ ё зиёда аз як маънии мутақориб ё ғайримутақориб далолат кунад” [7, 8].

То малакро дар ҳиҷоби **осмон** бошад сукун,
То фалакро дар ғубори **осмон** бошад мадор [37].

Дар мисраи аввал вожаи **осмон** ба маънои сукун будан, даргузаштан, мурдан омадааст. Дар мисраи дуюм, дар **ғубори осмон** ба маънои тақдир, қисмат омадааст, яъне дар кашмакаши тақдиру қисмат, пойистон, мадор доштан.

Рӯят аз гул дурҷ дорад, дурҷат аз анбар тароз,
Мушкат аз маҳ нофа дорад, моҳат аз мушк **осмон** [74].

Ифодаи **моҳтоб** аз мушк осмон доштан киноя аз рӯйю мӯйи маъшуқа, яъне моҳ-рӯй, мушк-мӯй, яъне рӯй моҳ ва моҳи ту осмони мушкини худро дорад, яъне мӯят гуфтан аст.

**Моҳ:**

Хуршедро ситора басе ҳаст бар фалак,
Лекин ба **моҳ** боз диҳад нуру равшанӣ [144].

Дар ин байт маънои қамар, моҳтобро дорад.

Се **моҳи** шумурда набарад ному нишоншон,
Донад, ки бад-он хун набувад мард гирифтор [155].

Маънои як қисм аз 12 қисми солро дорад.

Бар сари ҳар наргисе **моҳе тамом**,
Шаш ситора бар канори ҳар **маҳе** [149].

Ифодаи моҳи тамом киноя аз қисмати марказии гули наргис ва шаш ситора, гулбаргҳои наргис аст.

Бар ду рухи ӯ рангаш **моҳе** бинигорад,
Уду баласон бӯяш дар мағз бикорад [156].

Мисли моҳ, киноя аз рухи ёр аст.

Сурати уву рухи зебои ӯ,
Ҳаст чунон **моҳи** ду панҷу чаҳор [163].

Киноя аз рухи ёр, моҳи ду панҷу чаҳор моҳи дуҳафта, яъне 2*5=10+4=14 моҳи чаҳордаҳрӯзаро дар назар дорад.

**Моҳи сешаба** аз бари гардан бинигоранд,
Аз ғолия, бе он ки ҳаме ғолия доранд [165].

Моҳи сешаба-моҳи акнун падид омада, моҳи нав, киноя аз рухи ёр.

Гулнор чу Мирриху гули зард чу **моҳ,**
Шамшод чу зангору майи лаъл чу занг [172].

Дар ин байт намуди зоҳирӣ ва ранги гулро шоир ба моҳ ташбеҳ додааст.

Барги гули мувarrади бишкуфтаи тарӣ,
Чун рӯйи дилрабои ман, он **моҳи** саътарӣ [183].

Моҳи давоӣ, киноя аз гиёҳи мисли моҳ ва давобахшанда.

Пешат ба пойи сад санами чангсоз бод,
Душман-т солу **моҳ** ба гурму гудоз бод [186].

Моҳ ба маънои 1 қисм аз 12 қисми сол, дар ин байт солу моҳ ба маънои ҳамеша, доимо омадааст.

**Доғ:**

Гули зарду гули дуру гули сурху гули насрин,
Зи дарду **доғ** додастанд моро хатти истиғно [123].

Ба маънои ҳасрат омадааст.

Бар дил дорад лола яке **доғи сиёҳ**,
Дорад саман андар занахаш симин чоҳ [172].

Дар байти боло калимаи доғ маънои нишона, пайро дорад.

Ҳар чаковакро руста зи бари сар кулае,
Зоғ бо **доғ** гирифта ба яке кунҷ панох [189].

Маънои ғам, сиёҳиро дорад.

**Одам:**

То-ш ба Ҳавво малакхисол ҳама ум,
То-ш ба **Одам** бузургвор ҳама ҷад (д) [23].

Ба маънои аввалин инсон аст.

Духтарони раз гуфтанд ки: мо бегунаҳем,
Мо тани хеш ба дасти **банӣ одам** наниҳем [198].

Ба маънои одамизод, тамоми одамони дунё.

Бояд гуфт, ки сермаъношавӣ роҳу усулҳои худро дорад. “Муайян кардани роҳу усулҳои тавлиди маъноҳои ҷудогонаи занҷири калимаи сермаъно аз масъалаҳои муҳими ин мавзуъ ҳисоб меёбад. Маъноҳои ҷудогонаи луғавӣ бо усулҳои ниҳоят гуногун пайдо мешаванд, ки дар байни онҳо маҷоз инкишофи тадриҷии ғайримаҷозӣ, таҷзияи маънои воҳиди фразеологӣ бо доираи амалиёти худ фарқ карда меистад” [5, 51].

Мавриди зикр аст, ки вожаҳои ифодагари узвҳои бадан бештар хосияти сермаъношавӣ доранд. Мусаллам аст, ки яке аз роҳҳои сермаъношавӣ маҷоз аст. Муҳаққиқ М. Саломов мегӯяд, ки “дар созмондиҳии маънои маҷозӣ нақши вожаҳои ифодагари аъзои бадан назаррас аст, зеро ин вожаҳо дар забон хеле серистеъмоланд” [8, 194].

Чунончи, **вожаи сар:**

Шукуфта лолаи нуъмон ба сони хубрухсорон,
Ба мушк андар зада дилҳо, ба хун андар зада **сарҳо** [3].

Қисми болои гулбаргҳои лолаву наргис. Ба сари хубрухсорон ва ҳурон монанд кардани лолаву наргис аст.

Забоншинос Ҳ. Маҷидов мегӯяд, ки “Маънои асосии калимаи сар “яке аз узвҳои бадан, ки аз гардан боло ҷойгир аст”, бо мафҳуми сар алоқамандии бевосита дорад ва аломатҳои мантиқиву шайъии ин мафҳумро низ як андоза инъикос кардааст. Дар он маъно шайъи мушаххасе бо аломатҳои назарраси мавқеи ҷойгиршавӣ, шакли зоҳирӣ, моҳияти ҷамъиятиаш акс ёфтааст. Маҳз ҳамин аломатҳо сабаб шудаанд, ки калимаи **сар** ба ҷуз маънои асосии худ боз як қатор маъноҳои иловагиро ифода кунад. Дар ин маъноҳои иловагӣ маҳз ҳамон нишонаҳои мухталифи маънои асосӣ акс ёфтаанд” [5, 48-49].

Пупук пайке, нома зада андар **сари хеш**,
Нома гаҳ боз кунад, гаҳ шиканад бар шикано [1].

**Сар** ба маънои нӯг, қисмати болои гул.

Бувад сарв дар боғу дорад бути ман,
Ҳаме бар сари сарв боғе аниқо [6].

**Сари сарв**-боло, яъне маънои баландӣ ё болоро дорад.

Нимҷӯшида асир аз сари хум,
Дар кашидан, ки чунин аст савоб [7].

Қисми болоии шароб, ки дар хум мебошад, даҳони хум.

Усули дигари сермаъношавӣ инкишофи тадриҷии маъно мебошад. “Бо ин усул мафҳуми ифодакунандаи калима сифатан тағйир меёбад ва ба пояи нисбатан баландтаре ҷой мегирад. Табиист, ки мафҳумҳои бо ин роҳ ба тозагӣ ба вуҷуд омада боиси пайдоиши маъноҳои наве мегарданд, ки онҳо аз маъноҳои пешинаи калимаҳо ба куллӣ фарқ мекунанд. Чунин маъноҳо дар назар давоми мантиқии маъноҳои мавҷударо ташкил медиҳанд” [5, 48-49].

Чун давоте бусадинаст хуросонивор,
Боз карда **сари ӯ** лола ба тарфи чамано [2].

Сар ба маънии сарпӯш. Маънии байт: қисмати марказию дарунии лола мисли давоти садафин аст, ки сарпӯши ӯро лола ба тарафи чаман кушодааст, яъне гулбаргҳои лола чун сарпӯш сӯйи чаман кушода гардиданд.

Таҷзияи воҳиди фразеологӣ яке аз усулҳои мураккаб дар сермаъношавӣ маҳсуб меёбад. “Баъзан воҳиди фразеологӣ пароканда шуда, ба калимаҳои алоҳида ҷудо мешавад, ки ҳар яке аз таркиби он бо маънои тоза хориҷ мегардад. Дар натиҷаи чунин раванд калима ба маънои нав соҳиб мешавад” [5, 57].

Дар осори Манучеҳрии Домғонӣ ин ҳолатро дар мавриди калимаи **даҳон** вохӯрдем.

Зеро, ки гар обистани Марям ба **даҳон шуд**,
Ин духтари разро на лаб асту на **даҳон аст** [13].

Ба даҳон шудан, яъне дар мисраи якум вожаи **даҳон** ба маънои овоза шудан омадааст ва дар мисраи дуюм ба маънои лабу даҳон надоштани духтари раз-май аст.

Ба як байти мидҳат **даҳонаш** биёканд,
Ба ёқуту беҷодаву баҳрамонӣ [140].

Ифодаи даҳон биёкандан – киноя аз моту мабҳут кардан аст.

Усули дигари сермаъношавӣ ташбеҳ мебошад. “Ташбеҳ ҳамчун як навъи маҷози луғавӣ ба маънои нисбатан васеътаре ба кор бурда мешавад. Он на фақат шабоҳатро, ки аз унсурҳои доимии сохтораш аст, балки киноя, муболиға, иғроқ барин унсурҳои бадеии зиёди дигарро низ дар шакли шабоҳат таҷассум кардааст” [5, 52].

Лолаи розӣ шукуфта пеши барги ёсаман,
Чун **даҳони буссадин** дар гӯши симин гуфта роз [55].

Маҷозан қисми саркушодаи ҳар чизе. Шукуфта, во шудани гулбаргҳои лола назди барги гули ёсамин ба даҳони садафи назди симин ташбеҳ шудааст.

**Ё:**

Бидидам ба зери кулоҳаш фарох,
**Даҳон**еву зери **даҳон** ҳанҷаре [120].

* * *

Савсан сурин зи байрами кухлӣ кунад ҳаме,
Насрин **даҳон** зи дурри муназзад кунад ҳаме [136].

Ба маънои қисми болоии гули насрин аст.

**Вожаи лаб:**

Гӯйӣ аз ду **лаби ман** бӯса тақозо чӣ кунӣ,
Вомхоҳӣ набувад, к-ӯ ба тақозо нашавад [33].

* * *

Ҳар, ки сабуҳӣ кунад бо дили хуррам бувад,
Бо ду **лаби мушкбӯй**, бо ду рухи ҳури ъин [179].

ба маънои узви бадан:

Вақти саҳаргаҳ кулანг таъбияе сохтаст,
В-аз **лаби дарёи** Ҳинд то Хазорон тохтаст [180].

Ба маънои канор:

Ба такопӯйи саҳоб ояд аз ҷадда ҳаме.
Ба **лаби боғ**, кунад дар салаби боғ нигоҳ [190].

Канор, сар, даромади боғ:

Бар гирифт аз **лаби раф** симин ҷомеро,
Бар **лаби ҷом** нигорид ғуломеро [206].

Канораи болои раф, ҷом:

Сумани сурх ба сони ду **лаби** тутии нар,
Ки забонаш бувад аз зарри зада дар **даҳано** [1].

Гулбаргҳои гули суман ба лаби тутӣ, зардии қисми миёнаи он ба забон ва қисми саркушодаи он ба **даҳон** ташбеҳ шудааст.

Дилам, эй дӯст, ту донӣ, ки ҳавои ту кунад,
**Лаби ман** хидмати хоки кафи пойи ту кунад [27].

Лаби ман хидмати хоки кафи пойи ту кунад ба маънои 1. бӯсидани хоки кафи пойи касе; 2. Васф намудан ва ситоиш кардан.

Тавре аз таҳлилу баррасӣ бармеояд, сермаъношавии вожаҳои ифодагари узви бадани инсон бо роҳи маҷоз ва навъҳои он хеле зиёд ба чашм мерасад. Забоншинос Б. Камолиддинов меорад, ки “Ифодаҳои маҷозӣ дар забони тоҷикӣ дар заминаи монандии зоҳирӣ ё ботинии зинда тасвир ёфтани ашёҳои беҷон бо ёрии санъатҳои ташбеҳ, истиора ва ташхис ба вуҷуд меояд” [1, с. 69].

Вобаста ба ин масъала М. Саломов ду ҷанбаи инкишофи маъноии калимаҳоро тавассути маҷоз қайд мекунад:

1. Мафҳумҳои беҷон чун мафҳумҳои ҷондор зоҳир меёбанд;

2.Баъзе вожаҳои ҷондор хусусияти вожаҳои беҷонро касб менамоянд [ниг.: 8, с. 192-193].

Дар осори Манучеҳрӣ гурӯҳи калимаҳои мавриди назар ҳам ба маънои аслӣ ва ҳам ба маъноҳои маҷозӣ омадаанд.

Ду **зулфаш** ду шабу ду холи мушкин
Зилом андар зилом, андар зилом аст [12].

Ба маънои мӯйи дар канори ду бари рӯй фаромада.

Чу аз **зулфи шаб** боз шуд тобҳо,
Фурӯ мурд қиндили меҳробҳо [5].

Торикии шаб.

**Зулфи бунафша** бибӯй, лаъли хуҷаста бибӯс,
Дасти чағона бигир, пеши чамона бихам [70].

Ба маънои гулбарги бунафша.

Дар муайян намудани маъноҳои вожаҳои сермаъно матн нақши басо калон дорад. Дар мисолҳое, ки мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд, аксарияти усулҳои сермаъношавӣ ба мушоҳида мерасанд. Сабабҳои бо усулҳои гуногун маъноҳои бештарро ифода кардани калимаҳоро муҳаққиқони соҳа чун Ҳ. Маҷидов, Б. Камолиддинов, Д. Хоҷаев М. Саломов ва дигарон таҳлил ва муайян намудаанд, ки вобаста ба равиши баррасии мавзӯъ онҳоро зикр кардем. Дар осори Манучеҳрӣ калимаҳо бо тамоми ҷилоҳои маъноияшон арзи ҳастӣ менамоянд ва аз устоди бузурги сухан ва хушсалиқа будани муаллифашон дарак медиҳанд.

Ҳамин тариқ, вожаҳои бо чандин маъноҳои гуногуну мухталиф дар осори Манучеҳрӣ хеле зиёд корбаст гардида, ба чашм назаррасанд. Интихоби вожа, дарки тобишҳои нозуки маъно ва обуранги услубии вожаҳо яке аз паҳлуҳои муҳимми сабки нигориш буда, ба масъалаи сермаъноии вожаҳо алоқаманд мебошанд. Аз ин лиҳоз, фасоҳату балоғати сухан аз бисёр ҷиҳат ба дараҷаи дурусти истеъмоли вожаҳои сермаъно вобаста аст. Барои ифодаи мафҳум, мақсад ва андешаи худ интихоби вожа ё ибораю таркиби беҳтарин ҳунар мебошад.

**Адабиёт:**


1. Камолиддинов Б. Забон ва услуби Ҳаким Карим \ Б. Камолиддинов. - Душанбе: Ирфон, 1967. - 186 с.
2. Қосимова М.Н. Таърихи забони адабии тоҷик (асрҳои 9-10). Қисми 1. / М.Н. Қосимова –Душанбе, 2003. - 490 с.
3. Маҷидов Ҳ. Сермаъноии луғавӣ / Ҳ. Маҷидов // Маърифат, 1997, № 9-12. - С.7-9.
4. Маҷидов Ҳ. Ифодаи мафҳум ва ном бо калима / Ҳ. Маҷидов // Маърифат, 1998, № 5. - С.6-8.
5. Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Ҷилди 1.–Луғатшиносӣ / Ҳ. Маҷидов, – Душанбе, 2007. - 243 с.
6. Муҳаммад Авфии Бухороӣ Лубоб-ул-албоб.\ А. Б. Муҳаммад \Теҳрон - 1310, ҷ. 2. С. 29.
7. Насруддини Тӯсӣ. Асос-ул-иқтибос. / Тӯсӣ Насриддин. - Теҳрон, 1323 ҳ. С. 25-26.
8. Саломов М. Вижагиҳои савтӣ, маъноӣ ва маҷозию фразеологии забони шеъри тоҷикӣ / М. Саломов. - Душанбе: Пойтахт, 2017. - 266 с.


**Манбаъ:**


1. Манучеҳрии Домғонӣ. Девон. Бо эҳтимоми дуктур Саидмуҳаммад Дабири Саёқӣ. - Теҳрон, 1390-и ш. - 421 с.


## КОММЕНТАРИЙ К НЕКОТОРЫМ ЗНАЧИМЫМ СЛОВАМ В НЕКОТОРЫХ СТИХАХ МАНУЧЕРИ ДАМГАНИ


Было проведено значительное исследование литературной и научной ценности произведений Манучехри Домгони, большинство из которых связано с литературными концепциями произведений поэта. В этой статье мы попытались поговорить о поэтическом богатстве, искусстве словесного творчества и стиле Манучехри. Таким образом, в нашей статье было исследовано место значимых слов в одах поэта, и, по нашему мнению, рассмотрение этих аспектов может прояснить один из ценных лингвистических аспектов благородного произведения. Когда речь идет о поэтическом богатстве, прежде всего оценивается использование поэтом значимым словарем и эффективной речью. Несомненно, первым источником поэзии является слово, или, скорее, само слово, благодаря которому

поэтическое слово становится действенным и запоминающимся. В поэзии значимые слова выражены в художественных одеждах с широким смыслом, укореняясь в уме и глазах слушателя, в сердце и чувствах читателя, что является миссией поэзии и самой поэзии.

**Ключевые слова:** поэтическое богатство, поэзия, искусство речи, обогащение слов, лексические единицы, значимые слова, лексические единицы, поэтическое слово, поэтический стиль.

## COMMENTARY ON SOME MEANINGFUL WORDS IN SOME POEMS OF MANUCHEHRI DAMGHANI

Considerable research has been conducted on the literary and scientific values of Manuchehri Domghoni's works, most of which are related to the literary concepts of the poet's works. In this article, we have tried to talk about the poetic richness, the art of word creation, and the style of Manuchehri. Thus, in our article, the place of meaningful words in the poet's odes has been investigated, and in our opinion, the consideration of these aspects can clarify one of the valuable linguistic aspects of the noble work. When it comes to poetic richness, first of all, the use of meaningful vocabulary and effective speech by the poet is evaluated. Undoubtedly, the first source of poetry is the word, or rather the word itself, through which the poetic word becomes effective and memorable. In poetry, meaningful words are expressed in artistic clothing with a broad meaning, taking root in the mind and eyes of the listener and in the heart and feelings of the reader, which is the mission of poetry and poetry itself.

**Keywords:** poetic richness, poetry, the art of speech, the enrichment of words, lexical units, meaningful words, lexical units, poetic word, poetic style**.**

### Маълумот дар бораи муаллиф:

**Муслимзода Ҳ.А.** - номзади илми филология, дотсенти кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев, 63/3.

### Информация об авторе:

**Муслимзода Х.А. -** кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикского языка Технологического университета Таджикистана, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Н. Карабоева, 63/3.

### Information about the author:

**Muslimzoda H.A. -** Candidate of Philology, Associate Professor of the Tajik Language Department of the Technological University of Tajikistan, Republic of Tajikistan, Dushanbe, N. Karaboev Street, 63/3.

**УДК.37.134:004**

# ТАШАККУЛ ВА МАҲОРАТИ ОМОДА НАМУДАНИ МУҲАНДИС-ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДА

**Назарова М.Р.**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

**Шарҳи мухтассар**: Яке аз омилҳои муҳимтарини рушди ҷомеа дар самти муҳандис-мӯзгорӣ тайёр кардани мутахассисорни ҷавон буда, дар донишҷӯён баланд бардоштани сатҳи зеҳнӣ ва маърифатнокии мутахассисони ҷавон мебошад. Коэффитсенти қувваҳои тавлидкунанда дар донишҷӯён ҳар қадар баланд бошад, зарурати тайёр кардани мутахассисони соҳибихтисос ҳамон қадар меафзояд.

Барномаи стратегии рушди илм ва инноватсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин вазифаҳои муҳимро дар бар мегирад: беҳтар намудани сифати таълим,баланд бардоштани дараҷаи тайёрии техникии мутахассисони оянда, инчунин ҳавасманд гардонидани мутахассисони соҳаҳои гуногуни истеҳсолот.

**Калидвожаҳо:** муҳандисӣ, мутахассис, тафаккур, соҳибихтисос, таҳсилоти техникӣ, сами муҳандисӣ.

Яке аз омилҳои муҳимтарини рушди ҷомеа баҳри омода намудании мутахассисони хуби соҳаи гуногуни истеҳсолот, дар самти баланд бардоштани сатҳи зеҳнӣ ва маърифатнокии ҷавон ифода меёбад. Коэффициенти қувваҳои тавлидкунанда ҳар қадар баланд бошад, зарурати тайёр кардани мутахассисони соҳибихтисос ҳамон қадар беш мешавад. Барномаи стратегии рушди илм ва инноватсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаҳои муҳимро ба нақша мегирад:

- бехтар намудани сифати таълим;
- баланд бардоштани дараҷаи тайёрии техникии мутахассисони оянда;
- диққати махсус додан ба процесси тадкикот;
- баланд бардоштани сифати таълими кадрҳои илмӣ-техникии донишҳои хозиразамон дар сатхи илму техника;
- ва тачрибаи амалии иштирок дар тадқиқоти илмӣ, ки дар раванди таълим ба даст оварда шудаанд;
- инчунин ҳавасманд ва дастгирии мутахассисони соҳаҳои гуногуни истеҳсолот.

Касби «омӯзгор» мураккаб, аз ҷиҳати хислатҳои худ доираи тафаккури касбию эҷодиро талаб мекунад. Хусусияти кори омӯзгор, пеш аз ҳама, дар он аст, ки объекти эҷодиёти ӯ аз ҷихати табиат нодир мебошад. Аз ин рӯ, ки касби омӯзгорро дар ҷаҳони муосир яке аз муҳимтарин касбҳост меҳисобанд.

Хусусиятхои тавсифии фардии донишҷӯёнро ба назар гирифта, доираи тафаккури касбию эҷодии онҳоро васеъ намудан лозим аст. Дар натиҷаи таҳлил ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки ҷустуҷӯи роххои такмили тайёрии касбии омӯзгор-муҳандиси оянда тайёрии махсусро талаб мекунад. Дар раванди кор, дарки онро бояд кард, ки робитаи амиқи ақидаҳо, ҳодисаҳо ва мушоҳидаҳои педагогӣ дар хамкории доираи умумии фарҳангӣ имконнопазир аст.

Принсипҳои таълими касбӣ системаи ягонаи ташкили таълими касбӣ буда, ба фароҳам овардани шароиту имконият барои муаллим барои пурратар ошкор намудани қобилияти худ равона карда шавад. Принсипҳои мазкур бояд пеш аз ҳама ба имкониятҳои баробари донишҷӯён фарогир шуда, ба намуди таҳсил, сарфи назар аз ҷои истиқомат, вазъи иҷтимоӣ ва аҳволи саломатии лонишҷӯ асос ёбад.

Бозори меҳнатии муосир оиди тайёр намудани мутахассисон талаботи худро ба миён мегузорад: мутахассисони ҷавон пеш аз ҳама, мутахассисони соҳаи худ бошанд,

масъулиятшин, худро идора карда тавонанд, пайваста таълим гиранд, худро такмил диҳанд, қарорҳои мустақилона қабул кунанд, идора ва роҳбарии коллективро донанд, роҳҳои созишро пайдо кунанд. Мутахассисе, ки чунин хислатҳоро дорад, дар коллектив мавқеи худро пайдо намуда, ба осони мавкеи рохбариро ишғол карда, дар вазъияти душвортарин ба муваффақият ноил мегардад.

Касби муҳандис душворӣ ва нозукиятҳои худро дорост аз ин рӯ, ҳамаи ин боиси норозигии ҷавонон аз дараҷаи интихоби "таълими муҳандисӣ" дар донишгоҳҳои олӣ мегардад.

Пас "таълими муҳандисӣ" чист? Талаботи ҷамъият нисбат ба муҳандис ва мутаносибан ба маълумоти муҳандисӣ чӣ гуна аст ва дар марҳалаи ҳозира муҳандис дар қадом мақом қарор дорад? Ин масъала дар охири солҳои 20-уми асри гузашта, замоне, ки дар ҷумҳурӣ масъалаи таъмини кадрҳои муҳандисӣ дар саноати тараққиёбанда ба мадди аввал баромад.

Масъала дар бораи интихоби яке аз вариантҳои муваффақи маълумоти олии техникӣ чунин буд:

1) тайёр карданимуҳандисони самти «васеъ» ва ба стандарти касбӣ ва сафарбар намудани онҳо ба корхона.

2) барои эҳтиёҷоти истехсолот тайёр кардани муҳандисони ба иҷрои вазифаҳои касбии худ дар корхона.

Инженер-омузгор вазифаи дугонаро ичро карда, дар системаи таълими касбй-техникй, инчунин дар сохаи давлатии тайёр кардани мутахассисон фаъолияти педагогиро ба амал мебарорад.

Барои тайёр кардани муҳандисони оянда - муаллимон усулҳои ҳозиразамон, мувофиқи ихтисоси касбии таълими истеҳсолиро кор карда баромадан, инчунин барои баланд бардоштани роли тахассуси касбй ва тайёрии психологию педагогӣ кушиш кардан лозим аст.

Раванди таълими талаба ба касбомӯзӣ эҷоди фаъолияти самараноки омӯзгор ҳамчун намунаи пайравӣ, ташаккули қобилиятҳои педагогиро талаб мекунад.

Бо дарназардошти аҳамияти касби омӯзгорӣ, таъсири бузурги он ба ҷомеа, омӯзгор бояд на танҳо дорои сифатҳои муайян, балки шахсе гардад, ки муносибаташро ба ҷаҳон тағйир додааст, дорои сатҳи нави дониш, масъулияти баланд бардоштани сатҳи дониши худ мегардад. амалҳо ва оқибатҳои онҳо.

Такмили минбаъдаи ташкили раванди таълим ба баланд бардоштани сифати таълим, таъмини сафарбарӣ, ҷолибият ва рақобатпазирии он дар бозори меҳнат вобаста аст.

Талаботи донишкадахои олй дар заминаи педагогикаи ба студент нигаронидашуда такмил додани программаи тараккиёт ва худшиносии студентон мебошад. Дар ҷараёни таълим зарур аст, ки:

- истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва компютерӣ ва усулҳои интерактивии таълим, воситаҳои мултимедиявӣ;

- фардӣкунонии раванди таълим ва пурзӯр намудани нақши кори мустақилонаи донишҷӯён;

- ҷорӣ намудани воситаҳои электронии таълим, барномаҳои таълими компютерӣ;

- истифодаи системаҳои муосири назорати сифати дониши хонандагон ва мониторинги сифати таълим.

- ташкил ва ҷорӣ намудани барномаи табодули таҷриба бо соҳаҳои пешбари донишгоҳҳои кишварҳои дигар.

Ташаккул ва такмили ихтисос, махорати касбии муҳандис-муаллим бевосита ба сатҳи маълумот, ҳолати вазъи таълим, сифати тайёр кардан ва бозомӯзии ҳайати омӯзгорон вобаста аст.

Қонун «Дар бораи маориф» маорифро ҳамчун раванди мақсадноки таълиму тарбияи шахс ба манфиати шахс, ҷомеа, давлат, ки бо баёни дастовардҳои шаҳрванд дар сатҳи таҳсилоти муайяннамудаи давлат муқаррар кардааст, муайян кардааст.

Бо баррасии ин қонун метавон ба хулосае омад, ки ташаккули маълумот ва маҳорати касбии мутахассис бояд дар ягонагӣ ва робитаи мутақобила, инкишоф, такмил ва худтакмилдиҳии маҳорати касбӣ, дар раванди таълиму тарбия ва фаъолияти касбӣ ба назар гирифта шавад.

Ақидаи умум вуҷуд дорад, киояндаи ҷомеа, пешравӣ ва рушди бомуваффақияти он ба сифати таълим, сатҳи маърифати одамон, дастрасии мутахассисони варзида ва маҳорати касбии онҳо вобаста аст.

Ҷаҳони оянда ба одамони нав ниёз дорад: мутахассисон, мутафаккирон-ислоҳотгарон, созандаҳо-коргарон, ислоҳотчиёни фаъоли худ ва кори худ, бидуни даъват ва мавқеъи худ дар зиндагӣ, пас ӯ дар ниҳоят мутахассиси пасттар мешавад. Зимнан, дар шароити муосири иқтисоди бозоргонӣ сифати баланди таҳсилот яке аз омилҳои рушди бомуваффақияти дигаргуниҳои демократӣ дар ҷомеаи Тоҷикистон мебошад.

Дар натичаи нихоии фаъолияти системаи таълим, сифати таълим, аз як тараф, дарачаи тахассуси мутахассисон, кобилияти мутобикшави, харакат, кобилияти касбй, саводнокии функсионалии онхоро муайян мекунад, ки барои такмили мавод зарур аст. асоси чамъият бошад, аз тарафи дигар, асоси инкишофи системаи арзишхои умумибашарй мебошад, ки ба баланд бардоштани дарачаи маънавии гражданинхо кодир аст. Зимнан, вазифаи олии таълимӣ гузошта шудааст, ки на танҳо мутахассисон, балки мутахассисони дорои сатҳи баланди касбӣ омода созанд

Зимнан, вазифаи олии таълимӣ гузошта шудааст, ки на танҳо мутахассисон, балки мутахассисони дорои сатҳи баланди касбӣ омода созанд. Маҳорати баланди касбӣ барои ташаккули он равишҳо ва шартҳои дигарро, ки аз ҷиҳати сифат ва эътимод пешрафтатаранд, тақозо мекунад.

Аз рӯи таснифоти тахассуси муҳандисӣ:

1) аз «инженер» талаб карда мешавад, ки хохиши пеш бурдани фаъолияти мураккаби инженерй ва халли масъалахои мураккаби инженерй.

2) дарачаи мураккабии вазифахое, ки «технологхо» хал мекунанд, аз руи «вазифахои ба тоаври васеъ муайяншуда» ифода карда мешаванд.

3) дарачаи мураккабии вазифахое, ки техникхо» хал мекунанд — «вазифахои аник муайяншудаи инженерй.

Хамин тавр, ташаккул додани махорати касбй ва тайёр кардани инженер-педагогхои оянда вазифаи на танхо системаи маориф, балки тамоми чамъият мебошад. Муваффакият ва гул-гулшукуфии тамоми чамъият хам дар замони хозира ва чи дар оянда ба сифати ичрои ин вазифахо вобаста аст.

**Адабиёт:**


1. Батышев С.Я. Профессиональная педагогика. М., 2000.

2. Зуев П.В., Кощеева Е.С. Развитие инженерного мышления учащихся в процессе обучения // Педагогическое образование в России. 2016. – № 6. – С. 44.

3. Кабанов Г.П. Педагогические технологии в техническом вузе. Красноярск, 2004.

4. Матюшкин А.М. Проблемные ситуации в мышлении и обучении. М., 2.

5. Назарзода Р. С. Саводнокии рақамӣ – салоҳияти калидии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олӣ / Р. С. Назарзода // Паёми Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. – 2022. – № 4/II (51). – С. 109-116.

6. Назарзода Р. С. Салоҳиятҳои заминавии барномасозӣ – тақозои асри рақамӣ / Р. С. Назарзода // Паёми Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. – 2021. – № 4 (47). – С. 146-153.

7. Усольцев А.П., Шамало Т.Н. О понятии «инженерное мышление» // Формирование инженерного мышления в процессе обучения [Текст] : материалы междунар. науч.-практ. конф., 7-8 апреля 2015 г., Екатеринбург, Россия.

8. Соколова И.Ю., Кабанов Г.П. Качество подготовки специалистов в техническом вузе и технологии обучения. Томск, 2003.

9. Столяренко Л.Д., Столяренко В.С. Психология и педагогика для технических вузов. Ростов н/Д, 2001.

## ФОРМИРОВАНИЯ ПРОФЕССИОНАЛИЗМА И ПОДГОТОВКИ БУДУЩИХ ИНЖЕНЕРОВ-ПЕДАГОГОВ

**Аннотация:** Одним из самых важных фактов развития общества в сфере подготовки и повышения уровня интеллектуального арсенала молодых специалистов является образование. Чем выше коэффициент производящих сил, тем острее необходимость подготовки квалифицированных специалистов. В Республике Таджикистан важными задачами в стратегической программе развития науки и инноваций являются: улушение качества преподования, поднятие уровня технической подготовки будущих специалистов, а также поощрения и поддержки специалистов в различных производственных областях.

**Ключевые слова**: инженерия, проектирование, специалист, деятельность, квалификация, техническое образование, инженерное направление.

## FORMATION OF PROFESSIONALISM AND TRAINING OF FUTURE ENGINEERS-TEACHERS

**Annotation:** One of the most important factors in the development of society in the field of training and raising the level of the intellectual arsenal of young professionals is education. The higher the coefficient of generating forces, the more acute the need for training qualified specialists. In the Republic of Tajikistan, important tasks in the strategic program for the development of science and innovation are: improving the quality of teaching, raising the level of technical training of future specialists, as well as encouraging and supporting specialists in various industrial fields.

**Key words:** engineering, design, thinking, activity, technical education, engineering direction. specialist, qualification,

**Маълумот дар бораи муаллиф:**

**Назарова Мавлуда Раҷабалиевна** – н.и.п., и.в. дотсент, муаллими калони кафедраи забони русӣ ва таълимоти касбии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон тел. (+992) 918-62-54-68.

**Сведения об авторе:**

**Назарова Мавлуда Раджабалиевна** – к.п.н., и.о.доцента, старший преподаватель кафедры русского языка и профессионального образования Технологического университета Таджикистана. Тел. (+992) 918-62-54-68.

**About the author:**

**Nazarova Mavluda Radzhabalievna** – Ph.D. Senior Lecturer at the Department of Russian Language and Vocational Education, Technological University of Tajikistan. Tel. (+992) 918-62-54.

**УДК 821.(045)**

# “ШОҲНОМА”-И ФИРДАВСӢ ДАР МОВАРОИ БАҲС

**Одинаев Н.**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

Дар мақолаи мазкур қисмати “Шоҳнома”-и Абулқосими Фирдавсӣ дар тули асрҳо мавриди омӯзиш ва пажӯҳиш қарор дода шудааст. “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ ба таърихи Аҷам бахшида шуда, онро шоир ният дошт ба хонадони Сомониён пешкаш намояд. Мутаассифона, дар замоне ки “Шоҳнома” ба охир мерасид, замони ҳукмронии давлати “Сомониён” ба охир мерасад ва ба ҷойи он Сабуктегин бо ҷумлаи пайравонаш ба сари қудрат меояд. Аз ҳамин рӯз ба сари ин асари безавол аз ҷониби шоирону муҳаққиқон ҳама гуна баҳсу мунозира ва туҳматномаҳо бор мешавад. Муаллифи мақолаи мазкур дар сари ҳамин гуна баҳсҳо назари худро баён намуда, кӯшиш намудааст, ки аҳамияти таърихию адабии “Шоҳнома”-и Фирдавсиро нишон дода, бо қадри имкон онро аз доираи ҳар гуна ноадолатиҳо берун кашад.

**Калидвожаҳо**: достон, шоир, қаҳрамон, баҳс, Рустам, аср, Сомониён**, Ғазнавиён.**

Дар охири садаи IX ва ибтидои қарни X дар ҳаёти сиёсӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоии сарзамини Мовароуннаҳр ва Хуросон табаддулоти муҳиме ба вуқуъ пайваста, воқеияти таърихро аз мурури таърихию сиёсии худ хориҷ сохт. Ин дигаргунии куллӣ дар ҳаёти сиёсӣ пеш аз ҳама ба муносибати хилофати Бағдод ба хонадони Сомониён ва ҳокимиятҳои хурду бузурги ин сарзамин вобаста буд. Ҳокимони Оли Сомон дар рушду густариши илму адаби мардумони бумии сарзамини Мовароуннаҳр ва Хуросон иқдоми зиёдеро пеш гирифтанд, то мавқеи сиёсии ин қаламравро на бо ҷангу ҷидол, балки бо илму фарҳанг ва рушди оину расму русуми динию мардумӣ устувор созанд. Академик Носирҷон Салимӣ зимни баррасии адабиёти даврони Сомониён ба бузургии сиёсати фарҳангию мардумсолории ин хонадон чунин баҳогузорӣ менамояд: “Ба дунболи истиқлоли сиёсӣ амирони сомонӣ ҳувияти фарҳангӣ, тарвиҷи забони модарӣ ва равнақи адабиёту ҳунарро ба ҳайси рисолати аслии давлатдорӣ дар меҳвари сиёсати дурнигаронаи хеш қарор доданд”[8, 3]. Аз чунин сиёсати оқилона душманони давлати тоҷикон ҳар замон дар камингоҳ қарор гирифта, фурсатеро интизор буданд, ки ба пояи ин сиёсат бо табари ноинсофона зарбаҳои ҷонкоҳона зананд. Сомониён бо арзишҳои фарҳангӣ ва миллӣ эътимод намуда, кӯшиш доштанд, ки истиқлолияти сиёсиро устувортар намуда, мулки аҷдодонро аз вобастагии хилофати Бағдод наҷот диҳанд. Истиқлолиятхоҳии Сомониён душманони камингоҳи ин хонадон туркони кучманчӣ ва хилофати ҷудоихоҳро ба ҳам овард ва ҷараёни инқирози давлати миллии Сомониёнро тезонд. Дар ҳамин асно Фирдавсӣ бо зинда гардонидани таърихи Аҷам талош бар он дошт, ки ба пойдевори сиёсати истилогаронаи хилофати Бағдод зарба зада, ҳисси худшиносии таърихию миллии мардуми бумиро устувор созад. Шояд ягон сиёсатмадор ё аҳли фарҳангу адаби дарбори Сомониён чашмдор набуд, ки аз байни қавмҳои турк, хосатан аз табори Сабуктегин даъвии ҷойгузинии тахту тоҷи онҳо мешавад. Гарчанде бархе аз муҳаққиқон дар байни сиёсати ин ду хонадон чандон фарқияте ба мушоҳида намегиранд. Масалан, доктор Сируси Шамисо ҷараёни тағйир сабки мудирияти замони Султон Маҳмудро ба мушоҳида гирифта, ба хулосае меояд, ки “...ба ҳар ҳол вақте, ки Ғазнавиён дастпарвардаи Сомониён ба ҳукумат мерасанд, дар русуми дарборӣ ва қавонини иҷтимоӣ тағйироти ногаҳонӣ ва бунёдӣ рух намедиҳад ва аз ин рӯ, тағйири махсуси шадиде дар сабки адабиёти ин давра дида намешавад. Аммо ба ҳар ҳол дар ҳукумат ва биниши Ғазнавиён бо Сомониён

ихтилофоте аст, ки боиси тағйироте дар сабки зиндагӣ ва тафаккури мардум ва ниҳоятан сабки адабиёт ҳам шудааст, ба тавре, ки дар мутоилоти дақиқтари сабкшиносона метавон сабки адабии давраи Ғазнавиёнро аз аҳди Сомонӣ бозшинохт” [16, 39].

Чунин табаддулоти сиёсии ғайриинтизор кулли аҳли илму адабро парешон кард ва маҷбур сохт, ки ё ба сиёсати истилогаронаи Сабуктегин мутобиқ шаванд ва ё чун Ибни Сино ва Абурайҳони Берунӣ рӯ ба муҳоҷират намоянд. Абулқосими Фирдавсӣ дар ин рӯзгори пурфоҷеа бо ифтихору эҳтиром ба нигоштани “Шоҳнома” ва зинда гардонидани таърихи Аҷам машғул буд ва даъватан аз чунин ранг гирифтани воқеот ба оқибати ин асари безавол дар аҷаб монда буд. Фирдавсиро қисмати таърихи Аҷам, ки масъулияти эҳё гардонидани онро ба дӯш дошт, парешон мекард:

Ҳамехоҳам аз кирдигори баланд,
Ки чандон бимонад танам бегазанд,
Ки ин нома бар номи шоҳи ҷаҳон
Бигӯям, намонам сухан дар ниҳон [2, 123][37].

Вале хонадони Ғазнавиён ва аҳли дарбори ӯ аз рӯзи аввали ҳукуматдорӣ асосан ба Бағдод-маркази сиёсати исломӣ рӯи ниёз оварданд, зеро онҳо собиқаи арзишманди динию фарҳангии хоси худро надоштанд, то ба он такя карда бошанд. Ҳамзамон Ғазнавиён то замони пояҳои сиёсии салтанати худро устувор намудан ба забон ва фарҳанги Сомониён таваҷҷуҳ намуда, ҳар ҷо худро пуштибони мардуми бумии ин сарзамин вонамуд менамуданд. Дар дарбори Султон Маҳмуд зиёда аз чаҳорсад шоири форсигӯй ба мадҳу ситоиши шоҳ ва хонадони ӯ машғул буданд, ки онҳо ҳамагӣ аз мардуми бумии ин сарзамин-тоҷикон ва аз ақвоми ориёӣ буданд. Ховаршиноси олмонӣ Ҳирмон Этте нисбати вазъи дарбори Маҳмуд ба баъзе хулосаҳои нодуруст роҳ медиҳад, ки баъдҳо ин ба ғалатфаҳмии бисёр муҳаққиқон боис мегардад: “Султон Маҳмуд, ки ҳавас кард тавъам бо размӣ буданаш базмӣ ҳам шинохта шавад ва ҳомии илму адаб маъруф гардад ва аз худи ӯ низ шаш ғазал бозмонда, ҷамъе аз гӯяндагони замони худро, ки шумораи ононро чаҳорсад гуфтаанд, дар ҳалқаи адабии худ гирд овард, ки дар раъси (сардор, бузург) онон Абулқосим Ҳасан ибни Аҳмад Унсурии Балхӣ амирулшуарои дарбор буд...”[19.33]. Унсурӣ, Манучеҳрӣ, Фаррухӣ, Асҷадӣ ва садҳо шоирони дигар дар мадҳи шоҳони Ғазнавӣ камар баста, аз арзишҳои фарҳангию таърихии мардуми худ фаромӯш карда буданд. Манучеҳрӣ аз қавму қабилаҳои қаламрави он рӯз ёд карда, тақдиру қисмати онҳоро ба сиёсати Маҳмуд вобаста медонад:

Ту он шоҳе, ки андар Шарқу дар Ғарб,
Ҷуҳуду габру тарсову мусулмон
Ҳамегӯянд дар тасбеҳу таҳлил:
Илоҳо, оқибат Маҳмуд гардон! [13, 25].

Дар эҷодиёти Унсурӣ, хосатан дар қасидаҳои ӯ мадҳу ситоиши аҳди Ғазнавӣ мавқеи муҳимро дорост. Унсурӣ ҳамеша бо аҳли дарбор дар маросиму ҷашнҳо ва ҷангу ғалабаҳои Султон Маҳмуд иштирок менамуд ва дар баробари мадҳи султон дар зимни он вазъияти воқеиро бо рӯйдодҳояш тасвир менамуд. Шиблии Нуъмонӣ яке аз вижагиҳои қасоиди Унсуриро “аз воқеанигорӣ кор гирифтааст” гуфта, таъкид мекунад. Дар ин мавридҳо, ки воқеанигорӣ дар ашъори шоир бештар аҳамият пайдо мекунад, қасида на танҳо чун назми баргузидаи дарбор, балки ҳамчун инъикоси ҳаёти воқеии зиндагии аҳли рикоб намоён мегардад.

---

[37] Баргирифта аз Садриддин Айнӣ. Мунтахаби асарҳои илмӣ, ҷилди дувум. Асарҳои адбиётшиносӣ ва нақди адабӣ.-Душанбе: Дониш, 2008.- С.123.

Дар назари Унсурӣ хашми Султон сангро хокистар мекунад, чунбидани банди қабои ӯ ҳозиринро ба ваҳму ваҳшат меорад, ки ин нишони қудрати сиёсати бераҳмонаи султон аси, ки мардумро ба тарсу ҳаросе расонда буд, ки дар шеъри аҳли Ғазнавиён тасвири он аз воқеот берун аст.

Оби ҷӯдаш бардамад заррин шавад гетӣ ҳама,
Оташи хашмаш бихезад санг хокистар шавад [13, 25].

ё

Агар бичунбад банди қабои ӯ аз бод,
Гумон кунад, ки ҳаме бар ҷигар хурад мисмор [13, 25].

Шеъри унсуривор ба дараҷае ба мадҳи Султон ғарқ мешавад, ки ҳатто аҷалро дар назди Маҳмуд ба ларза меорад:

Ҳаво, ки базми ту бинад, бароядаш дандон,
Аҷал, ки теғи ту бинад, бирезадаш чангол [14, 68].

Тавонгарию бузургию коми дил ба ҷаҳон,
Накард ҳосил кас баҷуз ба мадҳати султон [13, 102].

Ҳатто Фаррухӣ низ аз пайи Унсурӣ ба мадҳу ситоиши султон иқдом мекунад:

Бузургию шарафу қадру ҷоҳу бахти ҷавон,
Наёбад ҳеҷ кас ҷуз ба мидҳати султон [14, 251].

Дар марҳилаи дигар шуарои даврони Маҳмуд содиқ будани худро дар сиёсати ҳокимияти султон дар танқиди қаҳрамонони таърихи Аҷам ва шоироне чун Рӯдакӣ мебинанд. Ин гуна эътиқод бар “мадҳи султон” аввалан шоиронро вобастаи дарбор намуда, Рӯдакӣ ва сабки ӯро дар аҳди Ғазнавӣ маҳдуд месохт. Рӯдакӣ лаҳзае ба хотири Унсурӣ мерасад, ки аз инъомҳои Маҳмуд шукрона намуда, боигарии Рӯдакиро дар нисбати инъомҳои султон, ки барои як қасидаи бахшидааст, ҳеҷ шуморад:

Чиҳил ҳазор дирам Рӯдакӣ зи меҳтари хеш,
Биёфтааст ба тавозуъ аз ин дуру он дар…
Гар он атош бузург омаду би гуфт ҳаме.
Кунун куҷост, биё гӯ: атои шоҳ нигар [13, 126].

Мутаассифона, Фирдавсӣ ва “Шоҳнома”-и ӯ дар доираи адабии Маҳмуд ва ҳалқаи шоирони дарбори ӯ ҳузур надорад, зеро руҳияи худшиносии ӯ бо шоирони маддоҳи дарбори Маҳмуд мутобиқ намеомад.

Тадриҷан, Фирдавсӣ ва “Шоҳнома”-и ӯ аз маҳфили илму адаб ва шеъру шоирӣ берун мешавад ва шоирони дигар ҳавзаҳои адабӣ барои шуҳрату шаҳомати худро аз Фирдавсӣ ва “Шоҳнома”-и ӯ боло нишон додан ба накӯҳиш ва маломати ин шоири бузург худшинос мекӯшанд. Асадии Тӯсӣ, ки бо “Гаршоспнома”-и худ машҳур аст ва Давлатшоҳи Самарқандӣ ӯро дар назми “Шоҳнома” роҳнамо ва устоди Фирдавсӣ меҳисобад, шояд дар пайравии аҳли дарбори Ғазна бо ҳамон шева аз Фирдавсӣ ва асари ӯ айбҷӯӣ менамояд:

Зи Рустам сухан чанд хоҳӣ шунуд,
Гумоне, ки чун ӯ ба мардӣ набуд.
Агар разми Гаршосп ёд оварӣ,
Ҳама разми Рустам ба бод оварӣ [12].

Давлатшоҳ муддаии он аст, ки Асадии Тӯсӣ “Табъе салиму зеҳне мустақим дошта ва Фирдавсии Тӯсӣ шогирди ӯст. Ва дар рӯзгори султонуссалотии Маҳмуди Ғазнавӣ устоди фирқаи шуарои Хуросон будааст ва ӯро ба каррот таклифи назми “Шоҳнома” кардаанд” ва истеъфо хоста ва пирию заъифиро баҳона сохта”[9.52]. Асадии Тӯсӣ(1005\1010-1073)[38] ин сатрҳоро ба мақсади паст нишон додани мақоми Фирдавсӣ дар майдони сухан менигорад:

Ба “Шоҳнома” Фирдавсии нағзгӯй,
Ки аз пеши гӯяндаон бурд гӯй.
Басе ёди разми пилон карда буд,
Аз ин достон ёд н-оварда буд [12.].

Маълум аст, ки Асадии Тӯсӣ достони “Гаршосбнома”-ро дар назар дорад, ки аз назари Фирдавсӣ берун мондааст ва бо ифтихор ваъда медиҳад, ки назми ин достонро хоҳам кард:

Ниҳоле буд ин руста ҳам зоғон дарахт,
Шуда хушку бе бору пажмурда сахт.
Ман акнун зи табъам баҳор оварам,
Мар ин шохи навро ба бор оварам [12.].

Ба ин туҳматномаҳо нисбати Фирдавсии покнажожд устод Шиблии Нуъмонӣ ҷавоб медиҳад: “Чунон ки дар як шабонарӯз чаҳор ҳазор байт гуфта, таҳвили Фирдавсӣ дод ва ӯ онро дохили “Шоҳнома” кард ва ин ҳамон ашъорест, ки дар ҳамлаи Араб ва шикасти Эрон дар “Шоҳнома” мушоҳида мешавад.

Вале, ба ақидаи мо (Шиблии Нуъмонӣ дар назар аст.-О.Н.), ин ривоят ба куллӣ муҳмал ва ҷузъи афсона аст. Чи, аввалан, “Шоҳнома” нотамому ноқис набуда, ва, сониян, Асадӣ устоди Фирдавсӣ набуд[39] ва чунин каломе наметавонист бигӯяд. Солисан, дар як шабонарӯз Асадӣ наметавонист чаҳор ҳазор шеър бигӯяд ва гузашта аз ҳама, ҳар касе ашъори фавқи “Шоҳнома”-ро дида, бидонад, ки он ба сабки ашъори Асадӣ ҳеч шабоҳату таносубе надорад”[18.158]. Илова бар ин, замоне ки Асадӣ (таваллуд соли 1010) ба дунё меояд, Фирдавсӣ ба синни 70 расида буд ва чӣ тавр метавонист Асадӣ ба ин устоди сухан дар ҳунари шоирӣ роҳнамоӣ кунад. Ҳамзамон Асадӣ достони худро замоне ба навиштан сар мекунад, ки “Шоҳнома” китобат шуда, дар байни мардум мавриди мадҳу ситоиш қарор дошт. Ҳам Асадӣ ва ҳам доираи адабии Маҳмудро ҳирси бадбинию ҳасуд маҷбур месозад, ки нисбати ин шоҳасари бузург ва холиқи он бадгумонӣ намояд.

Ниҳоят, фирдавсиситезиро мо дар “Тазкират-уш-шуаро”-и Давлатшоҳи Самарқандӣ ба мушоҳида мегирем, ки ин бадхоҳиҳо аз доираҳои адабии дарборӣ ба рисолаю тазкираҳо мекӯчад. Маҳмуд ҳеч гоҳ аз назми таърихи Аҷам манфиатеро намедид ва Давлатшоҳ даъво пеш меорад, ки “Ва Султон Маҳмуд Унсуриро фармуда буд, ки таърихи мулуки аҷамро дар қайди назм оварад ва Унсурӣ аз касрати иштиғол баҳонаҳо мекард ва метавонад буд, ки табъаш бар назми “Шоҳнома” қодир набуда бошад...”[9.52]. Унсурӣ ягон амри султонро ҷуръати рад карданро надошт ва агар чунин дастуре аз ҷониби Маҳмуд ҳам буд, Унсурӣ мефаҳмид, ки ба ин шоҳи туркасл назми таърихи Аҷам зарурат надорад, зеро дар таърихи ин мулук аҷдоди ӯ иштироке намекунанд, аз ин рӯ шуарои дарбори султон масъулияти назми

[38] Фирдавсии Тӯсӣ соли 941 таваллуд шуда, соли 1020 аз олам гузаштааст ва бо чунин фарқияти синну сол оё метавонад Асадии Тӯсӣ мақоми устодии Фирдавсиро дошта бошад.
[39] Шарҳе, ки дар “Гаршосбнома” аз Фирдавсӣ зикр карда, ба таври қатъ маълум медорад, ки Фирдавсӣ шогирдӣ ӯ набуда. Ин як байтро мулоҳиза кунед:

Ба “Шоҳнома” Фирдавсии нағзгӯй,
Ки аз пеши гӯяндаон бурд гӯй.

таърихи Аҷамро ба Фирдавсӣ гузошта, чашмдор набуданд, ки “Шоҳнома”-и безавол то ин дараҷа сиёсати хонадони Ғазнавиёнро ба ҳеч баробар мекунад.

Давлатшоҳ даъво пеш меорад, ки Султон Маҳмуд ба хотири ин байт:

Чу кӯдак лаб ба шири модар бишӯст,
Ба гаҳвора “Маҳмуд” гӯяд нахуст [9, 67].

Султон аз ин байт бағоят хуш омад ва Фирдавсиро фармуд, то ба назми “Шоҳнома” қиём кунад... Муддати чаҳор соли дигар дар хиттаи Ғазнин ба назми “Шоҳнома” машғул буд ва баъд аз он иҷозат ҳосил кард, ки ба ватан равад ва ба назми “Шоҳнома” машғул бошад” [9, 67]. Замоне ки Султон Маҳмуд ба қудрат расид, Фирдавсӣ даврони пирӣ меронд ва “Шоҳнома” ба охир расида буд. Давлатшоҳ бо ҳар роҳу восита мекӯшад, дар бунёди ин асари безавол дасти Маҳмудро бинад, ки ин таҳрифкориҳои ӯ ба воқеоти таърих рост намеояд. Ин нуктаро Забеҳуллоҳи Сафо низ ба мушоҳида мегирад ва саҳми Маҳмудро дар омодасозии “Шоҳнома” маҳкум менамояд: “Тазкиранависон дар шарҳи ҳоли Фирдавсӣ навиштаанд, ки ӯ ба ташвиқи Султон Маҳмуд ба назми “Шоҳнома” пардохт ва иллати ин иштибоҳ он аст, ки номи Маҳмуд дар нусхаи мавҷуди “Шоҳнома”, ки дувумин нусхаи “Шоҳнома”-и Фирдавсист, тавассути худи шоир ғунҷонида шуда, чуноне ки ба мавқеъ хоҳем гуфт ва нусхаи аввали “Шоҳнома”, ки мунҳасир буд, ба манзум сохтани матни “Шоҳнома”-и Абумансурӣ” мавқее оғоз шуда буд, ки ҳанӯз 19 сол аз умри давлати Сомонӣ боқӣ буд ва агар Фирдавсӣ тақдими манзумаи худро ба подшоҳе лозим мешумурд, ногузир ба даргоҳи Оли Сомон, ки харидори ин гуна осор буданд, рӯй менамуд ва ба ҳар ҳол наметавонист дар он таърих ба даргоҳи султоне, ки ҳанӯз рӯи кор наёмада буд, биштобад. Маҳмуд туркзоди Ғазнавӣ на танҳо дар эҷоди “Шоҳнома” –и устоди Тӯсӣ таъсире надошт, балки танҳо кори ӯ қасди қатли гӯяндаи он ба гуноҳи дӯст доштани нажоди эронӣ ва эътиқод ба ташаййуъ будаасту бас”[10, 108]. Шояд ба иллати ҳар гуна ҳадсзаниҳои тазкиранигорон буд, ки таъсиру нуфузи “Шоҳнома” дар ташаккули фарҳанги миллии тоҷикӣ ниҳоят паст гардида, барои воридшавии расму русуми бегонагон шароит фароҳам меояд. Ин фурсат ба душманони фарҳанги мардумии тоҷикон имкон медиҳад, ки тамоми арзишҳои қавмҳои ориёӣ идҳои Наврӯз ва Сада аз ҷониби Ғаззолӣ ҳаром эълон мешавад [7.150]. Ин гуна шоҳномаситезӣ ё ориёситезӣ дар асрҳои минбаъда хеле фаъол мегардад, то ҳадде, ки “Ситез бо “Шоҳнома” ончунон умқу густариш дошт, ки ҳатто дар мутуни адабии форсӣ ҳам, ки дар қарнҳои панҷуму шашум таълиф шуда, камтар номеву шеъре аз он ҳаст. Дар “тарҷумон-ул-балоға”, “Ҳадоиқу-с-сеҳр” ва “Латоифу-л-амсол”-и Рашиди Ватвот ва “Қобуснома” ва “Синбоднома” ва “Калила ва Димна” ва осори Муҳаммад Ғаззолӣ ҳам номеву шеъре аз Фирдавсӣ намеёбем” [7.153].

Баъдтар аз Фирдавсӣ ва бузургии ӯ Мавлоно Ҷомӣ дар қисми ҳафтуми “Баҳористон” ёд мекунад ва боз ба ҳамон ривоятҳои мавҷуда рӯ меорад ва симои ин бузурги мулки сухан дар сояи сиёсатҳои замони шоир пинҳон мемонад.

Дар адабиёти туркзабонон аз асрҳои XIV-XV сар карда, муносибат ба саромадани адабиёти форс-тоҷик аз рӯи манфиатҳои сиёсии темуриҳо ва аҳли рикоби онҳо сурат мегирифт, зеро дар ин марҳила адабиёт ва фарҳанги туркзабонон дар Мовароуннаҳр ва Хуросон нуфуз пайдо карда, ба фарҳангҳои дигар эҳтиёҷе намонда буд. Шоироне, ки баҳри тарғиби масоили худшиносии миллии мардумони бумии ин сарзамин қаламфарсоӣ карда буданд, дар доираҳои адабию сиёсии давр ба онҳо эътибори ҷиддӣ дода намешуд. Холиқ Мирзозода ин вазъиятро хеле хуб мушоҳида гирифта, менигорад: “Дар рӯйхат (“Муҳокимат-ул-луғатай”-и Навоӣ дар назар аст.О.Н.) номбар намудани Фирдавсӣ, Хоқонӣ, Аттор, Амир

Хусрав, Ҷалолидини Балхӣ, Камол ва Ҳофиз чунин маънӣ надорад, ки онҳо ба программаи мутолиаи шоирони асри XV дохил намешуданд… Ин рӯихатро дар “Муҳокимат-ул-луғатай” пурра карда, номҳои Амир Хусрав, Хоҷу, Салмони Соваҷӣ ва Ҳофизро ба забон гирфтани Навоӣ ва аз шоирони асри XV Амиршоҳӣ ва Котибро ном бурдани вай, доираи намунаи ибрати ин асрро боз ҳам равшантар кардааст” [5.125].

Ҳаким Фирдавсӣ дар ин рӯйхат ё роҳ намеёфт ё дар сари он баҳсҳо тул мекашид. Зеро ӯ дар “Шоҳнома” -и безаволи худ масоили худшиносию худогоҳии таърихии мардумони бумии ин сарзаминро ғояи асосии асари худ қарор дода, ҳукмронии бегонагонро намепазируфт ва эътироф намекард. Ҳамчунин Фирдавсӣ аз ҷиҳати мазҳаб ҳам бо ин баҳона дар доираҳои адабӣ ном намебурданд. Вале “Шоҳнома” ҳамчун дастури беҳтарини давлатдорӣ дар байни мардум ва марказҳои илмию сиёсии давр эътибори худро пайдо мекард. Аз ин рӯ, дар асоси мушоҳидаҳои Холиқ Мирзозода “Шоҳнома” дар асри XV ҷамъоварӣ ва ба тартиб даровarда шуд, вале чун ба лашкар ва сарлашкарони туркзабони темурӣ номафҳум буд, дар доираи баланди қишри бомаърифати аристократӣ маҳдуд мемонд. Кӯшишҳои шоири дузабонаи турк Лутфӣ бобати дар мисоли “Шоҳнома” дар асоси маводи “Зафрномаи Темурӣ” офаридани “Темурнома” амалӣ нашуд.

Бо вуҷуди ин “Шоҳнома” бо аҳли сиёсати замон мавриди муносибати холисонае гашт. Шояд ба ҳамин сабаб буд, ки дар китобхонаи Ҳирот бо ташаббуси Мирзо Байсунғур аввалин нусхаи нисбатан пурраи “Шоҳнома” -и Фирдавсӣ, ки ҳоло нусхаи муътабар ба ҳисоб меравад ва дар асри XV мураттаб шудааст, нигоҳ дошта мешуд [5.125].

Марҳилаи сеюми зидди Фирдавсӣ ва ормонҳои миллии ӯ дар баробари “Шоҳнама” кӯшиши офаридани достону таърихномаҳо бо унвонии “Гаршоспнома”, “Темурнома”, “Бобурнома” ва ғайра мебошад. Вале ягон шоире ба мартабаи баланди шоирии Фирдавсӣ баробар шуда наметавонад, баръакс суханварони бузург ва донишманди тоҷик ба ҳунари шоирии ӯ муътақид мегарданд. Анварии Абевардӣ дар ҳаққи Фирдавсӣ чунин гӯяд:

Офарин бар равони Фирдавсӣ,
Он ҳумоюннажоди фархунда:
Ӯ на устод буду мо шогирд,
Ӯ худованд буду мо банда[2.139].

Ҳамзамон Давлатшоҳи Самарқандӣ дар тазкираи худ дар боби “Зикри Саҳбону-л-аҷам Фирдавсии Тӯсӣ, раҳматуллоҳу” пеш аз фирдавсиситезиҳо аз бузургдошти Фирдавсӣ сухан ба миён меорад, ки ин порчаи ситоишӣ ба нигоштаи мазбур ҳам ҳусни хотима хоҳад бахшид ва ба муддаиёни ин шоири бузурги мулки Аҷам ҷавоби муносиб хоҳад буд:

Сиккае, к-андар сухан Фирдавсии Тӯсӣ нишонд,
Кофирам, гар ҳеч кас аз мардуми фурсӣ нишонд.
Аввал аз болои курсӣ бар замин омад сухан,
Ӯ суханро боз боло бурду бар курсӣ нишонд [9.65].

**Адабиёт:**


1. Абдуллоев А. Адабиёти форсу тоҷик дар нимаи аввали асри XI.- Душанбе: Дониш, 1979. - 285 с.
2. Айнӣ, Садриддин. Мунтахаби асарҳои илмӣ, ҷилди дувум. Асарҳои адбиётшиносӣ ва накди адабӣ.-Душанбе: Дониш, 2008. - 312 с.

3. Айнӣ Садриддин. Қаҳрамони халқи тоҷик- Темурмалик. Исёни Муқаннаъ (очеркҳои адабӣ-таърихӣ). -Душанбе: Маориф, 1978. - 140 с.
4. Зарринкӯб Абдуҳусайн. Бо корвони ҳулла.-Душанбе: Пайванд, 2004. - 334 с.
5. Мирзозода Х. Таърихи адабиёти тоҷик.- Душанбе; Маориф, 1986. - 225 с.
6. Наҷот, Доро. Шайх Абдулқосими Гургонӣ.- Душанбе: Шарқи озод, 1999. - 200 с.
7. Раёҳӣ, Муҳаммадамини. Фирдавсӣ(зиндагӣ, андеша ва шеъри ӯ). - Душанбе: Шуҷоиён,2010. - 340 с.
8. Салимӣ Носирҷон. Адабиёти давраи Сомониён.- Душанбе, 2021. - 123 с.
9. Самарқандӣ, Давлатшоҳ. “Тазкират-уш-шуаро”.-Хуҷанд: Ношир, 2015. - 543 с.
10. Сафо, Забеҳулло . Таърихи адабиёти Эрон.- Душанбе: Алҳудо, 2001. -161 с.
11. Саидзода Ҷамолиддин. Фирдавсӣ-шоири паёмрасон.-Душанбе: Дониш, 2022. -566 с.
12. Тӯсӣ, Асади. Гаршобнома, бахши 11. Дар мардонагии Гаршосб.-https://ganjoor.net
13. Устод Унсурии Балхӣ. Девон. Нашри Дабирсиёқӣ.- Теҳрон, 1342. – 593 с. Фаррухӣ. Девон. Чопи Алии Абдурасулӣ.-Теҳрон, 1311. - 354 с.
14. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома. Ҷилди 1.-https://ganjoor.
15. Шамисо Сирус. “Сабкшиносии шеъри форсӣ”.- Теҳрон, 1385. - 393 с.
16. Шарифзода Худой.Маънавият ва ҷаҳони зоҳирӣ.-Душанбе: Адиб,2012. - 353 с.
17. Шиблии Нуъмонӣ. Шеър-ул-Аҷам, ҷилди аввал ва дувум. - Душанбе: ДДОТ, 2016. - 458 с.
18. Этте, Ҳермон. Таърихи адабиёти форсӣ. - Теҳрон, 1337. - 433 с.

## «ШАХНАМЕ» ФИРДАВСИ В КРУГЕ ДИСКУССИЙ

В данной статье судьба «Шахнаме» Абулкасима Фирдавси изучается и исследуется на протяжении веков. «Шахнаме» Фирдавси посвящена истории Аджама, и поэт намеревался представить её династии Саманидов. К сожалению, в то время, когда «Шахнаме» подходило к концу, правление государства «Сомонианцев» также подходило к концу, а вместо него к власти пришёл Сабуктегин и его последователи. С этого дня исследователи и историки затеяли всевозможные споры и клевету на это великое произведение. Автор данной статьи высказал своё мнение по поводу подобных дискуссий и постарался показать историческую и литературную значимость «Шахнаме» Фирдавси, насколько это возможно, вывести его из сферы всякой несправедливости и жестокости критиков.

**Ключевые слова:** повесть, поэт, герой, диспут, Рустам, век, соманцы, Газневиды.

## FIRDAUSI'S "SHAHNAMA" IN THE CIRCLE OF DISCUSSIONS

In this article, the fate of Abulkasim Firdausi's "Shahnama" is studied and researched over the centuries. Firdausi's "Shahnoma" is dedicated to the history of Ajam, and the poet intended to introduce it to the Samanid dynasty. Unfortunately, at the time when "Shohname" was coming to an end, the rule of the "Somonians" state was coming to an end, and Sabuktegin and his followers came to power instead. From that day on, researchers and historians started all sorts of disputes and slanders against this great work. The author of this article expressed his opinion on such discussions and tried to show the historical and literary significance of Firdausi's "Shahnama", as far as possible, to take it out of the sphere of any injustice and cruelty of critics.

**Key words**: story, poet, hero, dispute, Rustam, century, Somans, Ghaznavids.

**Маълумот дар бораи муаллиф:**

**Одинаев Нурмуҳаммад Сафарович -** доктори илми филология, и.в. профессори кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. Тел: 934453344; E-mail: odinaievn@mail.ru

**Сведения об авторе:**

**Одинаев Нурмухаммад Сафарович -** доктор филологических наук, и.в. профессора кафедры “Гуманитарных наук” Технологического университета Таджикистана. Тел: 934453344; E-mail: odinaievn@mail.ru

**Information about the author:**

**Odinaev Nurmukhammad Safarovich -** Doctor of Philology, Actinment of Humanities of the Technological University of Tajikistan. Tel: 934453344; E-mail: odinaievn@mail.ru

**УДК 677.07.(045)**

# МНОГООБРАЗИЕ ФОРМ СОВРЕМЕННОГО ЖЕНСКОГО ЖАКЕТА С ИСПОЛЬЗОВАНИЕМ НАЦИОНАЛЬНОГО СТИЛЯ

**Олимбойзода П.А., Муродова М.С., Азимова Ф.Дж.**
**Технологический университет Таджикистана**

В настоящей статье проводится анализ формообразования женского жакета из трикотажных полотен с использованием национальной ткани бекасаб. Также рассматриваются факторы, определяющие особенность творческой деятельности художника - технолога при проектировании одежды из трикотажа, выбор материалов - основного, подкладочного, прокладочного и фурнитуры - производится с учётом конструктивных особенностей предлагаемой модели, направлений развития моды, ассортимента отечественных и импортных материалов, потребительских и промышленных требований, предъявляемых к ним. Авторами предлагаются эскизы жакета в национальном стиле.

**Ключевые слова:** жакет, трикотаж, национальная одежда, бекасаб, тамбурная вышивка, орнамент, проектный образ, формообразование костюма, формоустойчивость, эскиз.

Создание формы - это техника и искусство, которые служат практическим целям. Человеку свойственно чувство самовыражения, овладевая каким-то материалом. В нашем случае - это полотно разных структур, разного орнаментального решения. Надо эти полотна превратить в современную форму, которая называется «костюмом для человека». При этом не нужно забывать о приоритете творческого начала, когда образная сторона определяет техническую [1].

Форма костюма меняется от геометрических до плавных конструктивных и декоративных линий, присутствия диагоналей, узкого и мягкого оформления плечевого ската, акцентов в области груди и талии, часто бывает асимметричной. Пропорции элементов и деталей визуально меняют размеры и форму тела человека, создавая новый образ.

Для пошива изделий костюмной группы используется достаточно широкий и постоянно увеличивающийся ассортимент материалов. Крупнейшими поставщиками костюмных тканей на мировом рынке считаются китайские, итальянские и турецкие производители.

Потребителями к деловому женскому костюму, прежде всего, предъявляются требования быть максимально функциональными, удобными, гигиеничными, соответствовать фигуре заказчика и тенденциям моды, иметь хорошее качество пошива, выдерживать эксплуатационные нагрузки как в процессе носки, так и чистки, отличаться достаточным гарантированным сроком службы. В данной статье далее будет рассмотрен один из распространённых элементов женского костюма - жакет в национальном стиле.

***Жакет*** (фр. jaquette-куртка, от араб. jaque) - женская верхняя одежда, пиджак для женщин, который отличается по своему крою от мужского, а формы и пропорции зависят от общего направления моды [2, 3]. Следующая трактовка понятия жакет рассматривает его как верхнюю плечевую распашную одежду с рукавами, длиной от талии до середины бёдер. Существует множество вариантов. В женской одежде жакетом называют любую распашную одежду из материала [4].

В композиции женского костюма значительную роль играют воротники, которые отличаются фантастическим разнообразием: по форме, размерам, технологии пошива.

***Воротник*** - это важная деталь одежды, оформляющая вырез изделия и придающая ему законченный вид. Разнообразные модели воротников выполняют одновременно несколько функций в зависимости от назначения изделия: защищают от холода и ветра, украшают костюм, создавая модный и стильный образ. Модели воротников можно разделить на следующие группы: стоячие; стояче-отложные; плосколежащие; пиджачного типа; фантазийные и др. Они отличаются и по способу совмещения с горловиной: втачной; цельновыкроенный с деталями изделия; съёмный [5].

Выбор базовой формы проектируемого изделия зависит от вида изделия, ассортиментной группы, модных тенденций, стиля, соответствия размерной характеристики тела человека, соответствия законам композиции. Внешняя форма одежды является одним из основных элементов её композиции, определяется силуэтными, конструктивными и декоративными линиями. Силуэт изделия - это плоскостная характеристика формы.

Для проектируемого изделия выбран жакет женского прилегающего силуэта, небольшого объёма. Формообразование осуществляется за счёт конструктивных элементов. Разнообразие достигается за счёт различных вариантов формы воротников, рукава, расположения карманов, рельефов, а также отличия в отделке (рисунок 1).

Выбор материалов - основного, подкладочного, прокладочного и фурнитуры - производится с учётом конструктивных особенностей предлагаемой модели, направлений развития моды, ассортимента отечественных и импортных материалов, потребительских и промышленных требований, предъявляемых к ним. Именно на основе специфических свойств выбранных материалов, в дальнейшем определяются методы обработки и сборки изделия, подберётся оборудование и спецприспособления, конкретизируется сам технологический процесс производства изделия.

Однако процесс формообразования трикотажного полотна отличается большой сложностью, поскольку трикотаж по сравнению с тканью имеет большую подвижность структуры и более высокую растяжимость в поперечном, продольном или одновременно в обоих направлениях. Но именно это свойство трикотажа выгодно отличает его от тканей и других материалов. Наличие подвижной петельной структуры придаёт полотну высокую

способность к формообразованию: полотно легко принимает сложную пространственную форму изделия. Поэтому важно не только получить требуемую форму трикотажного изделия, но и обеспечить стабильное сохранение этой формы в процессе эксплуатации изделия[40].



**Рисунок 1. Разновидности формообразования жакета**

На основе выделенных конструктивных элементов авторами разработаны ряд моделей нарядных женских костюмов европейского пошива с использованием национальных тканей и узоров в виде тамбурной вышивки «попур» (рисунок 2).




**Рисунок 2. Эскизы нарядных женских костюмов в национальном стиле (разработаны авторами)**

[40] Шеромова И.А. Проблемы повышения качества швейно-трикотажных изделий /И.А. Шеромова, О.А. Дремлюга, А.С. Железняков // Швейная пром-сть, 2012. - №6. - С. 29-30.

***Трикотаж*** (**фр.** ***tricotage***) - вязаный текстильный материал или готовое изделие из трикотажного полотна, а также цельновязаное изделие, структура которого представляет соединённые между собой петли, в отличие от ткани: ткань образована взаимным переплетением двух систем нитей (основы и утка), расположенных по двум взаимно перпендикулярным направлениям, поэтому употребление словосочетания «трикотажная ткань» является неправильным. Для трикотажного полотна характерны растяжимость, эластичность и мягкость. При производстве трикотажных полотен используются синтетические, хлопчатобумажные, шерстяные и шёлковые волокна в чистом виде или в различных сочетаниях, в том числе с добавлением эластана. Первые трикотажные изделия, найденные при археологических раскопках, датируются VI веком до нашей эры[1]

***Бекасам (бекасаб)*** - полосатые, прочные ткани, основа - из шёлковых нитей, уток - из хлопковой пряжи [6]. Предназначены для верхней одежды мужчин и женщин различных возрастов. Это многоцветная полушёлковая материя. Орнамент - полосатый, узорчатый. В современном Таджикистане бекасам выпускают, в основном каратагские народные умельцы. Ткань очень популярна у местных жителей и в настоящее время.

***Модель №1.*** Жакет женский прилегающего силуэта, длиной до линии бёдер, на подкладке в цвет основной ткани. Жакет выполнен из трикотажной ткани синего цвета и национальной ткани бекасаб. Полочка с рельефами, от линии проймы, проходящими через центр груди. Спинка со средним швом. Рукава втачные, одношовные с притачными манжетами, длинные. Воротник стойка. По центру с двух сторон выполнена тамбурная вышивка с растительным орнаментом.

***Модель №2***. Жакет женский полуприлегающего силуэта, длиной до линии колен, выполнен из трикотажной ткани цвета фуксии и национальной ткани бекасаб. Полочка с рельефами, от линии проймы, проходящими через центр груди, застёгивается на 1 петлю и 1 пуговицу. Нижняя часть отрезная, выполнена из ткани бекасаб. Спинка со средним швом. Рукава - втачные, расклешённые длиной 3/4, с отделочной вставкой по низу. По центру с обеих сторон выполнена тамбурная вышивка с растительным орнаментом. Воротник стояче-отложной пиджачного типа.

***Модель № 3.*** Жакет женский прилегающего силуэта, длиной до линии бёдер, на подкладке в цвет основной ткани. Жакет выполнен из трикотажной ткани зелёного цвета и национальной ткани бекасаб. Полочка с рельефами, от линии проймы, проходящими через центр груди, с накладными, нагрудными карманами. Спинка со средним швом. Рукава втачные, одношовные с притачными манжетами, длинные. Воротник стойка.

С 1 марта по 30 мая во всех городах и районах республики, местных органах власти, министерствах и ведомствах будет реализована акция «Мы носим таджикское», что является признаком цивилизованности и богатой культуры таджикского народа.

Каждая нация и народ имеют свои национальные костюмы и отдают дань высокой культуре своих предков. Таджикская одежда, имеющая древнюю историю и считающаяся неотъемлемой частью национальной культуры, является отражением эстетического вкуса исконного таджикского народа. В связи с этим, а также в целях соблюдения правильной манеры одеваться и популяризации национальных костюмов, было издано и представлено гражданам страны «Руководство по рекомендуемой одежде для девушек и женщин Таджикистана». Данная инструкция носит рекомендательный характер и создана с целью регламентации национального дресс-кода [7].

Ношение рекомендуемой национальной одежды важно и является обязанностью каждого гражданина ради настоящего и будущего нации. Ношение национальной одежды

снижает интенсивность проникновения в нашу страну иностранной одежды и культуры. Родители и все институты, имеющие отношение к этому вопросу, действуя солидарно, могут защитить национальную культуру и престиж нашего любимого Таджикистана в условиях глобализации. Поэтому разработанные нами эскизы женских костюмов, состоящих из жакета, платья, юбки, выполненные в национальном колорите, на сегоднящний день являются очень актуальными среди женщин младше среднего возраста.

**Литература:**

1. Орлова Л.В. Азбука моды. - М.: Просвещение, 1989. - 176 с.

2. Сафина Л.А. Дизайн костюма / Л.А. Сафина, Л.М. Тухбатуллина, В.В. Хамматова; под ред Л.А. Сафиной. - Ростов н/Д.: Феникс, 2006. - 390 с.

3. Хунгуан Е. Разработка метода компьютерного распознования плечевой одежды костюмной группы. Дисс. канд. техн. наук: 05.19.04: защищена – Иваново. - 2009.

4. Набиев А.Ғ., Олимбойзода П.А. Омодасозии газворҳои кешбофӣ бо рангомезии рангдиҳандаҳои фаъол бо усули муттасилӣ / Вестник Технологического университета Таджикистана. 2021. № 2 (45). - С. 79-84.

5. Иброхимов М.Ф., Олимбойзода П.А. / Возвращение моды как проявление преемственности традиций. На примере национальной одежды таджичек / Вестник Технологического университета Таджикистана. 2017. № 3 (30). - С. 13-18.

6. Мухамедов М.М. Великий шёлковый путь / Ташкент. - 1996. 68 с. - С-14.

7. https://khovar.tj/2023/03/to-ikona-mep-shem-ta-ti-chunin-unvon-dar-sarosari-to-ikiston-far-angi-libosp-sh-muarrif-megardad/

## ШАКЛИ ГУНОГУНИ КУРТАИ ЗАНОНАИ ЗАМОНАВӢ ВА ИСТИФОДА БА ТАРЗИ МИЛЛӢ

Аз ҷумла, дар моддаи 5-ум, банди 2-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон ««Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» омадааст: «Вазифаи падару модар фароҳам овардани шароити моддӣ, молиявӣ, маънавӣ ва равонӣ дар таълиму тарбияи дурусти фарзанд мебошад».

Албатта, волидайн ҳар қадар бештар ба тарбия ва сатҳи саводнокии фарзанд таваҷҷӯҳ намоянд, ҷомеа ҳамон андоза пеш меравад, нерӯи инсонӣ тақвият меёбад ва мушкилоти оилаву ҷомеа камтар мешавад. Моро зарур аст, ки насли ояндасози миллатамонро ҷиҳати ҳифзи истиқлолияту озодӣ, амнияти давлатӣ, суботи сиёсӣ ва таҳкими пояҳои ваҳдати миллӣ раҳнамоӣ карда, барои бунёди давлати пешрафтаву соҳибтамаддун ва дунявию демократӣ талош варзем.

Вобаста ба ин дар моддаи 8, сархатҳои 5, 11, 13 ва 14 қонуни Чумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти Падару Модар дар таълиму тарбияи фарзанд" чунин зикр гардидааст: "фарзандро дар рӯҳияи эҳтиром ба Ватан, қонун, арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ, инчунин бартарии манфиатҳои миллӣ аз шахсӣ тарбия намоянд", "кирдорҳои зиддиҷамъиятӣ, муомилаи дағалона бо атрофиён, халалдор намудани оромӣ, истифодаи суханҳои қабеҳ, рафтори дағалона дар кӯчаҳо, хиёбонҳо, майдонҳо, муассисаҳои фароғатӣ, дохили нақлиёт, хобгоҳҳо, манзили зист, дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ ва муносибати тахрибкоронаи фарзандро ба муҳити зист пешгирӣ намоянд", "ба фарзанд тамошои филмҳои дорои хусусияти шаҳвонӣ, зӯроварӣ, экстремистӣ ва террористиро манъ намоянд" ва "аз тарафи фарзанд мақсаднок ва мувофиқ ба таълиму тарбияи ӯ истифода шудани интернетро назорат намоянд".

Маҳз ба хотири он, ки маориф соҳаи ояндасози кишвар маҳсуб меёбад, моро водор месозад, ки бо ақлу хирад ва заковати хеш ҷавононро ба таълиму тарбия фаро гирем. Онҳоро

ба роҳи дуруст, ватандориву меҳанпарастӣ ва худогоҳиву хештаншиносӣ равона сохта, дар баланд бардоштани маърифатнокиву фарҳангшиносии онҳо саҳмгузор бошем. Мо бояд ҷавононро аз дину фарҳанги хеш, таъриху тамаддун ва расму оинҳои миллиамон бохабар сохта, дар зеҳни онҳо ҳурмати падару модар, арҷгузорӣ ба арзишҳо ва муқаддасоти миллиро ҷойгир намоем. Ин метавонад ба он сабаб гардад, ки ягон нохалаф натавонад бо ақидаҳои ифротгароёнааш ҷавонони моро ба ҳадафҳои ниҳоии хеш сафарбар намояд.

Мутобиқ ба дастуру супоришҳои Сарвари давлат, ки доимо дар паёму суханрониҳояшон оид ба рушди соҳаи маориф, таълиму тарбия ва сифати таҳсилот таъкид менамоянд, бояд қайд кард, ки қонунҳои мазкур имкон фароҳам меоваранд, ки таваҷҷӯҳи ҷомеаи шаҳрвандиро ба мактабу маориф ҳамчун самти афзалиятноки давлату ҳукумат боз ҳам рушду такомули бештар диҳем.

Дар масири башарият марҳилаҳои зиндагӣ чунин собит намудааст, ки соҳаи илму маориф дар сиёсати кунунии мамлакат дар сархати аввали иҷтимоӣ боқӣ мемонад, зеро дар марҳалаи навин пешрафти ин соҳа дар таҳкими пояҳои давлатдории ҳуқуқбунёду дунявӣ нақши калидӣ дорад.

Бо мақсади боз ҳам беҳтар кардани сифати таълим дар Паёми Президенти мамлакат аз 19.12.2019 ба Маҷлиси Олӣ солҳои 2020 – 2040 «Солҳои омӯзиш ва рушди фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ дар соҳаи илму маориф» эълон гардиданд ва ҷиҳати татбиқи ин ташаббус аз ҷониби Ҳукумати мамлакат нақшаи чорабиниҳо барои солҳои 2020 – 2025 қабул карда шудааст.

Илова бар ин, Пешвои миллат чунин таъкид доштанд, ки зарур мешуморам, ки ба хотири боз ҳам бештар ба омӯзиши илмҳои риёзиву дақиқ ва табиӣ ҷалб кардани наврасону чавонон, олимону муҳаққиқон ва устодону омӯзгорон ҳамасола озмуни ҷумҳуриявӣ зери унвони «Илм – фурӯғи маърифат» гузаронида шавад. Озмунҳои қаблӣ, аз ҷумла «Тоҷикистон – Ватани азизи ман» ва «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» як нуктаи бисёр муҳимро собит намуданд: дар байни наврасону ҷавонони мо истеъдодҳои нодир ба воя расида истодаанд, ки мо бояд онҳоро ҳамаҷониба дастгириву ҳавасманд гардонем. Бинобар ин, зарур донистанд, ки ташкил ва баргузории ин чорабинӣ дар сатҳи бисёр баланд ба роҳ мондашуда, маблағи барои ҷоизаҳо пешбинигардида зиёд карда шаванд.

Ҳамчунин, ба Ҳукумати мамлакат, Вазорати маориф ва илм, Маркази миллии тестӣ, ҳамаи сохтору мақомоти давлатӣ, аз ҷумла роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо супориш дода шуд, ки ғолибони озмунҳоро аз рӯи интихоби худашон ба муассисаҳои таҳсилоти олӣ бидуни имтиҳон қабул карда, барои ҳавасмандгардонии моддиву маънавии омӯзгорон ва падару модарони онҳо, низ тадбирҳои иловагӣ андешанд.

Инчунин дар Паёми мазкур таъкид гардида буд, ки бо дарназардошти шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди технологияҳои иттилоотӣ, ки воридшавии унсурҳои бегонаро ба фарҳанги миллӣ осон гардонидааст, рӯ овардан ба таърих ва огоҳ будан аз аслу насаби хеш барои ҳар як фарди миллат, хусусан, насли наврасу ҷавон зарур ва ҳатмӣ буда, дар робита ба ин, ба Ҳукумати мамлакат супориш дода шуда буд, ки бо мақсади омӯзиши амиқи таърихи пурифтихори халқи тоҷик шоҳасари Бобоҷон Ғафуров китоби “Тоҷикон” – ро аз ҳисоби Фонди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп карда, то ҷашни 30 – солагии истиқлолияти давлатӣ аз номи Роҳбари давлат ба ҳар як оилаи кишвар тухфа намояд. Имрӯзҳо, мо аз амалишавии раванди иҷроиши ин иқдоми навбатии Пешвои миллат шоҳид гардидаистодаем, ки алакай қисмати зиёди он бо сифати аъло аз чоп бароварда шуда, ба мардуми кишвар тақдим гардида истодааст ва итминони комил дорем, ки тибқи нақшаи иҷроиш амалигардидани ин иқдоми хайрхоҳона то охири сол ба итмом хоҳад расид.

Дар ҳақиқат, ҳадафи Роҳбари давлат аз ин ташаббусҳо баланд бардоштани сатҳи саводу маърифатнокии мардум ва дар навбати аввал, наврасону ҷавонон, тақвияти ҳисси миллӣ, ватандӯстиву ватанпарварӣ, ҳувияти миллӣ, арҷгузорӣ ва омӯхтани забон, таърих, фарҳанги бостонии тоҷикон, тавсеаи доираи донишу ҷаҳонбинии илмиву техникӣ ва рушди илмҳои дақиқу табиӣ дар кишвар мебошад.

Шабакаҳои иҷтимоӣ аз зумраи он барномаҳое мебошанд ки инсонро новобаста аз синну сол ба худ ҷалб мекунад. Аз ин рӯ моро зарур аст, ки дар оила ва муассисаҳо нисбат ба тарафҳои манфӣ ва мусбии Интернет ё шабакаҳои иҷтимоӣ ва телефонҳои мобилӣ аҳамият дода, барои истифодаи оқилонаи онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон диққати ҷиддӣ диҳем.

Дар маҷмуъ, қонунҳои сирф миллие, ки аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷуҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пешниҳод ва қабул гардидаанд, рӯз аз рӯз мавқеъи утувор пайдо намуда, дар ба низом даровардани фаъолияти ҳама самтҳои хоҷагии халқи мамлакат аз он ҷумла дар таълиму тарбияи насли наврас васеъ татбиқ гардида, кафили рушди илму маориф ва зиндагии шоистаи сокинони кишвар мебошанд.

**Адабиёт:**


1. Конститутсия шакли олии ифодаи ҳуқуқии давлатдории миллӣ аст: муроҷиати телевизионӣ ба муносибати Рӯзи Конститутсия // Народная газета. - 2018. - 7 ноябр; Согди Правда. - 2018. - 6 ноябр.

2. Мо бояд кишвари шукуфонро ҳамчун мерос ба фарзандон ва наберагонамон гузорем: Паёми Маҷлиси Олии кишвар, 26.12.2019, Душанбе // Народная газета. - 2019. - 30 декабр; Новый Хатлон. - 2019. - 26 декабр; Согди Правда. - 2019. - 28 декабр.

3. Бо меҳнати фидокоронаи худ, мо барои мардуми худ ҳаёти шоистатар эҷод хоҳем кард: Паёми Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 22.12.2017 // Народная газета. - 2017. - 27 декабр; Согди Правда. - 2017. - 23 декабр; Новый Хатлон. - 2017. - 23 декабр.

4. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат: Ҷилди 17 (2017, 19 сентябр - 2018, 31 декабр) / мураттиб С. С. Фаттоев; таҳрири Э. Назаров. - Душанбе: Ирфон, 2019. - 576 саҳ.

5. Давраи нав дар таърихи давлатдории тоҷикон: Паёми телевизионӣ ба ифтихори 26-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Народная газета. - 2017. - 13 сентябр; Согдийская правда. - 2017. - 9 сентябр.

6. Дар бораи ҷаҳони муосир ва ҷанбаҳои асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон: маҷмӯаи матнҳои қисматҳои сиёсати хориҷии паёмҳои солона ба Парлумони кишвар (аз бойгонии "Народная газета" ва вебсайти роҳбари давлат) / мураттиб: З.Ш. Саидов, М.Р. Камолова. - Душанбе: Контраст, 2019. - 222 саҳ.

7. Самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн ва акс]: Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 26 декабри соли 2018, Душанбе // Народная газета. - 2 январи соли 2019.

8. Паёми Президент ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, солхои 2017-2023.

9. Роҳ муайян шудааст, бояд пайгирӣ кард! Паёми Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 23.01.2015 // Народная газета. - 2015. - 28 январ; Согди Правда. - 2015. - 24 январ; Новый Хатлон. - 2015. - 26 январ; Бюллетени Шӯрои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2015. - № 1-2. - Саҳ. 49-92.

10. Санович М.А. Сиёсати давлатӣ дар соҳаи шуғли аҳолӣ / М.А. Санович / Масъалаҳои мубрами иқтисоди муосир. - 2021. - № 8. - Саҳ. 111-117.

11. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз ориёиҳо то Сомониён [Матн] / муҳаррирон: С. Фаттоев, Б. Абдураҳмонов. - Душанбе: Ирфон, 2012. - 676 саҳ.

12. Паёми телевизионии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи Истиқлолияти давлатӣ [Матн] // Рӯзномаи мардумӣ. - 2019. - 11 сентябр; Ҳақиқати Суғдӣ. - 2019. - 11 сентябр.

13. Тоҷикистон. 34 истиқлолияти давлатии намакҳо. Агентии Омори Назди Президенти Умҳурияи Тоҷикистон. - саҳ. 412-413.

14. Ҳисоботи оморӣ // Агентии Ҳисоботи Солонаи Омори Назди Президенти Ҷумхурияи Тоҷикистон. - 2023. - 77 с.

## НАЦИОНАЛЬНЫЕ ЗАКОНЫ – ГАРАНТИЯ РАЗВИТИЯ НАУКИ, ОБРАЗОВАНИЯ И ДОСТОЙНОЙ ЖИЗНИ НАРОДА

В статье рассматриваются национальные и отраслевые законы, принятые непосредственно по инициативе Основателя мира и национального единства – Лидера нации, Президента Республики Таджикистан, уважаемого Эмомали Рахмона. Цель написания статьи автор видит в том, что, по сути, благодаря инициативе Главы государства Таджикистан совершенствуется законодательная система в стране, а жизнь людей улучшается день ото дня на основе законности и разумности. В целях дальнейшего повышения уровня науки и знаний, повышения политической культуры, социально-экономического образования населения, по инициативе Основателя мира и национального единства – Лидера нации, Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона постоянно создаются и вводятся в действие новые законы, а также периодически вносятся изменения и дополнения в действующие законы, которые служат руководством для развития и прогресса экономики страны, достижения народом достойной жизни, регулируя общественные отношения. В частности, по инициативе и предложениям Лидера нации уважаемого Эмомали Рахмона были приняты национальные законы Республики Таджикистан «Об ответственности за образование и воспитание детей» и «Об упорядочении праздников и обрядов в Республике Таджикистан», которые с большим энтузиазмом восприняты народом страны и реализуются по сей день.

**Ключевые слова:** национальные законы, законодательство, инициатива, социальное воспитание, правовая основа, сфера образования, человеческое достоинство.

## NATIONAL LAWS – GUARANTEE OF DEVELOPMENT OF SCIENCE, EDUCATION AND A WORTHY LIFE OF THE PEOPLE

The article discusses national and sectoral laws that were approved directly at the initiative of the Founder of Peace and National Unity - Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan, Honorable Emomali Rahmon. The author sees the purpose of writing the article in the fact that, in fact, with the initiative of the Head of State of Tajikistan, the legislative system in the country has been improved, and people's lives are improving day by day based on law-based and rationality. In order to further improve the level of science and knowledge, enhance political culture, social and economic education of the population, at the initiative of the Founder of Peace and National Unity - Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan, Honorable Emomali Rahmon, new laws are constantly being created and put into effect, and amendments and additions are being made to existing laws from time to time, which serve as a guide to the development and progress of the country's economy and the people's achievement of a decent life,

regulating social relations. In particular, the purely national laws of the Republic of Tajikistan "On Responsibility for the Education and Upbringing of Children" and the Law of the Republic of Tajikistan "On the Regulation of Celebrations and Ceremonies in the Republic of Tajikistan" were adopted with the special initiatives and proposals of the Leader of the Nation, Honorable Emomali Rahmon, which have been accepted by the people of the country with great enthusiasm and are being implemented today.

**Key words.** National laws, legislation, initiative, social education, law-based, education sector, human dignity.

**Маълумот дар бораи муаллиф:**

**Раҳмонзода Зоир Файзалӣ** - вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дотсенти кафедраи технологияҳо ва системаҳои иттилоотии иқтисод дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.

**Сведения об авторе:**

**Рахмонзода Зоир Файзали -** депутат Палаты представителей Верховного Собрания Республики Таджикистан, доцент кафедры «Технологий и информационных систем в экономике» Государственного финансово-экономического университета Таджикистана.

**Information about the author:**

**Rahmonzoda Zoir Faizali** - Member of the House of Representatives of the Supreme Assembly of the Republic of Tajikistan, Associate Professor of the Department of Technologies and Information Systems in Economics at the State University of Finance and Economics of Tajikistan.

**УДК 1(091)430**

## ВАҲДАТ МОРО СӮЙИ САОДАТ МЕБАРАД

**Раҳмонзода З.Ф.**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

Дар мақола вобаста ба рушду инкишофи тамоми соҳаҳои хоҷагии халқи мамлакат пас аз имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ сухан рафтааст. Муаллифи мақола қайд мекунад, ки тамоми дастовардҳои ин давра ба талошҳои пайгиронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мансуб буда, ҳамчунин заминагузори инҳо имзои созишномаи зикргуда буд. Аз рӯзе, ки Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ба имзо расид 28 сол сипарӣ гардид. Бисту ҳашт соли созандагию бунёдкориҳо, таҳти роҳбарии хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон. Ин санаи таърихӣ барои халқи тоҷик бисёр муҳиму арзишманд аст, чунки маҳз ба шарофати он давлати тозаистиқлоли тоҷикон аз хатари нобудшавӣ эмин монд ва миллати қариб пароканда шударо ба ҳам овард. Баъд аз низоъу кашмакашҳо ва ҷангҳои таҳмилии аввали солҳои навадуми қарни гузашта, боз қомат рост

карданy ба пеш рафтан, барқарорсозии харобиҳои ҷанги таҳмилӣ ва ба чунин комёбиҳо, ки имрӯз насибамон ҳаст расидан, воқеан саодати бузург аст.

**Калидвожаҳо:** Ваҳдати миллӣ, сулҳ, осоиштагӣ, қонуну қарорҳо, рушди мунтазам, соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ, имтиёз, ғояи ваҳдат, дӯстиву ҳамдилӣ

Аз рӯзе, ки Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ба имзо расид 28 сол сипарӣ гардид. Бисту ҳашт соли созандагию бунёдкориҳо, таҳти роҳбарии хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон. Ин санаи таърихӣ барои халқи тоҷик бисёр муҳиму арзишманд аст, чунки маҳз ба шарофати он давлати тозаистиқлоли тоҷикон аз хатари нобудшавӣ эмин монд ва миллати қариб пароканда шударо ба ҳам овард. Баъд аз низоъу кашмакашҳо ва ҷангҳои таҳмилии аввали солҳои навадуми қарни гузашта, боз қомат рост кардану ба пеш рафтан, барқарорсозии харобиҳои ҷанги таҳмилӣ ва ба чунин комёбиҳо, ки имрӯз насибамон ҳаст расидан, воқеан саодати бузург аст.

Аз ҷумлаи аввалин коре, ки роҳбарияти олии мамлакат дар солҳои аввали барқарорсозии хоҷагии халқ ба он оғоз карданд, ин таҳкими қонуният, таъмини волоияти қонун дар ҷомеа буд. Қабули садҳо қонуну қарорҳо, Стратегия ва барномаҳои давлатӣ раванди ташаккули ҷомеаро ба низом овард. Тибқи тағйиру иловаҳое, ки моҳи сентябри соли 1999 ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шуд, мақоми конститутсиониву ҳуқуқии парламенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дигаргун шуда, ҳамчун Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ фаъолияти густурдаро ба роҳ монд. Ташкили ин шакли дупалатагии мақомоти қонун низ натиҷаи истиқрори сулҳ, ризоияти миллӣ ва ваҳдати миёни тоҷикон буд, ки аз нахустин рӯзҳои фаъолияташ дар қатори қонунэҷодкунӣ, такмили қонунгузорӣ, ҳамзамон ҷиҳати таҳкими сулҳу ваҳдати миллӣ, густариши ҷараёни демократикунонӣ корҳои арзишмандеро анҷом дод ва имрӯз ин рисолатро идома медиҳад.

Нуктаи дигареро, ки айни ҳол мехоҳем матраҳ созем он аст, ки баъд аз тадриҷан ором гардидани вазъият рушди мунтазами соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ таъмин гардид. Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (26.01.2021) қайд шудааст, ки “Тибқи таҳлилҳо рушди миёнаи солонаи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар давоми солҳои 1997 – 2020–ум 7,3 фоизро ташкил дода, ҳаҷми он дар ин давра 5 баробар афзоиш ёфтааст.

Имтиёзҳои барои рушди соҳаҳои чорводорӣ, парандапарварӣ ва моҳипарварӣ пешниҳодшуда ба рушди соҳаҳои зикршуда такони ҷиддӣ бахшиданд.” Зимни таҳлили вазъи соҳаҳои иқтисодиёту иҷтимоиёт аз ҷумла соҳаи кишоварзӣ, ки дар кишвари мо аҳамияти муҳим дорад, Пешвои миллат зикр карданд, ки дар солҳои соҳибистиқлолӣ барои рушди ин соҳа, аз ҷумла бунёду азнавсозии инфрасохтори обрасонӣ, азхудккунии заминҳои нав, беҳтар гардонидани ҳолати мелиоративии заминҳо, таъминоти соҳаи кишоварзӣ бо техникаи зарурӣ, тухмиҳои аълосифат ва дастрасии субъектҳои хоҷагидор ба маблағгузорӣ 22 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ дар ҳаҷми беш аз 5,4 миллиард сомонӣ татбиқ шудааст. Ҳоло дар кишвар боз 7 лоиҳаи дигар ба маблағи 2,4 миллиард сомонӣ амалӣ гардида истодааст. Ва ё овардани мисоли он, ки дар доираи татбиқи барномаҳои соҳавӣ майдони боғу токзори кишвар ба беш аз 200 ҳазор гектар расонида шудааст, ки нисбат ба соли 1991–ум 2,2 баробар зиёд мебошад, худ гувоҳи пешрафту тараққии соҳаи мебошад, ки маҳз ба шарофати сулҳу оромӣ ба даст омаданд.

Раванди рушду нумуи кишвар далели он аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар зарфи бисту ҳашт соли баъди имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ роҳи

пурифтихорро тай намуд. “Мо вазифадорем, ки барои татбиқи ғояҳои ваҳдати миллӣ ва пойдории он талош карда, бо мақсади эҳёву пойдории арзишҳои миллӣ ва тавсеаи тафаккури давлатдории миллиамон, ки асоси пешрафти Тоҷикистони азиз мебошад, сарҷамъона кору фаъолият намоем.”- таъкид намуда буданд Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ дар Рӯзи Ваҳдати миллӣ дар Варзишгоҳи навбунёди шаҳри Ваҳдат 27 июни соли 2017. Ҳамзамон, Сарвари давлат қайд карданд, ки “Ҳарчанд ки роҳи тайнамудаи Тоҷикистон дар ҷодаи ваҳдату якпорчагӣ ҳамвору яксон набуд, вале мардуми шарафманди мо ба хотири таҳкими пояҳои давлатдории миллӣ, ҳифзи марзу буми аҷдодӣ, сарҷамъии миллат, густариши фазои сулҳу оромӣ ва тақвияти худшиносии миллӣ саъю талошҳои бесобиқа анҷом доданд ва итминони комил дорам, ки наслҳои оянда аз онҳо ҳамчун намунаи ватандориву ватандӯстӣ ёд хоҳанд кард.

Сарвари Давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамзамон дастур доданд, ки бо мақсади таҳкими боз ҳам бештари ин дастовард зарур аст мафҳумҳои истиқлолияту озодӣ ва ваҳдати миллӣ ба ғояи ҳамешагии созанда ва муттаҳидкунандаи ҷомеаи Тоҷикистони демократӣ ва ҳуқуқбунёду дунявӣ табдил дода шаванд. Зеро ин мафҳумҳо дар қалбу шуури шаҳрвандони кишвар ҳисси эҳтиром ба Тоҷикистони азиз ва муқаддасоти Ватанро устувор сохтанд ва ба онҳо эътимод бахшиданд, ки миллати куҳанбунёди тоҷик метавонад танҳо бо ҳамин ғояҳои наҷотбахш корҳои бузурги ободкориву созандагиро ба анҷом расонад ва барои наслҳои оянда як кишвари ободу зеборо ба мерос гузорад.

Ҳар як шаҳрванди кишвар, сарфи назар аз мансубияти миллӣ, ҷаҳонбинӣ ва ақидаи сиёсии худ, бояд дарк намояд, ки ҳам рушди минбаъдаи ҷомеа ва ҳам умеду орзуи ӯ танҳо дар сурати пойдории сулҳу субот, истиқлолияту озодӣ ва ваҳдати миллӣ амалӣ шуда метавонад.”

Аз ин лиҳоз ҳамаи мо бояд сулҳу ягонагӣ ва ваҳдату ҳамдигарфаҳмиро чун гавҳараки чашм нигоҳ дорем ва нагузорем, ки он халалёб шавад, зеро маҳз дӯстию ваҳдат моро сӯйи саодат мебарад. Андешаҳои хешро бо суханони илҳомбахшу роҳнамунсози Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷамъбаст мекунем, ки зимни ироаи Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (26.01.2021 ) гуфтанд: “Ҳифзи ин гавҳари бебаҳо аз ҳар яки мо саъю талош ва кӯшишу ғайрати шабонарӯзӣ, нангу номуси миллӣ, заҳмати содиқонаву фидокорона ва муҳимтар аз ҳама, иттиҳоду сарҷамъӣ мехоҳад. Дар шароити ниҳоят мураккабу ҳассоси ҷаҳони муосир мо бояд ҳамеша дар паҳлӯи якдигар бошем ва ҳамдигарро дастгирӣ кунем, зеро ин хислати нек ба мову шумо аз гузаштагони некномамон ба мерос мондааст.”

**Адабиёт:**

1. Конститутсия шакли олии ифодаи ҳуқуқии давлатдории миллӣ аст: мурочиати телевизионӣ ба муносибати Рӯзи Конститутсия // Народная газета. - 2018. - 7 ноябр; Согди Правда. - 2018. - 6 ноябр.

2. Мо бояд кишвари шукуфонро ҳамчун мерос ба фарзандон ва наберагонамон гузорем: Паёми Маҷлиси Олии кишвар, 26.12.2019, Душанбе // Народная газета. - 2019. - 30 декабр; Новый Хатлон. - 2019. - 26 декабр; Согди Правда. - 2019. - 28 декабр.

3. Бо меҳнати фидокоронаи худ, мо барои мардуми худ ҳаёти шоистатар эҷод хоҳем кард: Паёми Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 22.12.2017 // Народная газета. - 2017. - 27 декабр; Согди Правда. - 2017. - 23 декабр; Новый Хатлон. - 2017. - 23 декабр.

4. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат: Ҷилди 17 (2017, 19 сентябр - 2018, 31 декабр) / мураттиб С. С. Фаттоев; таҳрири Э. Назаров. - Душанбе: Ирфон, 2019. - 576 саҳ.

5. Давраи нав дар таърихи давлатдории тоҷикон: Паёми телевизионӣ ба ифтихори 26-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Народная газета. - 2017. - 13 сентябр; Согдийская правда. - 2017. - 9 сентябр.

6. Дар бораи ҷаҳони муосир ва ҷанбаҳои асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон: маҷмӯаи матнҳои қисматҳои сиёсати хориҷии паёмҳои солона ба Парлумони кишвар (аз бойгонии "Народная газета" ва вебсайти роҳбари давлат) / мураттиб: З.Ш. Саидов, М.Р. Камолова. - Душанбе: Контраст, 2019. - 222 саҳ.

7. Самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн ва акс]: Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 26 декабри соли 2018, Душанбе // Народная газета. - 2 январи соли 2019.

8. Паёми Президент ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, солхои 2017-2023.

9. Роҳ муайян шудааст, бояд пайгирӣ кард! Паёми Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 23.01.2015 // Народная газета. - 2015. - 28 январ; Согди Правда. - 2015. - 24 январ; Новый Хатлон. - 2015. - 26 январ; Бюллетени Шӯрои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2015. - № 1-2. - Саҳ. 49-92.

10. Санович М.А. Сиёсати давлатӣ дар соҳаи шуғли аҳолӣ / М.А. Санович / Масъалаҳои мубрами иқтисоди муосир. - 2021. - № 8. - Саҳ. 111-117.

11. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз ориёиҳо то Сомониён [Матн] / муҳаррирон: С. Фаттоев, Б. Абдураҳмонов. - Душанбе: Ирфон, 2012. - 676 саҳ.

12. Паёми телевизионии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи Истиқлолияти давлатӣ [Матн] // Рӯзномаи мардумӣ. - 2019. - 11 сентябр; Ҳақиқати Суғдӣ. - 2019. - 11 сентябр.

13. Тоҷикистон. 34 истиқлолияти давлатии намакҳо. Агентии Омори Назди Президенти Умҳурияи Тоҷикистон. - саҳ. 412-413.

14. Ҳисоботи оморӗ // Агентии Ҳисоботи Солонаи Омори Назди Президенти Ҷумхурияи Тоҷикистон. - 2023. - 77 с.

## ЕДИНСТВО ВЕДЕТ НАС К СЧАСТЬЮ

В статье рассматривается развитие и прогресс всех отраслей экономики страны после подписания Общего соглашения об установлении мира и национального согласия. Автор статьи отмечает, что все достижения этого периода являются результатом настойчивых усилий Основателя мира и национального единства - Лидера нации, Президента Республики Таджикистан, Его Превосходительства Эмомали Рахмона, и подписание вышеупомянутого соглашения заложило им основу. Прошло 28 лет со дня подписания Общего соглашения об установлении мира и национального согласия. Двадцать восемь лет созидания и инноваций под мудрым руководством Основателя мира и национального единства - Лидера нации, Президента Республики Таджикистан, Его Превосходительства Эмомали Рахмона. Эта историческая дата очень важна и ценна для таджикского народа, потому что именно благодаря ей новое независимое таджикское государство было спасено от угрозы уничтожения и сплотило почти распавшуюся нацию. После конфликтов, конфликтов и агрессивных войн начала девяностых годов прошлого века вновь подняться и двигаться вперёд, восстановить руины агрессивной войны и достичь таких успехов, которых мы достигли сегодня, – поистине великое счастье.

**Ключевые слова:** национальное единство, мир, спокойствие, законы и решения, устойчивое развитие, различные секторы национальной экономики, привилегии, идея единства, дружба и солидарность.

**UNITY LEADS US TOWARDS HAPPINESS**

The article discusses the development and progress of all sectors of the country's economy after the signing of the General Agreement on the Establishment of Peace and National Accord. The author of the article notes that all the achievements of this period are due to the persistent efforts of the Founder of Peace and National Unity - Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan, His Excellency Emomali Rahmon, and the signing of the aforementioned agreement laid the foundation for them. 28 years have passed since the signing of the General Agreement on the Establishment of Peace and National Accord. Twenty-eight years of construction and innovation, under the wise leadership of the Founder of Peace and National Unity - Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan, His Excellency Emomali Rahmon. This historical date is very important and valuable for the Tajik people, because it was thanks to it that the newly independent Tajik state was saved from the threat of destruction and brought together an almost disintegrated nation. After the conflicts, conflicts, and wars of aggression in the early nineties of the last century, to stand up again and move forward, to rebuild the ruins of the war of aggression, and to achieve such achievements as we have today, is truly a great happiness.

**Key words:** National unity, peace, tranquility, laws and decisions, sustainable development, various sectors of the national economy, privileges, the idea of unity, friendship and solidarity

**Маълумот дар бораи муаллиф:**

**Раҳмонзода Зоир Файзалӣ** - вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дотсенти кафедраи технологияҳо ва системаҳои иттилоотии иқтисод дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.

**Сведения об авторе:**

**Рахмонзода Зоир Файзали -** депутат Палаты представителей Верховного Собрания Республики Таджикистан, доцент кафедры «Технологий и информационных систем в экономике» Государственного финансово-экономического университета Таджикистана.

**Information about the author:**

**Rahmonzoda Zoir Faizali** - Member of the House of Representatives of the Supreme Assembly of the Republic of Tajikistan, Associate Professor of the Department of Technologies and Information Systems in Economics at the State University of Finance and Economics of Tajikistan.

**УДК 340.11(045)**

# ПРЕДМЕТ ВА МЕТОДОЛОГИЯИ ОМӮЗИШИ ФАЛСАФАИ ҲУҚУҚ

**Сайдуллоева Г.Р.**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

Омӯзиши фалсафаи ҳуқуқ ба сифати илми мустақили ҳуқуқшиносӣ, ё фалсафӣ муайян намудани предмети алоҳидаи онҳоро душвор мегардонад. “Предмети фалсафаи ҳуқуқ хислати байнифаннӣ дорад, чунки бидуни мафҳумҳои фалсафӣ ва умуман бе маърифати фалсафӣ ташаккули ҷаҳонбинии ҳуқуқӣ ғайриимкон аст”. Ҳамзамон файласуфон аз

хулосаҳои таҳлилҳои ҳуқуқӣ васеъ истифода мебаранд, зеро ҳуқуқ предмети хоси илмҳои ҳуқуқшиносиро ташкил медиҳад. Дар натиҷаи ин равобити байнифаннӣ - ҷаҳонбинӣ, яъне сатҳи фалсафии дарки ҳуқуқ ҳосил шуда, предмети ягонаи байнифаннӣ муайян мешавад.

Ҳамин тариқ, фалсафаи ҳуқуқ чун илми байнифаннӣ моҳияти аслии ҳуқуқро, якум, дар тафовут аз қонун, дуюм, дар робита бо мафҳумҳои адолат, озодӣ, хирад ва дигар арзишҳои иҷтимоӣ рушан мекунад. Чунин нақши арзишии фалсафаи ҳуқуқ ба туфайли маҳз доштани предмет ва усули хоси байнифаннӣ имконпазир мегардад. Файласуфон ва мутафаккирони гузашта низ аз ҳамин имконияти таҳлили илмӣ васеъ истифода бурдаанд.

**Калидвожаҳо:** фалсафаи ҳуқуқ, хислати байнифаннӣ, мафкураи ҳуқуқӣ, ҳуқуқи фитрӣ, назарияи метафизики ҳуқуқ, меъёрҳои ҳуқуқӣ, волоияти қонун.

Сарфи назар аз он, ки фалсафаи ҳуқуқ ҳамчун як соҳаи мустақили дониш ва фанни таълимӣ кайҳо боз дар доираи назари муҳаққиқон, файласуфон, ҳуқуқшиносон қарор дорад ва дар ин мавзӯъ адабиёти зиёд пешкаш шудааст. Бо вуҷуди ин, марбут ба ин падидаи баррасишаванда, ки то ҳол хеле баҳсбарангез аст, масъалаҳои ҳалношуда хеле зиёданд. Мушкилиҳое боқӣ мондаанд, ки предмет ва мазмуни ин фан; вазъи илмӣ ва таълимии он; дастгоҳи консептуалии (категорӣ) он; муносибати байни фалсафаи ҳуқуқ ва назарияи умумии ҳуқуқ ва дигар фанҳои ҳуқуқӣ ва ғайриҳуқуқӣ, ки бо он алоқаманд; мақсаду вазифаҳое, ки дар назди ин соҳаи дониши илмӣ ва фанҳои таълимӣ истодаанд, мебошанд. Сухан, аз ҷумла, ба чунин масъалаҳои фундаменталӣ, ки аз ҷиҳати назариявӣ муҳим мебошад, ки ба моҳияти предмети фалсафаи ҳуқуқ дахл дорад.

Ташаккулу инкишофи фаҳмиши фалсафии ҳуқуқ, таҳлили масоили фалсафии ҳуқуқ таърихан дар робита бо тасаввуроту мафҳумҳо ва ақидаҳои *фитрӣ-ҳуқуқӣ* сурат гирифтааст. Ҳанӯз мутафаккирони дунёи қадим кушиши муайян намудани мабдаи табиӣ, фитрии давлат ва қонунҳоро ба харҷ дода буданд. Мисоли ин гуфтаҳо ақидаҳои зерин шуда метавонанд:

- мутобиқ будани ҳаёти одамон ба хиради фалсафӣ (Пифагор ва ҷонибдоронаш),
- давлат ва қонунҳо чун инъикоси назму суботи кайҳонӣ (Гераклит),
- тафовути қонуни сунъӣ ва ҳуқуқи табиӣ (софистон),
- таносуби қонунҳои худоӣ ва қонунҳои инсонӣ (Суқрот),
- мафҳуми баробарии геометрӣ ва арифметикии Афлотун,
- ақидаи ҳуқуқи шартӣ, ё иродавӣ ва фитрии Арасту,
- ҳуқуқи табиат ва қонуни инсонӣ (Ситсерон),
- мафҳуми ҳуқуқ чун санъати некӣ ва адолат (ҳуқуқшиносони римӣ),
- таносуби ҳуқуқи иродавӣ, ҳуқуқи фитрӣ, ҳуқуқи инсонӣ ва ҳуқуқи худоӣ (Г. Гротсий) ва ғ.

Ҳамин тариқ, дар тули асрҳо масоили фалсафии ҳуқуқ чун ҷузъи *назарияҳои фитрӣ-ҳуқуқӣ* дарку таҳлил мешуданд. Ҳамзамон масоили фитрӣ-ҳуқуқӣ дар дохили *назарияҳои динӣ, фалсафӣ, ҳуқуқӣ, сиёсӣ* таҳлил мешуданд. Дар Шарқ низ масоили назариявии ҳуқуқ дар *таълимоти динӣ (дини* зардуштӣ, дини ислом), фалсафаи калом, фалсафаи машшоъ, назму наср ва ғ. баррасӣ мешуданд.

Зимни таҳлили як зумра масъалаҳои назаривӣ (таносуби ҳуқуқ бо адолат, озодӣ, баробарӣ; моҳият ва зуҳуроти ҳуқуқ; ҳуқуқҳои инсон; қонуни ҳуқуқӣ; давлати ҳуқуқбунёд ва ғ.) фалсафаи ҳуқуқ ва предмети он мунтазам ташаккул ва инкишоф меёфтанд. Ҳамзамон назарияҳои мухталифи фалсафии ҳуқуқ ва дар робита бо онҳо предмети ба онҳо хоси омӯзиш ташаккулу инкишоф меёфтанд.

Чунончи, фалсафаи ҳуқуқи *И. Кант* (1724-1804) дар шакли *назарияи метафизики ҳуқуқ* пешкаш гашта, ба қонуни ахлоқӣ, ё талаби қатъӣ (императивӣ) асос меёбад [2]. Фаҳмиши ҳуқуқе, ки мутафаккири олмонӣ ҳамчун як низоми қонунҳо, принсипҳо ва институтҳо пешниҳод кардааст, ки аз мафҳуми озодӣ бармеояд, имкон намедиҳад, ки он ба манфиати сохторҳои худкома ё ақидаҳои популистӣ маънидод карда шавад. Назарияи метафизикии мавсуф аз талаботи қатъии ахлоқиву ҳуқуқӣ иборат аст. Ин талаби ахлоқии қатъӣ чунин ифода мегардад: "чунин амал намо, ки амалат то ҳадди имкон асоси қонунгузории умумӣ гардад". Ҳамзамон амали ҳуқуқ дар ҷомеа зарур шуморида мешавад, чунки, ба андешаи мавсуф, на ҳамаи одамон қонуни ахлоқиро риоя мекунанд. Илова ба ин, таъкид мешавад, ки ҳуқуқ бо мақсади пешгирии табдили озодии инсон ба худсарӣ амал мекунад. Ҳуқуқ ба маънои маҷмуи талаботе фаҳмида мешавад, ки худсарии як нафарро дар таносуб бо дигарон тавассути қонуни айнии умумии озодӣ маҳдуд мекунад. Асосҳои ахлоқии ҳуқуқ ҳимоя мешаванд, аз ҷумла вазифаи ҳуқуқ дар таъмини фазои амали ахлоқ эҳсос мегардад. И. Кант ҳуқуқи фитрӣ, ҳуқуқи қонунгузорӣ ва адолатро ҷудо мекунад. Ӯ камбудии назарияи позитивии ҳуқуқро дар набудани ҷабҳаҳои назариявӣ мебинад. Таҳлили паҳлуҳои назариявии ҳуқуқ вазифаи фалсафа эълон мешавад. Ба илми позитивӣ назарияи "софи" ҳуқуқ муқобил гузошта мешавад. И. Кант яке аз поягузорони назарияи давлати ҳуқуқбунёд мебошад, аз ҷумла зарурати ҷавобгӯи талаботи ҳуқуқ будани сохти давлатдориро ҳимоя мекунад.

Аз як қатор ақидаҳои И. Кант яке аз асосгузорони мактаби таърихии ҳуқуқ Г. *Гуго* (1764-1844) истифода мебарад. Ӯ кушиши муттаҳид намудани нуқтаҳои назари позитивӣ, фалсафӣ ва таърихиро ба харҷ дода, *фалсафаи позитивии ҳуқуқро* инкишоф медиҳад. Фалсафаи позитивии ҳуқуқ аз ҳуқуқшиносии позитивии таҳлилӣ (догмавӣ) ва таърихи ҳуқуқ ҷудо карда мешавад. Фалсафаи позитивии ҳуқуқ барои он пешкаш мешавад, ки фаҳмиши фитрии ҳуқуқ ба инобат гирифта намешавад. Асари Г. Гуго низ чунин номгузорӣ мешавад: "Китоби ҳуқуқи фитрӣ ҳамчун фалсафаи ҳуқуқи позитивӣ, аз ҷумла ҳуқуқи хусусӣ". Таърихи ҳуқуқ аз фалсафаи позитивии ҳуқуқ ва ҳуқуқшиносии таҳлилӣ ҷудо карда шуда, ҳамзамон пайдоиши ҳуқуқ нововбаста аз фаъолияти қонунгузорӣ таҳлил мешавад. Ба назари Г. Гуго, предмети фалсафаи позитивии ҳуқуқро асоси ақлонии дарки илмии ҳуқуқ ташкил медиҳад. Аммо "хирад на ба маънои фалсафӣ ва фитрӣ-ҳуқуқӣ, балки ҳамчун "рӯҳияи халқ", тасаввуроти ҳуқуқӣ ва шуури ҳуқуқии халқ" [4] тавсиф мешавад, ки таърихан инкишоф ёфта, заминаи пайдоши ҳуқуқ мебошанд.

Дар ташаккулу инкишофи фалсафаи ҳуқуқ саҳми *Георг Вилгелм Фридрих Гегел* (1770-1831) калон аст. Фалсафаи ҳуқуқи Гегел ҳамчун *фалсафаи ҳуқуқи фитрӣ* пешбарӣ шудааст. Асари машҳури ӯ низ чунин ном дорад: "Ҳуқуқи фитрӣ ва илм дар бораи давлат. Асосҳои фалсафаи ҳуқуқ" [3]. Дар ин асари маъруфи худ "Асосҳои фалсафаи ҳуқуқ", ки ба истилоҳи илмӣ ба таври мухтасар "Фалсафаи ҳуқуқ" номида мешавад, Гегел бар он аст, ки илми воқеии ҳуқуқ танҳо дар фалсафаи ҳуқуқ муаррифӣ мешавад ва мувофиқан "илми ҳуқуқ". ҷузъи фалсафа аст. "Илми фалсафаи ҳуқуқ, - навиштааст ӯ дар сарсухани "Фалсафаи ҳуқуқ" (§1), - хамчун предмети худ идеяи ҳуқуқ - мафҳуми ҳуқуқ ва татбиқи онро дорад". Дар баробари ин, Гегел ҳуқуқро "дар умум ҳамчун чизи муқаддас қабул надошт ва онро мавчудияти воқеии мафҳуми мутлақ" маънидод мекард.

Гегел ҳуқуқи фитриро ҳуқуқи фалсафӣ меномад. Зимни эътирофи робитаи ҳуқуқ ва ахлоқ се давраи инкишофи мафҳуми ҳуқуқ ҷудо карда мешаванд: ҳуқуқи абстрактӣ, ахлоқ ва одоб. Дар ин се давра аввал қобилияти ҳуқуқдории абстрактии шахс, сипас табдили шахс ба субъекти иродаи озоди ахлоқӣ ва дар охир амалӣ гаштани озодӣ ба вуқуъ мепайванданд. Дар давраи ниҳоӣ мафҳуми ҳуқуқ дар ҳудуди оила, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлат мушаххас

мегардад. Мафҳуми абстрактии фалсафии ҳуқуқ аз мафҳуми мушаххаси позитивии ҳуқуқ фарқ карда шуда, дар натиҷа мафҳумҳои ҳуқуқ ва қонун ба ҳам муқобил гузошта намешаванд, чунки давлати ақлонӣ ба маънои ҳуқуқи такомулёфта фаҳмида мешавад. Ба назари Гегел, моҳияти ҳуқуқро озодӣ ташкил медиҳад. Озодӣ ҳамчун воқеӣ гаштани мафҳуми ҳуқуқ, яъне ғояи ҳуқуқ дарк мешавад. Таърихи ҷаҳонӣ чун инкишоф дар дарки озодӣ тавсиф мешавад.

*Назарияи либертарии фалсафаи ҳуқуқ* ҳамчун инкишофи фалсафаи ҳуқуқи И. Кант ва Гегел эътироф мешавад. Ҳамзамон ин назарияи фалсафӣ-ҳуқуқӣ аз назарияи метафизикии И. Кант ва фалсафаи ҳуқуқи фитрии Гегел бо он фарқ мекунад, ки "зимни тафовути ҳуқуқ ва қонун на ҳуқуқи фитрӣ ва на талаботи ахлоқӣ, балки фаҳмиши либертарии (ғайрифитрии) ҳуқуқро"[3] ба асос мегирад. Фаҳмиши либертарии ҳуқуқ зарурати дарки ҳуқуқро ҳамчун шакли умумӣ ва андозаи баробари озодии фард талаб мекунад. *Моҳияти ҳуқуқро* баробарии шаклӣ ташкил медиҳад, ки дар шакли андозаи баробари танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ, озодӣ ва адолат ифода мегардад. Дар натиҷа ҳуқуқ ба маънои андозаи озодӣ фаҳмида мешавад. Ин андозаи озодӣ аз нигоҳи абстрактӣ барои ҳама баробар ва дар робита бо адолат барои ҳама ягона мебошад. Дар натиҷа баробарии шаклӣ ба маънои баробарӣ дар озодӣ дарк мешавад, чунки байни одамони нобаробар озодӣ ҷой надорад. Чунин моҳияти ҳуқуқ маҳаки дарки ҳуқуқи позитивӣ (қонунгузорӣ ва шаклҳои дигари ифодаи ҳуқуқи позитивӣ) мебошад, яъне қонунҳо бояд баробарии шаклии одамони воқеан нобаробарро таъмин намоянд. Ҳамзамон чунин моҳияти ҳуқуқ маҳаки ҳуқуқи фитриро низ ташкил медиҳад. Ба ибораи дигар, ҳам ҳуқуқи позитивӣ ва ҳам ҳуқуқи фитрӣ дар ҳамон сурат ба маънии аслиашон ҳуқуқ мебошанд, ки агар ҷавобгӯи талаби қонуни ҳуқуқӣ бошанд. Қонуни ҳуқуқӣ талаб мекунад, ки баробарии шаклӣ риоя шавад. Агар дар фалсафаи фитрӣ-ҳуқуқӣ талаби қонуни ҳуқуқиро эътирофу риояи ҳуқуқҳои фитрии инсон ташкил диҳанд, пас дар фалсафаи либертарии ҳуқуқ қонуни ҳуқуқӣ зимни моҳияти либертарии ҳуқуқ дарк мешавад.

Ҳамин тариқ, якҷоя бо ташаккул ва инкишофи назарияҳои гуногуни фалсафаи ҳуқуқ предмет ва усулҳои омӯзиши он муайян мешуданд.

Фалсафаи ҳуқуқ бо таҳлили масъалаҳое сару кор дорад, ки берун аз назарияи позитивии ҳуқуқ қарор доранд. Дар ҳуқуқшиносии позитивӣ қонунгузорӣ ва шаклҳои дигари ҳуқуқи позитивӣ (амсоли судӣ, одатҳои ҳуқуқӣ ва диг.) омӯхта мешаванд. Паҳлӯҳои фалсафии мафҳум ва моҳияти ҳуқуқ дар фалсафаи ҳуқуқ омӯхта мешавад.

**Фалсафаи ҳуқуқ илм оид ба паҳлӯҳои фалсафии (назариявӣ, арзишии) ҳуқуқ мебошад. Вазифаи муҳими фалсафаи ҳуқуқ** - муайян намудани моҳияти аслии ҳуқуқ, ё ҳақиқати ҳуқуқӣ мебошад, ки чун маҳаки ҷавобгӯи адолат, озодӣ, хирад ва дигар арзишҳои иҷтимоӣ будани ҳуқуқи расмии (позитивии) амалкунанда баромад мекунад.

Предмет ва усулҳои фалсафаи ҳуқуқ дар дохили назарияҳои гуногуни фалсафаи ҳуқуқ ташаккул ва муайян шудаанд. Чунончи, тибқи *фалсафаи ҳуқуқи Гегел,* "предмети фалсафаи ҳуқуқро *ғояи ҳуқуқ* ташкил медиҳад"[3.с.84]. Ғояи ҳуқуқро мафҳуми ҳуқуқ ва амалӣ намудани он ташкил медиҳад. Фалсафаи ҳуқуқи Гегел ба *усули диалектика,* ки усули мутлақи маърифат аст, такя мекунад. Дар фалсафаи ҳуқуқи Гегел предмет ва усули фалсафаи ҳуқуқ як маъно доранд, чунки диалектика инкишофи мафҳуми ҳуқуқро меомӯзад. Ҳамзамон диалектикае, ки дар соҳаи давлат, сиёсат, ҳуқуқ истифода мешавад, диалектикаи сиёсӣ номида мешавад.

Дар фалсафаи либертарии ҳуқуқ предмети фалсафаи ҳуқуқро таносуби ҳуқуқ ва қонун, аниқтараш ҳуқуқ дар тафовут бо қонун ташкил медиҳад. Тибқи ақидаи либертаристон, маҳз тафовути ҳуқуқ ва қонун предмети назарияҳои мухталифи фалсафаи ҳуқуқро ташкил медиҳад.

Сабаби пешкаши чунин хулоса дар он аст, ки дар назарияи либертарӣ тафовути ҳуқуқ ва қонун маънои тафовути ҳуқуқи фитрӣ ва ҳуқуқи позитивиро надорад. Дар назарияи либертарӣ аз қонун ҳуқуқе фарқ карда мешавад, ки ба маънои либертарӣ, яъне ҳамчун шакли баробарии шаклӣ дарк мешавад. Аз ин нуқтаи назар, либертаристон ҳамаи дигар назарияҳоеро, ки ҳуқуқи фитриро дар тафовут бо қонун эътироф мекунанд, ғайрилибертарӣ меноманд. Барои ҳамин, предмети фалсафаи либертарии ҳуқуқро маҳз мафҳуми либертарии ҳуқуқ дар тафовут аз қонун ташкил медиҳад. Предмет ва усули омӯзиши фалсафаи ҳуқуқ заминаи эътирофи фалсафаи ҳуқуқ ба сифати фанни мустақили илмӣ мебошанд. Аммо мустақилияти фалсафаи ҳуқуқ аз назарияи алоҳидаи фалсафаи ҳуқуқ вобаста аст. Дар ин замина фалсафаи ҳуқуқ ҳамчун фанни мустақили фалсафӣ, ё фанни мустақили ҳуқуқшиносӣ, ё ин ки илми байнифаннӣ (байни фалсафа ва ҳуқуқшиносӣ) инкишоф ёфтааст. Чунончи, фалсафаи ҳуқуқи Гегел заминаи инкишофи минбаъдаи фалсафаи ҳуқуқ ҳамчун илмии мустақили ҳам фалсафӣ ва ҳам ҳуқуқшиносӣ мегардад. Ҳамзамон фалсафаи ҳуқуқ ҳамчун фанни мустақили фалсафӣ дар дохили равияҳои кантчиён ва кантчиёни нав, неотомӣ, феноменологӣ, экзистентсиалӣ, антропологӣ инкишоф меёбад. Аз нимаи дуввуми асри XIX сар карда фалсафаи ҳуқуқ ҳамчун илми мустақили ҳуқуқшиносӣ инкишоф меёбад. Ҳамзамон фалсафаи позитивии ҳуқуқ *ва* фалсафаи ғайрипозитивӣ пеш аз ҳама фитрии ҳуқуқ инкишоф меёбанд.

Дар назарияҳои И. Бентам, Д. Остин, Г. Келзен, Г. Харт, О. Вайбенге, Ф. Шершеневич ва дигарон фалсафаи ҳуқуқ чун фанни илмии ҳуқуқшиносӣ дар робита бо ҳуқуқшиносии таҳлилӣ (позитивӣ) инкишоф меёбад. Якҷоя бо онҳо фалсафаи ҳуқуқи фитрӣ инкишоф меёбад [7].

Назарияҳои алоҳидаи фалсафаи ҳуқуқ метавонанд мутааллиқ ба фалсафа, ё илми ҳуқуқшиносӣ бошанд. Дар ҳар сурат фалсафаи ҳуқуқ илми мустақили байнифаннӣ мебошад. Ҳуқуқ предмети омӯзиши илмҳои ҳам фалсафа ва ҳам ҳуқуқшиносӣ мебошад. Дар фалсафаи ҳуқуқ, ҳамчун илми байнифаннӣ, хулосаҳои илмҳои фалсафа ва ҳуқуқшиносӣ якҷоя истифода мешаванд. Таҳлилҳои фалсафӣ ва ҳуқуқшиносӣ аз натиҷаҳои ҳамдигар истифода мебаранд. Фалсафаи ҳуқуқ чун илми мустақили байнифаннӣ *предмети ягона* дорад.

***Предмети фалсафаи ҳуқуқро мафҳум ва моҳияти ҳуқуқ дар робита бо арзишҳои иҷтимоӣ ташкил медиҳанд.*** Мафҳум ва моҳияти ҳуқуқ дар фалсафаи ҳуқуқ, якум, бо истифода аз мафҳумҳо ва усулҳои фалсафӣ, дуввум, дар робита бо мафҳумҳо ва усулҳои таҳлили назариявии ҳуқуқ дар илми ҳуқуқшиносӣ, пеш аз ҳама дар назарияи умумии ҳуқуқ, саввум, зимни таҳлили арзиш ва аҳамияти ҳуқуқ ҳосил мешаванд.

*Хислати байнифаннии фалсафаи ҳуқуқро* бештари муҳаққиқони муосир (В.С. Нерсесянс [7] , С.С. Алексеев [1] эътироф мекунанд. Фалсафаи ҳуқуқ дар кишварҳои пасошуравӣ ба сифати ҳам фанни мустақили ҳуқуқшиносӣ ва ҳам қисми фалсафа омӯхта мешавад. Дар ҳар ду ҳолат хислати байнифаннии фалсафаи ҳуқуқ ба инобат гирифта мешавад. Ҳамзамон байни ҳуқуқшиносон ақида ҷой дорад, ки фалсафаи ҳуқуқ ҷузъи назарияи умумии ҳуқуқ мебошад. Дар воқеъ назарияи умумии ҳуқуқ ҳамаи равияҳои ҳуқуқиро, аз он ҷумла фалсафаи ҳуқуқро меомӯзад. Аммо дар ин ҳолат низ хислати байнифаннии фалсафаи ҳуқуқ эътироф мешавад.

Омӯзиши фалсафаи ҳуқуқ ба сифати илми мустақили ҳуқуқшиносӣ, ё фалсафӣ муайян намудани предмети алоҳидаи онҳоро душвор мегардонад. "Предмети фалсафаи ҳуқуқ хислати байнифаннӣ дорад, чунки бидуни мафҳумҳои фалсафӣ ва умуман бе маърифати фалсафӣ ташаккули ҷаҳонбинии ҳуқуқӣ ғайриимкон аст" [8]. Ҳамзамон файласуфон аз хулосаҳои таҳлилҳои ҳуқуқӣ васеъ истифода мебаранд, зеро ҳуқуқ предмети хоси илмҳои ҳуқуқшиносиро ташкил медиҳад. Дар натиҷаи ин равобити байнифаннӣ ҷаҳонбинӣ, яъне сатҳи фалсафии дарки ҳуқуқ ҳосил шуда, предмети ягонаи байнифаннӣ муайян мешавад.

Ҳамин тариқ фалсафаи ҳуқуқ чун илми байнифаннӣ моҳияти аслии ҳуқуқро, якум, дар тафовут аз қонун, дуюм, дар робита бо мафҳумҳои адолат, озодӣ, хирад ва дигар арзишҳои иҷтимоӣ рушан мекунад. Чунин нақши арзишии фалсафаи ҳуқуқ ба туфайли маҳз доштани предмет ва усули хоси байнифаннӣ имконпазир мегардад. Файласуфон ва мутафаккирони гузашта низ аз ҳамин имконияти таҳлили илмӣ васеъ истифода бурдаанд.

**Адабиёт:**


1. Алексеев С.С. Философия права. М., 1997.
2. Бурханов Р.А., Никулина О.В. Учение Иммануила Канта о праве // Вестник Сургутского государственного университета. 2021. № 4. - С. 71-80.
3. Гегель Г.В. Философия права. Пер. с нем.: Ред. и сост. Д.А. Керимов и В.С. Нерсесянц. - М.: Мысль, 1990. - С. 65.
4. Грабарь В.Э. Трактаты Гуго Гроция, посвященные международному праву // Известия АН СССР. Отделение экономики и права. 1946. № 1. - С. 39-48.
5. Иконникова Г.И., Ляшенко В.П. Философия права: учебник / Г.И. Иконникова. - 3-е изд., перераб. и доп. - М.: Юрайт, 2013. - 364 с.
6. Комилов Р.С. Фалсафаи ҳуқуқ. Душанбе: Ирфон, 2013. - 640 с.
7. Нерсесянц В.С. Философия права: учебник. - М.; 2-е изд., перераб. и доп. В.С. Нерсесянц - М.: Норма, 2008. - 848 с.
8. Пономарев В.А. Концепция Г.В. Ф. Гегеля о гражданственности и гражданском обществе / В. А. Пономарев. - Текст: непосредственный // Молодой ученый. - 2019. - № 4 (242). - С. 454-456. - URL: https://moluch.ru/archive/242/53942/ (дата обращения: 19.11.2021).
9. Сайдуллаева Г.Р. Философия. Учебно-методическое пособие. Г.Р. Сайдуллаева / Душанбе: Типография ТУТ., 2020. - 244 с.
10. Цицерон. Диалоги. О государстве. О законах / Цицерон. - М., 1996. T.V. Rusakevich Civil Society: From Aristotle To Nowadays (Sociological Trends) Summary.
11. Этнографические концепции (ф. Гизо, Т. Жуффруа) [электронный ресурс]. URL: https://studfile.net/preview/8914441/page 18.10.2021.


## ПРЕДМЕТ И МЕТОДОЛОГИЯ ФИЛОСОФИИ ПРАВА


Изучение философии права как самостоятельной науки права или философии затрудняет выделение отдельного предмета. «Предмет философии права имеет междисциплинарный характер, так как без философских понятий и без философских знаний вообще невозможно формирование правового мировоззрения». В то же время философы широко используют выводы юридического анализа, поскольку право является специфическим предметом юридических наук. В результате этой междисциплинарной связи формируется мировоззренческий, т.е. философский уровень понимания права и определяется единый междисциплинарный предмет. Таким образом, философия права как междисциплинарная наука проясняет сущность права, во-первых, в отличие от права, во-вторых, с точки зрения понятий справедливости, свободы, мудрости и других общественных ценностей. Столь ценная роль философии права возможна благодаря тому, что она имеет специфический междисциплинарный предмет и метод. Философы и мыслители прошлого также широко использовали эту возможность для научного анализа.



**Ключевые слова:** философия права, междисциплинарный характер, правовая идеология, естественное право, метафизическая теория права, правовые нормы, правовое государство.

## SUBJECT AND METHODOLOGY OF PHILOSOPHY OF LAW

The study of the philosophy of law as an independent science of law, or philosophy, makes it difficult to single out a separate subject. "The subject of the philosophy of law is interdisciplinary in nature, since without philosophical concepts and without philosophical knowledge it is generally impossible to form a legal worldview." At the same time, philosophers widely use the conclusions of legal analysis, since law is a specific subject of legal sciences. Because of this interdisciplinary connection, a worldview, that is, a philosophical level of understanding of law is formed and a single interdisciplinary subject is determined. Thus, the philosophy of law as an interdisciplinary science clarifies the essence of law, firstly, in contrast to law, and secondly, from the point of view of the concepts of justice, freedom, wisdom and other social values. Such a valuable role of the philosophy of law is possible due to the fact that it has a specific interdisciplinary subject and method. Philosophers and thinkers of the past also made extensive use of this opportunity for scientific analysis.

**Key words:** philosophy of law, interdisciplinary character, legal ideology, natural law, metaphysical theory of law, legal norms, rule of law.

**Маълумот оиди муаллиф:**

**Сайдуллоева Гулнора Рафиевна** - номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон (ДТТ). Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев, 63/3. Тел: 907886444; E-mail: sgulnora_@mail.ru

**Сведения об авторе:**

**Сайдуллаева Гульнора Рафиевна - кандидат философских наук, доцент кафедры** гуманитарных наук Технологического университета Таджикистана, г. Душанбе, ул. Н. Карабаева, 63/3. Тел: 907886444; E-mail: sgulnora_@mail.ru

**Information about the author:**

**Gulnora Rafievna Saydullaeva** - Phd philosophical sciences, Associate Professor of the Humanitarian Disciplines, Technological University of Tajikistan, Dushanbe, N. Karabaeva, str. 63/3. Tel: 907886444; E-mail: sgulnora_@mail.ru

**УДК 82.09 (045)/(575.3)**

## ЧЕХОВ ДАР АДАБИЁТИ ТОҶИК

**ҶӮРАЕВА С.**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

Аз солҳои 60-уми асри XX дар муҳити фарҳангию сиёсии замони шуравӣ барои тарҷумаи адабиёти Аврупо, хосатан адабиёти рус як муҳити мувофиқ ба вуҷуд омад. Аҳли эҷод ва тарҷумонҳо аз ҳар гуна асарҳои фармоишии бебунёди мафкуравӣ раҳо ёфта, асарҳои нависандагони машҳури рус ва ҷаҳонӣ иқдом гирифтанд, ки А.П. Чехов аз зумраи адибони серхондатарин ба ҳисоб мерафт. Дар ибтидои солҳои 60-уми қарни XX ба майдони адабиёт қадам мондани тарҷумонҳои пешқадам ва сермаҳсул ба мисли Раҳим Ҳошим, Э.

Муллоқандов, Ҳабиб Аҳрорӣ, Ҷалол Икромӣ, Фазлиддин Муҳаммадиев ва ғайра ба муҳити адабии он замон мазмунҳои худшиносии миллӣ ва тасвири воқеъбинонаи вазъи иҷтимоию сиёсӣ ба назар худро бештар ба майдон меовард. Антон Павлович Чехов (29.01.1860, Таганрог-15.07.1904, Баденвейлери Олмон, дар Москва мадфун аст) то охири солҳои 90-ум дар тамоми матбуоти даврӣ ва донишномаҳои соҳавӣ ва адабӣ аз ҷониби донишманди тоҷик Ҳамроқул Шодиқулов муаррифӣ гардида, таъсири осори ӯ ба насри даврони шуравӣ хеле равшан ва барҷаста нишон дода шудааст. Дар солҳои 90-уми қарни XX рисолаи илмии Ҷамшед Саъдуллоев "Перевод как фактор литературного влияния" (Тарҷума ҳамчун омили таъсири адабӣ") ба тарҷумаи осори А.П. Чехов ба забони тоҷикӣ бахшида шудааст. Дар мақолаи мазкур ҳикояҳои А.П.Чехов дар замони истиқлол бештар мавриди таваҷҷуҳ ва тадқиқи муаллифи мақолаи мазкур қарор гирифтааст. "Панҷоҳ ҳикоя"-и Чехов А.П. аз аввалин тарҷумаҳои комили нависанда мебошад, ки онҳо аз лиҳози тарзи баён ва мувофиқат бо нусхаи аслӣ беҳтарин иқдом мебошанд.

**Калидвожаҳо:** ҳикоя, адабиёт, адиб, забон, табиат, роҳ, тарзи баён, тарҷума, таҳрир, услуб.

Зиндагиномаи Антон Павлович Чехов (29.01.1860, Таганрог-15.07. 1904, Баденвейлери Олмон, дар Москва мадфун аст) -ро то охири солҳои 90-ум дар тамоми матбуоти даврӣ ва донишномаҳои адабӣ аз ҷониби донишманди тоҷик Ҳамроқул Шодиқулов муаррифӣ гардида, таъсири осори ӯ ба насри даврони шуравӣ хеле равшан ва барҷаста нишон дода шудааст[41]. Дар охири соли 1990 дар асоси осори А.П. Чехов рисолаи илмии Ҷамшед Садуллаев дар мавзӯӣ "Перевод как фактор литературного влияния" (Тарҷума ҳамчун омили таъсири адабӣ")[42] аз чоп баромада ва ин нависандаи бузург марҳилаи наверо бунёд кард.

Мувофиқи пажӯҳиши устод Ҳамроқул Шодиқулов Антон Павлович Чехов аз охири солҳои 70-уми қарни XIX ба кори эҷодӣ пардохта, бо имзои Антоша Чехонте бо маҷаллаҳои гуногуни ҳаҷвии кишвари Руси подшоҳӣ ҳамкорӣ мекардааст. Нахустин китоби ҳикоёти Чехов "Афсонаҳои Мелпомена" (1884) буда, сипас маҷмуаҳои зерини ӯ ба табъ расидаанд: "Ҳикояҳои алочипорах" (1886), "Вақти говгум" (1887), "Ҳикояҳо" (1888), "Одамони бадқавоқ" (1890). Соли 1890 Чехов ба ҷазираи Сахалин сафар карда, бо ҳаёти мардуми музофот шинос шуд. Очеркҳои "Ҷазираи Сахалин" (1893-94) ҳикояҳои "Дар бадарға" (1892), "Қатл" (1895) ва повести машҳури ӯ "Палатаи шашум" (1892) дар натиҷаи ҳамин сафар ба миён омадаанд.

Бояд қайд намуд, ки Чехов аз нимаи дуюми солҳои 80-уми садаи XIX ба драматургия рӯ оварда, песаҳои "Иванов" (1887-89), "Тӯй" (1880), "Ғул", (1889; баъдтар "Ваня-тағо" ном гирифт), водевилҳои "Хирс" (1888), "Ҷашн" (1891) ва ғайраро навишт. Ӯ баъди сафари хориҷа (1890 -1900) ба табобати деҳқонон ва барӯихатгирии аҳолӣ машғул шуда, таҷрибаи фаровони ҳаётӣ ба даст овард. Соли 1893 дар эҷодиёти ӯ давраи нав оғоз ёфт. Дар ҳикоя ва повесту драмаҳое, ки ӯ дар тули 10 сол навишт, сужетҳои ҳаётӣ бештар мавқеъ пайдо карда, масъалаҳои гуногуни зиндагӣ мавриди тасвир қарор гирифтанд. Ҳикояҳои "Студент", "Ҳикояти боғбони калон", ҳар ду 1894). Ҳақиқатнигории Чехов дар песаи "Моҳихӯрак" (1896), повести "Мужикҳо" (1897), асари сегонаи "Одам дар ғилоф", "Дар бораи ишқ" (1898), ҳикояи "Арӯс" (1903) басо барҷаста зуҳур ёфтааст. Дар ин давра дар эҷодиёти Чехов драматургия хеле вусъат ёфт. Песаҳои "Се хоҳарон" (1900— 01), "Олуболузор" (1903—04) ва ғайра аз ҳамон солҳо дар Театри бадеии Москва таҳия шуда, баъдан нуфузу эътибори

[41] Шодиқулов Ҳ. Пушкини насри рус. - Асарҳои мунтахаб, ч.1.- Душанбе, - 1986.

[42] Садуллаев Д.М. Перевод как фактор литературного влияния. - АКД, Душанбе, 1990. - 21 с.

умумироссиягӣ ва байналхалқӣ пайдо карданд. Чехов баъди ба Ялта омада (1898), бо Л. Толстой, М. Горький, И. Бунин, А. Куприн ва дигарон вохӯрдан, ба масъалаҳои иҷтимоӣ зиёдтар диққат медодагӣ шуд. Чеховро академики фахрии Академияи Русия интихоб карданд, вале ӯ бо аломати эътироз ба ҳукумати подшоҳӣ аз ин унвон даст кашид. Дар эҷодиёти бадеӣ ва публитсистии Чехов муҳимтарин марҳилаи ҳаёти халқи рус, аз соли 1861 инқилоби соли 1905 инъикос ёфтааст. Мубориза зидди мақомот, масъалаи одаму мансаб, қиёси тарҳи зоҳирии зиндагӣ ва асрори паси пардагии аёну ноаёни он дар ҳикояҳои ҳаҷвию маишӣ ва руҳиявии нависанда бурдборона тадқиқ шудаанд (ҳикояҳои "Ғафс ва борик", "Марги чиновник", ҳар ду 1883), "Бӯқаламун", "Ниқоб", "Унтер Пришибеев", "Барҳам доданд" (1885 ва ғ.). Чехов дар повестҳои "Хонаи ғурфадор" (1896), "Зане бо сагча" (1899), "Дар ҷарӣ" (1900) ва аксар песаҳояш фисқу фуҷури ҷамъияти буржуазӣ, ҷудоии зиёиёни замону халқро ошкор сохтааст.

Чехов дар мактаби адабии нависандагони классики адабиёти рус тарбия ёфта, дар ташаккули наср ва драматургияи рус ҳиссаи сазовор гузошт. Инчунин хиссаи вай дар инкишофи минбаъдаи адабиёти рус ва адабиёти халқҳои шуравии собиқ калон аст. Дар эҷодиёти нависандагони тоҷик Ҳаким Карим, Раҳим Ҷалил, Ҷ. Икромӣ, А. Деҳотӣ, П. Толис ва дигарон таъсири эҷодии Чехов равшан ҳис мешавад. Аксари ҳикоя, повест ва драмаҳои Чехов ба забони тоҷикӣ тарҷума шудаанд. Драмаҳои Чехов дар саҳнаи театрҳои тоҷик намоиш дода мешаванд, аз рӯи ҳикоёти ӯ барномаҳои овозии ҳикоя ва песаҳои нависанда барои радио ва намоишномаҳои телевизионӣ таҳия гардидаанд[43].

Масъалаи асосие, ки мавриди назари мо қарор дорад, ин муйян намудани марҳилаҳои асосии шинохт ва тарҷумаи осори Антон Павлович Чехов дар адабиёти варорудии тоҷикон мебошад, ки ин аз рӯи мушоҳидаи тарҷумони осори адиб Обид Шукурзода "ҳанӯз солҳои 1890-1900, замоне ки ин адиби номвар дар ҳаёт буд" ба вуқуъ пайвастааст.[44] Вале ин раванд то солҳои 30-уми садаи XX бо сабабҳои номаълум бозмеистад ва аз соли 1930 тарҷумаи осори нависанда ба забони тоҷикӣ ҷараён мегирад ва аввалин намунаи осори ӯ дар матбуот ва дар шакли китобча сурат мегирад. Суоле ба миён меояд, ки чаро дар замони ноормиҳои сиёсии Русияи пешазинқилобӣ таваҷҷуҳ ба Чехов ва осори ӯ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ, хосатан дар аморати Бухоро камтар ва ҳатто то солҳои 30-юми қарни XX маҳдуд гардид?

Дар ҳолате ки барои омода намудани мардум ба Инқилоби якуми рус осори Л.Н. Толстой, А.М Горкий, Н. В. Гогол, М.Шолохов, Б.Пастернак ва ҳатто ашъори А.С. Пушкин ва Есенинро метавон таъкид намуд. Вале дар байни ин нависандагон номи А.П. Чехов ва осори безаволи ӯро намебинем, ки ба назари мо хулосаи мутарҷимии осори ин нависандаи бузург Обид Шукурзода мувофиқ меояд: "Ҳикоёти Чеховро, бо ин ки танз медонанд, аммо хандадор нестанд ва бештар ба хотири нигоҳи хосси адиб ба ин олам, як комедии нарме ҳастанд. Дар ҳикояташ саҳнаҳои талхе ҳам рӯнамо мешавад. Аммо ҳатто дар талхтарин достонҳо, ки қаҳрамони ҳикоя бо ҷавру ҷафо мемирад ё дар зиндагӣ, дар роҳи ишқу ҳавасаш шикаст мехӯранд, ё ки дар як бунбасти печидаи рӯзгор раҳгум мезананд, боз ҳам дар ҳикоя трожедӣ (фоҷеавӣ) нест ва зиндагӣ ҳар чи қадар ҳам сахт бошад, бо арзиш нишон дода шуда, аҳамият дорад"[45]. Чи хеле ки аз хулосаи Обид Шукурзода ба мушоҳида мерасад, маҳз дар ҳикояҳои А.П.Чехов қаҳрамонон дар зиндагӣ ба роҳгумӣ рӯ ба рӯ оянд ҳам, ҳаргиз дар кӯи ноумедӣ намемонанд ва нависанда қаҳрамони худро аз ҳолати дармондагӣ раҳонида, ба он умед мебахшад.

---

[43] Ҳамроқул Шодиқулов. Пушкини насри рус. - Асарҳои мунтахаб, ҷ.1. - Душанбе, - 1986.

[44] Шукурзода О. Марди танҳоро ҳама ҷо бодия аст. Сарсухан бар китоби "Панҷоҳ ҳикоя"-и А.П. Чехов. - Душанбе: Меҳроҷ Граф, 2021. - С.11.

[45] Ҳамон ҷо

Шояд аз ҳамин сабаб бошад, ки солҳои инқилоб то замони солҳои 30-уми қарни гузашта, А.П. Чехов дар сархати ҳаводиси рӯзгор қарор надошт. Тарҷумонҳои тоҷик дар рӯзномаҳои "Овози тоҷик" ва "Бухорои шариф" ва маҷаллаи "Раҳбари дониш" ҳикояҳои Л.Н. Толстой, А.М. Горкий, И.С. Тургенев барин нависандагонро тарҷума карда, ба ҳикояҳои А.П. Чехов камтар таваҷҷуҳ намуданд. Вале баъди солҳои 30-юм А.П. Чехов дар тарбияи инсони созанда ва бунёдкори ин рӯзгор созгор омад ва матбуоти замон рӯ ба тарҷумаҳои ин нависандаи навгуфтор овард. Тадриҷан, дар даҳаи минбаъда чандин ҳикояю повестҳои А.П. Чехов ба хонандаи тоҷик тавассути матбуоти даврӣ муаррифӣ гардид.

Чуноне, ки маълум гардид аввалин тарҷумони осори А.П. Чехов Т. Самадӣ дар матбуоти он замон шинохта шудааст. Минбаъд ба тарҷумаи ҳикояҳои А.П. Чехов адибону мутарҷимони тоҷик Р.Ҳошим, Ҷ. Икромӣ, Ҳ.Карим, Э. Муллоқандов, А.Пирмуҳаммадзода, Ҳ.Аҳрорӣ, П.Толис, Ф. Ғуломов машғул шуда, як қадар дар муаррифии осори ин нависандаи бузург саҳмгузорӣ намудаанд. Соли 1980 "Осори мунтахаб"-и А.П. Чехов бо баргузидаи силсилаи ҳикоёту повестҳои адиб дар чаҳор ҷилд тавассути нашриёти "Ирфон" аз чоп баромад. Вале ин тарҷумаҳо аз лиҳози забон ва ҳусни баён ба таҳрир ва коркарди такрорӣ ниёз доштанд. Тарҷумаи осори нависанда бештар ба тариқи тарҷумаи ҳарф ба ҳарфи матн сурат гирифта, дар матни ҳикояҳо қариб воситаҳои образноки сухан ва ибораҳои рехтаи забони тоҷикӣ камтар ба назар мерасад. Хонандаи тарҷумаҳои осори А.П. Чехов аз чунин тарҷумаҳо ба моҳияти ҳикояҳои нависанда расида натавонист. Ҳатто дар театрҳои пойтахт пеш аз ба саҳна гузоштани ҳикоя, повест ё песаҳои нависанда забону услуби тарҷумаҳо аз таҳрири ҷиддӣ гузаронида шуданд. Соли 2021, яъне пас аз 41 соли тарҷумаҳои осори А.П. Чехов аз Обид Шукурзода нав ба баргардониши ҳикояҳои нависанда иқдом намуд. Обид Шукурзода сабаби ба тарҷумаи ҳикояҳои А.П. Чехов муроҷиат кардани худро чунин арзёбӣ мекунад: "Банда, агарчи мухлиси адабам, ҳам мухлиси Чехов, аммо мутарҷим нестам; агар дархосте аз ҷониби бародари фарҳехтаам, рӯзноманигори маъруфи мо Furthermore Бобоҷони Шафеъ намебуд, ки ҳикояи "Ванка"-ро барои сайти вижаи ӯ дар Интернет баргардон кунам, шояд ба ин кори сангину дур аз пешаи худ даст намезадам, ҳарчанд то ин дархост, ду ҳикояти ин устоди зебокаломро – "Буқаламун" ва "Бидуни унвон", аз сари шавқ баргардон карда будам. Баъди тарҷумаи "Ванка" беихтиёр маҷзуби дунёи Чехов гаштам ва яку дуву бисту ниҳоят панҷоҳ достони хурди ӯро (ҳатман бо ташвиқу илқои дӯстон) баргардондам, агарчи баъзе ин ҳикояҳо қаблан чанд маротиба аз сӯи дигар мутарҷимон баргардон шуда буданд"[46]. Ин мутарҷим панҷоҳ ҳикояи А.П. Чеховро бо сабку услуби хосе ба тоҷикӣ баргардонда, онро "Панҷоҳ ҳикоя" унвон карда, соли 2021 тавассути нашриёти "Меҳроҷ Граф" чоп намуда пеш аз ҳама матни ҳикояҳои нависандаро аз чопи нусхаҳои муътабар, ки аз марказҳои илмии чеховшиносӣ барои тарҷума интихоб намудааст. Дар тарҷумаҳои нав бештар ибораҳои маҷозӣ ва ибораҳои фразеологии хоси тоҷикӣ хеле фаровон истифода шудааст. Дар ин ҷо намунаҳо аз ҷумлаҳои образноки тарҷумаҳои Обид Шукурзода ва нусхаҳои форсии нависанда ба тоҷикӣ муқоиса оварда то хонандаи тоҷикро аз забони равону ширадори ҳикояҳои нависанда баҳравард шаванд.

- Магар мумкин аст, ки дар ин дунё дандон тез накарду забони талх ёд нагирифт? (Беҷуръат[8]. 20).

---

[46] Ҳамон ҷо

[7] калимаи *хуншор* бо тарҷумаи русиаш мувофиқ нест.

8 "Беҷуръат" асараш "Размазня" ном гузошта шудааст А.П.Чехов., аммо тарҷумаи тоҷикиаш мувофиқ намеояд. Размазня - робкий, несмелый.

**- Разве можно на этом свете не быть зубастой? (Размазня)**

Ибораи фразеологизмӣ **“не быть зубастой”** дар забони тоҷикӣ ба ду ибораи образнок **“дандон тез накарду”** ва **“забони талх ёд нагирифт”** тарҷума шудаанд. Тарҷума ба хоси тағйирҳо шудани сухани нависанда ин ду ибораи фразеологизмиро ба кор бурдааст.

- Дарҳои бози дӯкончаҳову майхонаҳо мисли даҳонҳои гурусна маъюсона ба дунёи Худованд дида дӯхта буданд: (Буқаламун, 47).

**Открытые двери лавок и кабаков глядят на свет божий уныло, как голодные пасти. (Хамелеон).**

Ибораи **“глядят на свет божий”** ба ибораи тоҷикӣ **“дида дӯхтан”** мувофиқ омадааст.

- ... ҳам ангушти хуншори[7] ӯ чун парчами пирӯзие менамуд: (Буқаламун, 48).

Ба назари мо ин ҷумла дар шакли **“чун ангушти аломати ғалаба ба назар мерасад”** тарҷума мешуд беҳтар буд, зеро дар нусхаи асл калимаи хуншор ба назар нарасид ва дар ягон маврид ангушти хуншор нишонаи ғалаба намебошад.

**... да и самый палец имеет вид знамения победы.**

Агар ба ҳар каллапӯке ном гӯяму худро муаррифӣ кунам, забонам мӯ мебарорад. (Одами мағрур, 60).

**- Ежели всякому балбесу имя своё произносить и рекомендоваться, то языка не хватит.**

Ибораи **“языка не хватит”** дар тарҷума дар забони тоҷикӣ дар шакли ибораи рехтаи **“забонам мӯ мебарорад”** омадааст, ки дуруст аст.

- Борон рӯямро тозиёна мезад ва бод хашмгинона домани кулоҳамро меларзонд. (Як шаби пурваҳшат, 67).

**Дождь хлестал меня по лицу, а ветер сердито трепал мои полы, шапку.**

Дар ҷумлаи **“дождь хлестал меня по лицу”** дар тарҷума тоҷикиаш **“борон рӯямро тозиёна мезад” мувофиқ аст.**

- Аммо чун риштаи сухани ӯ аз шаҳру шаҳриён гираҳ хӯрд, садояш ба ларза омад. (Бидуни унвон, 168).

**Но голос его дрогнул, глаза засверкали, и весь он распалился гневом, когда стал говорить о городе и людях.**

Баъзе ифодаҳо дар ин ҷумла тарҷума нашудаанд ва мо ба тариқи намуна тарҷумаи ин ҷумла ба тариқи зайл пешниҳод менамоем.

Дар ин ҷумлаҳо, ки аз тарҷумаи ҳикояҳои нависанда интихоб шудаанд, ибораҳои маҷозии тоҷикӣ матни тарҷумаро хеле суфтаву равон ва барои хонанда фаҳмо намудаанд. Ибораҳои фразеологии “дандон тез кардан” **(быть зубастой)**, “дида дӯхтан” **(глядя на свет),** “ангушти хуншор чун парчами пирӯзӣ намуда” (**да и самый палец имеет вид знамения победы**), “борон

тозиёна задан” (**дождь хлестал меня по лицу**), “садо ба ларза омадан**” (голос его дрогнул)** ва ғайра маҳсули интихоби бо мавриди мутарҷим мебошад, вагарна аз матни аслӣ ин ибораҳоро айнан тарҷума кардан барои хонанда душвориҳои зиёдеро ба вуҷуд меорад.

Чун “Панҷоҳ ҳикоя”-и А.П. Чехов чоп гардид, аксаран гумон доштанд, ки ин тарҷумаҳо аз нусхаи форсии онҳо гирифта шудаанд ва мутарҷим аз матни тарҷумаҳои форсӣ истифода намудааст. Барои намуна ҳикояи “Зани як доруфурӯш” -ро дар тарҷумаи форсӣ ва тоҷикӣ муқоиса намудем:

- Дар тарҷумаи тоҷикӣ мутарҷим асосан аз воситаҳои забонии тоҷикӣ истифода намуда, қолаби ҷумлаҳои тоҷикиро риоя намудааст;
- Дар матни тарҷума, хосатан дар муколамаи қаҳрамонҳо мутарҷим бештар ба гӯишҳои забони тоҷикӣ такя мекунад ва калимаҳои лаҳҷавиро дар забони қаҳрамонҳо зиёд истифода менамояд. Масалан, дар ҳамин порчаи матн чанд унсури гуфтугӯии маҳалҳои Тоҷикистон истифода шуда, матни муколамаро басо ҷолиб ва ширадор намудааст: “-Ҳиччи ҳам диданӣ надорад! - гуфт додари шаҳ. - Мешавад гуфт... Ҳатто як андоза бадқавора. Афташ ҳам мисли аҳмаққо... Нигаҳ кунед, хекиртакаш ду оршин” (Одами мағрур, 58).

Ҳикояи “Зани як доруфурӯш” яке аз ҷолибтарин ҳикояи ин маҷмуа ба ҳисоб меравад ва мутарҷим онро бо як маҳорати хуби тарҷумонӣ аз забони асл тарҷума намудааст. Ҳикояи мазкур аз саҳифаи 122 то 128-ро дар бар мегирад ва Обид Шукурзода дар матни он баъзе шарҳу тафсири иқтибосоти динию эстетикиро лозим донистааст. Масалан, дар ҷумлаи зерин “Мисли манаҳе, ки Шамшун фаластиниҳоро нобуд кард” (Зани як доруфурӯш, 123). Мутарҷим Шамшун ё Сомсунро шарҳ медиҳад, то хонанда аз ин истилоҳи динии ибрӣ огоҳӣ пайдо кунад. Матни форсии ин ҳикоя “Зани доруфурӯш” ном дошта, дар сомонаи - http://ganjineadabiat.blogfa.com ба таври савти пешниҳод мешавад ва чун мо ин қироати ин ҳикояро навишта гирифтем ва имкон пайдо шуд, ки ин ду тарҷумаи ҳикояи мазкурро мавриди муқоиса қарор диҳем. Матни тарҷумаҳо аз рӯи тартиби сархатҳо монанд нестанд ва маълум мешавад, ки мутарҷимон аз нусхаҳои гуногун ин ҳикояро тарҷума кардаанд. Масалан, тарҷумаи Обид Шукурзода чунин оғоз мешавад: “ Шаҳраки Б., ки фақат ду-се кӯчаи каҷу маҷ дорад -, ғарқи дар хоби амиқ аст. Дар ин ҳавои сармо ҳама ҷо ором. Танҳо аз кадом дуриҳо - бояд берун аз шаҳр буда бошад, парсазаданҳои саге бо садои наҳифу гирифтаю маъмулӣ шунида мешавад. Бомдод наздик аст” (Зани як доруфурӯш, 122).

Тарҷумаи форсӣ ин ҳикоя бошад қисмае аз рӯи тартиби баёни ҳаводис фаро мегирад.

“Шаҳри кучаки Бин, ки аз чанд хиёбони каҷ ташкил ёфта буд, ба хоби амике фурӯ рафта, дар ҳама ҷойи шаҳр сукут ҳукмфармост. Фақат гоҳе аз дур шояд берун аз шаҳр садои саге ба гӯш мерасид. Субҳ наздик аст, хама ба хоби ноз фурӯ рафта, ба ҷуз зани ҷавони дорусоз. Бо ин ки, дар рахти хоби худ дароз кашида, вале наметавонад бихобад. Маълум нест, чаро намехобад. Бо ҳолати гирифта, бо пироҳани сафед дар ҷулуи панҷараи кушода истода берунро менигарад. Хеле ғамгин ба назар мерасид. Ба қадре гирифтааст, ки гӯё мехоҳад гиря кунад ва укдаеро пораеро, ки ба дил дорад, боз кунад (Зани доруфурӯш, матни овозӣ).

Ҳатто номи шаҳр тамоман шаклашро дигар кардааст дар тарҷумаи форсӣ Чернов (Зани доруфурӯш, матни овозӣ) Чернумордики (Зани як доруфурӯш, 122).

Тибқи сужети достон зани ҷавони ӯро шабҳо хоб намебарад ва дар назди тирезаи кушод нишаста, ба кӯча менигарад. Дар паси вай, чанд қадам дуртар аз вай, ба девор печида, худи Черномордик ширинона хуррок мекашад. Ӯ орзу мекунад, ки ҳама дар шаҳр сулфа мекунанд ва пайваста қатраҳои шоҳи Данияро аз ӯ мехаранд.

Зимни мушоҳидаҳо дар матнҳои форсӣ ва тоҷикии тарҷумаи ин ҳикоя баъзе тафовутҳо ба назар расид, ки зикри онҳоро дар ин ҷо зарур медонем:

1. Номи ҳикояи мазкур дар тарҷумаи тоҷикӣ дар шакли “Зани як доруфурӯш” ва дар форсӣ “Зани доруфурӯш” омадааст, ки ба назари мо шумораи “як” дар номи ҳикояи мазкур зиёдатӣ мебошад.
2. Тартиботи матни аслӣ дар матни форсӣ бештар риоя шудааст, дар тарҷумаи тоҷикӣ бошад ин тартибот ё дар асоси нусхаи дигарсурат гирифтааст ё мутарҷим зимни баргардониш каме ба мустақилият майл кардааст.
3. Дар ҳар ду тарҷума калимаҳоеро вохӯрдан мумкин аст, ки барои хонандаи осори нависанда мушкилот ба вуҷуд меорад:
   - Форсӣ: садои порси саг, ҷулуи панҷара, уқдаи дил, қурс, маблағи ҳангуфт, урдугоҳ, чоқи баланд, макс, гарчак, садои хашани булуз, ду қоб, қурс, фарт, наъно.
   - Тоҷикӣ: каҷу маҷ, парсазаданҳои саг, инодкорона, маҳмез, мазҳар, қурси сулфа, пора, паҷараи кушода.
4. Баъзе истилоҳоти мазҳабӣ ба мисли Шамшун ё Сомсун танҳо дар тарҷумаи тоҷикӣ шарҳ дода шудааст.

Бояд ба чунин хулоса омад, ки аз солҳои 60-уми қарни XX дар муҳити фарҳангию сиёсии замони шуравӣ барои тарҷумаи адабиёти Аврупо, хосатан адабиёти рус як муҳити нисбатан мувофиқ ба вуҷуд омад. Аҳли эҷод ва тарҷумонҳо аз ҳар гуна асарҳои фармоишии бебунёди мафкуравӣ раҳо ёфта, ба тарҷумаи асарҳои нависандагони машҳури рус ва ҷаҳонӣ иқдом намуданд, ки А.П. Чехов аз зумраи адибони серхондатарин ба ҳисоб мерафт. Дар ибтидои солҳои 60-уми қарни XX ба майдони адабиёт қадам мондани тарҷумонҳои пешқадам ва сермаҳсул ба мисли Раҳим Ҳошим, Э. Муллоқандов, Ҳабиб Аҳрорӣ, Ҷалол Икромӣ, Фазлиддин Муҳаммадиев ва ғайра ба муҳити адабии он замон мазмунҳои худшиносии миллӣ ва тасвири воқеъбинонаи вазъи иҷтимоию сиёсӣ ба назар худро бештар ба майдон меовард. А.П. Чехов аз нимаи дуюми солҳои шасти асри XX дар радифи адибони сернуфуз буда, барои ба вуҷуд омадани адибони аз лиҳози сабку услуб пешрафта мусоидат намуд. Дар осори ӯ масъалаҳои иҷтимоию ахлоқӣ имтиёзи бештар пайдо карда, дар ҳикояҳои ӯ ба мавзӯи зиндагии рӯзмарраи мардум ихтисос дода шудааст, пеш аз ҳама паҳлуҳои гуногуни воқеияти замон, муассирӣ ва оҳангҳои фарҳанги миллӣ ҷанбаи асосӣ буда, барои дарки амиқи мазмуну муҳтаво мусоидат кардаанд. Баррасӣ ва таҳқиқи қимати бадеию ҳунарии осори нависанда дар мақолаву нигоштаҳои муҳаққиқон М. Шукуров, А. Афсаҳзод, А. Раҳмонов, А. Сайфуллоев, Ҷ. Саъдуллоев, Ҷ. Бақозода, барин донишмандону муҳаққиқон доир ба ҷанбаҳои мундариҷавӣ ва бадеии насри бадеии адиб назаррас мебошанд.

Дар давраи Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон дар ташаккул ва такомули фаъолияти эҷодии адибон ва дар ин замина ҷиҳати наздикшавии нигорандагон ба масоили худогоҳии миллию мардумӣ имконияти бештар фароҳам оварда тавонист. Дар арафаи даврони Истиқлол бо вуҷуди мушкилоти сиёсию иҷтимоӣ осори А.П.Чехов, ки масъалаҳои мубрами иҷтимоию ахлоқиро, ки ба якдигар иртиботи воқеӣ доранд, дар қолаби жанрҳои хурди эпикӣ тасвир намудааст, аз нав ба тарҷумаи беҳтар ниёз пайдо намуданд. Тарҷумаи осори ин адиби номвар вазъи печидаи иҷтимоӣ маҷбур сохтааст, ки масоили ахлоқии ҷомеаро дар оинаи ҳикояҳои А.П. Чехоа мавриди омӯзишу пажӯҳиш қарор дода, онро дар рӯзгори мардум вобастаи ин ду масъалаи муҳими ҷомеа бубинад. Ҳаминро метавон қайд намуд, ки мавзӯи ахлоқи ҷомеаи шаҳрвандӣ ва дар ин асос муносибату муомила ва маишати ҷомеаи муосири

тоҷик таваҷҷуҳи на ҳама суханваронро ба худ кашид. А. П. Чехов дар байни мардумони имрӯз зиндагӣ ба сар дошта, солҳои зиёд дар ҳамбастагии мардуми оддӣ буд, бинобар ин дар ҳикяҳои ӯ “баёни паҳлуҳои иҷтимии ҷомеа пурқувват буда, таваҷҷуҳи хонандаро ҷиддан ҷалб менамояд”.

**Адабиёт:**


1. Садуллаев Дж.М. Перевод как фактор литературного влияния. - АКД, Душанбе, 1986. - 21 с.
2. Чехов А.П. Полное собрание сочинений и писем. Том 6. 1887, Изд-во “Наука”, - 457 с.
3. Чехов А.П. Як шаби пурваҳшат. https://ilibrary.ru/text/4171/p.1/index.html
4. Чехов А.П. Асарҳои мунтахаб, ҷ.1.- Душанбе, 1986. - 286 с.
5. Чехов А.П. Одами мағрур. https://ru.wikisource.org/wiki/
6. Чехов А.П. Асарҳо дар дувоздаҳ ҷилд, ҷ. 6 - Нашриёт, «Илм», Москав 1985, «Хамелеон». - 732 с.
7. Чехов А.П. Рассказы и повести, Изд-во «Правда», Москва, 1979, - 638 с.
8. Чехов А.П. “Панҷоҳ ҳикоя”. - Душанбе: Меҳроҷ Граф, 2021. - 400 с.
9. Чехов А.П. Зани доруфурӯш (тарҷумаи достони кутоҳ дар шакли овозӣ). - http://ganjineadabiat.blogfa.com
10. Шодиқулов Ҳ. Пушкини насри рус.-Асарҳои мунтахаб, ҷ.1. - Душанбе, 1986.
11. Шукурзода О. Марди танҳоро ҳама ҷо бодия аст. Сарсухан бар китоби “Панҷоҳ ҳикоя”. - Душанбе: Меҳроҷ Граф, 2021. - С. 6-12.


## ЧЕХОВ В ТАДЖИКСКОЙ ЛИТЕРАТУРЕ


С 60-х годов XX века в культурно-политической среде советской эпохи создавалась подходящая среда для перевода европейской литературы, особенно русской. Создатели и переводчики избавились от заказных произведений, не имеющих идеологической структуры, и стали использовать произведения известных русских и зарубежных писателей, о которых писал А.П. Чехов, он считался одним из самых читаемых писателей. В начале 60-х годов XX века такие ведущие и плодовитые переводчики - как Рахим Хашим, Э. Муллокандов, Хабиб Ахрори, Джалол Икроми, Фазлиддин Мухаммадиев и другие, в литературной среде того времени более заметным казалось содержание национального самосознания и реалистическая картина общественно-политической ситуации. Антон Павлович Чехов (29 января 1860, Таганрог - 15 июля 1904, Баденвайлер, Германия, похоронен в Москве) был представлен таджикским учёным Хамрокулом Шодикуловым во всех периодических изданиях и литературных журналах до конца 90-х годов, и его влияние в произведениях прозы советской эпохи очень ярко и заметно отображено. В 90-е годы XX века научная диссертация Джамшеда Садуллаева «Перевод как фактор литературного влияния» была переведена на таджикский язык и посвящена творчеству А.П. Чехова. В данной статье рассказы А.П. Чехова в годы независимости являются предметом большего внимания и исследования автора данной статьи. «Панҷоҳ ҳикоя» Чехова А.П. - один из первых полных переводов автора, являющимся лучшим по выразительности и соответствии оригинальному варианту.



**Ключевые слова**: рассказ, литература, писатель, язык, природа, способ, выражение, перевод, редактирование, стиль.

**CHEKHOV IN TAJIK LITERATURE**

Since the 1960s, a suitable environment for translating European literature, especially Russian, was created in the cultural and political environment of the Soviet era. Creators and translators got rid of commissioned works that had no ideological structure and began to use the works of famous Russian and foreign writers, about whom A.P. Chekhov wrote. Chekhov was considered one of the most widely read writers. In the early 1960s, such leading and prolific translators as Rahim Khashim, E. Mullokandov, Habib Akhrora, Jalal Ikromi, Fazliddin Mukhammadiev and others, in the literary environment of that time, the content of national self-consciousness and a realistic picture of the socio-political situation seemed more noticeable. Anton Pavlovich Chekhov (29.01.1860, Taganrog - 15.07.1904, Badenweiler, Germany, buried in Moscow) was presented by the Tajik scholar Hamroqul Shodikulov in all periodicals and specialized and literary encyclopedias until the end of the 90s, and the influence of his works on the prose of the Soviet era was very clearly and prominently shown. In the 90s of the 20 th century, Jamshed Sadullaev's scientific thesis "Translation as a Literary Factor" was devoted to the translation of A.P. Chekhov's works into the Tajik language. In this article, the stories of A. P. Chekhov in the years of independence are the subject of greater attention and research by the author of this article. "Panjoh hikoya" by A. P. Chekhov is one of the first complete translations of the author, which is the best in expressiveness and compliance with the original version.

**Key words**: story, literature, writer, language, nature, path, style of expression, translation, editing, style.

**Маълумот дар бораи муаллиф:**

**Ҷӯраева Суҳайло Наимовна -** ассистенти кафедраи забони русӣ ва таълимоти касбии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. Тел: 987770439

**Информация об авторе:**

**Джураева Сухайло Наимовна -** ассистент кафедры «Русского языка и профессионального образования» Технологического университета Таджикистана. Тел: 987770439

**Information about the author:**

**Juraeva Suhaylo Naimovna -** assistant of the Department of Russian Language and Vocational Education of the Tajik Technological University. Tel: 987770439

УДК 811.111.004.738.5

# ҶАРАЁНИ ТАЪЛИМИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶӢ БО ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯИ КОМПЮТЕРӢ

**Шамсова Б.Қ.**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

Имрӯзҳо омӯзиши забонҳои хориҷӣ, аз он ҷумла омӯзиши забони англисӣ масъалаи асосӣ ва мубрами рӯз мебошад. Ин ҳолат на танҳо дар мамлакатҳои пешрафтаи ҷаҳон, балки дар Ҷумҳурии Тоҷикиситон низ мушоҳида мегардад. Кулли ҷавонони имрӯза оиди омӯзиши забонҳои хориҷӣ ва истифода аз техника ва технологияи навин хело дар сафи пешанд. Истифодаи таҷҳизотҳои муосири техникии соҳаҳои гуногуни фаъолияти инсон аз мутахассисон дониши хуби забонҳои хориҷиро тақозо менамояд. Донистани забони хориҷӣ дар ҳақиқат ҳам метавонад воситае бошад барои ташаккул додани тахассуси худ, васеъ намудани ҷаҳонбинӣ, пайдо кардани маълумоти вобаста ба ихтисос на танҳо дар дохили мамлакат, балки берун аз он.

**Калидвожаҳо:** мубрам, пешрафта, таҷҳизот, муосир, фаъолият, дониш, тақозо, ташаккул, ҷаҳонбинӣ, масъалаҳои асосӣ, мубрами рӯз, технологияи навин.

Яке аз масъалаҳои мубраме, ки солҳои охир диққати ҳамагонро ба худ ҷабл намудааст, омӯзиши забонҳои хориҷӣ ба шумор меравад. Донистани забонҳои хориҷӣ яке аз талаботҳои асосӣ нисбат ба муттахасисон дар бозори меҳнат гаштааст. Ин ҳолат на танҳо дар мамлакатҳои пешрафтаи ҷаҳон, балки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ мушоҳида мегардад.

Илова бар ин, ба миён овардани зарурати забондонии муттахасисони имрӯза ва оянда робитаҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои хориҷи дуру наздик дар самти сиёсат, иқтисодиёт, фарҳанг, маориф, тиб ва амсоли инҳо ба шумор меравад. Равобити мазкур сабаби ташкил ва баргузории конференисия, мизҳои мудаввар, семинар ва дигар чорабиниҳои сатҳи байналмилалӣ дар мамлакат мегардад. Забони корӣ ва баргузории ин гуна чорабиниҳо албатта, забонҳои байналмилалӣ (англисӣ, русӣ, олмонӣ, ва ғ.) муайян карда мешавад. Сар карда аз тарҷумонҳо ва кормандони техникию ёрирасон то ба муттахасисону масъулини идораю ташкилотҳои иштироккунандаи ин чорабиниҳо дониши хуби забонҳои хориҷӣ талаб карда мешавад.

Навгониҳои илму техника ва технологияи инноватсионии босуръати кайҳонӣ рушдкунанда бо забонҳои байналмилалӣ (англисӣ, русӣ, олмонӣ, чинӣ ва ғ.) рӯи кор меоянд. Истифодаи таҷҳизотҳои муосири техникии соҳаҳои гуногуни фаъолияти инсон аз мутахасисон дониши хуби забонҳои хориҷиро тақозо менамояд. Барои ба таври комилу дуруст аз имконниятҳои таҷҳизоти муосири техникӣ истифода бурдан мутахассисро зарур аст, ки забони кории он таҷҳизотро хуб донад.

Ҳолатҳои дар боло зикргардидаро ба инобат гирифта, ҳанӯз 2-юми декабри соли 2003 таҳти №508 бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Барномаи давлатии такмил ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2004-2014" ба тасвиб расида буд. Мақсади Барнома рушду такмили таълиму омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, дар давоми 10 соли татбиқи он раванди таълими забонҳои русӣ ва англисӣ рӯ ба беҳбудӣ намуд. Яке аз вазифаҳои Барнома бошад рушди забони русӣ ҳамчун забони муоширати байни миллатҳои ИДМ ва халқҳои муқими Ҷумҳурии Тоҷикистон ва забони англисӣ ҳамчун яке аз забонҳои дар ҷаҳон васеъ паҳншуда башумор меравад [3].

Барномаи мазкур 3-юми июли соли 2014 барои 5 соли оянда, солҳои 2015-2020 тамдид гардид. Дар асоси "Барномаи давлатии такмил ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020", давоми 5 соли дигар амалӣ гардонидани корҳои зиёди илмӣ-тадқиқотию таълимӣ-методӣ дар назар буда, таълими забонҳои русӣ ва англисӣ бояд сифатан беҳтар карда шаванд.

Барои таъмини идораю сохторҳои гуногуни давлатӣ ва ғайридавлатӣ бо мутахасисони сатҳи баланди касбӣ, дорои дониши хуби технологияи муосир ва забонҳои хориҷӣ аз муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ масъулияти басо баланд талаб менамояд.

Гарчанде, ки солҳои охир дар мамлакат корҳои зиёди илмӣ тадқиқотӣ анҷом ёфта, истифодаи нави таълимӣ ва технологияи компютерӣ дар ҷараёни таълими забонҳои хориҷӣ бештар баназар мерасад, ҳанӯз ҳам мушкилоту камбудиҳо дар ин самт кам нестанд. Камбудиҳоро метавон дар муассисаҳои гуногуни таълимӣ, дар самти таълими забонҳои хориҷӣ мушоҳида намуд. Пайгирӣ намудани мушкилоту камбудиҳои ҷараёни таълими забонҳои хориҷӣ, мавқеъи истилоҳоти касбии (тахассусии) донишҷӯён дар мактабҳои олии ғайризабонӣ ва пешниҳоди роҳу усулҳои муосири таълим ҳангоми азхудкунонидани истилоҳоти касбии донишҷӯён бо забони англисӣ мақсади асосии мақолаи мазкур ба шумор меравад.

Ҳавасманд намудани донишҷӯён ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ қадамҳои аввалини ҷараёни таълим ба шумор меравад. Донишҷӯён бояд дарк намоянд, ки донистани забонҳои хориҷӣ пеш аз ҳама барои худи онҳо ва баъдан барои мамлакати мо хеле зарур мебошад. Идомаи таҳсил дар хориҷи мамлакат ва ё дар ташкилотҳои бонуфузи кишвар фаъолият намудан аз ҳар як донишҷӯ дар баробари дар сатҳи олӣ аз худ намудани тахассуси худ, инчунин донистани забонҳои хориҷиро талаб мекунад. Муоширати касбӣ бо забони модарӣ ва хориҷӣ дар сатҳи баланд, ҷаҳонбинии васеъ, дарки баланди масъалаи ба миён омада ва дигар маҳорату малакаҳои касбие, ки мафҳумҳои асосии ҳар як тахассус мебошанд, барои ҳар як муттахасиси оянда калиди муваффақияти онҳо дар фаъолияти касбиашон хоҳад шуд.

Ҳар як донишҷӯро зарур аст, ки пеш аз омӯзиши забони хориҷӣ, ӯ бояд забони модарии худро хеле хуб донад, дар акси ҳол ӯ дар сатҳи зарурӣ забони бегонаро аз худ карда наметавонад. Донишҷӯе, ки ба омӯзиши забони хориҷӣ мепардозад, аз нозукиҳои забони модариаш маълумоти зиёд пайдо мекунад. Волфганг Гёте қайд намудааст: "Шахсе, ки ақалан як забони хориҷиро намедонад, ӯ дар бораи забони модарии худ ҳеҷ чизро намедонад".

Дар таълими забони хориҷӣ, ҳангоми омӯзонидани забон ба донишҷӯёне, ки тахассусашон забономӯзӣ нест, як қатор омилҳоро мебояд ба инобат гирифт. Сатҳи гуногуни азхудкунии донишҷӯён, вақти (соати) нокифояи ҷудокардашуда барои фанни "Забони хориҷӣ", дар ҳамбастагӣ ташаккул додани чор рукни фаъолияти муоширатии (хондан, навиштан, гуфтор ва тафаҳҳум) донишҷӯён аз забони хориҷӣ, такя кардан ба ихтисоси донишҷӯён, яъне истилоҳоти касбии (тахассусии) онҳоро бештар мавриди истифода қарор додан омилҳои асосие мебошанд, ки ҳар як омӯзгори мактаби олӣ онҳоро бояд ҳатман ба инобат гирад.

Мавриди истифода қарор додани истилоҳоти касбии (тахассусии) донишҷӯён ҳангоми таълими забони хориҷӣ нуктаест, ки мо кӯшиш намудем дар мақолаи мазкур баррасӣ намоем.

Мафҳуми "Истилоҳоти касбӣ" аз ҷониби муҳаққиқон ва дар фарҳангҳои илмӣ шарҳи гуногун гирифтааст.

Истилоҳоти касбӣ–лексикаи махсуси соҳаҳои алоҳида буда, мафҳуми муайянеро тасвир менамояд [4].

Зери истилоҳоти ҳуқуқӣ мо системаи истилоҳот в ё маҷмуи мафҳумҳоеро фаҳмида метавонем, ки вобаста ба фаъолияти ҳуқуқии ҷамъият ва давлат мебошанд.

Истилоҳоти компютерӣ бошад, маҷмуи калимаю иборае, ки бештар дар самти технологияи компютерӣ, сохтани барномаҳои компютерӣ, технологияи иттилоотӣ истифода мешаванд ва ҳангоми истифода шудан дар самти ин соҳа мафҳуму мазмуни алоҳида касб мекунанд, фаҳмида мешавад.

Истилоҳ–калима ва ё ибораи ин ё он соҳаи донише, ки дар матнҳои махсус мавриди истифода қарор мегиранд, фаҳмида мешавад. Истилоҳи ишораи забонӣ буда, аз як ҷониб дорои мафҳуми махсус мебошад, аз ҷониби дигар бошад, дар соҳаҳои гуногун мафҳумҳои навро тавлид менамояд [2].

Дар ҷараёни таълими забони хориҷӣ, бо мақсади ба инобат гирифтани самти касбӣ ва тахассуси донишҷӯён, ғанӣ гардонидани фонди луғавии донишҷӯён бо истилоҳоти касбии (тахассусии) онҳо, мувофиқи мақсад мебошад. Воқиф будан ва аз худ намудани истилоҳоти касбӣ (тахассусӣ) ба донишҷӯён имконият медиҳад, ки дар вақти тарҷума кардани матнҳои вобаста ба тахассусашон, омӯхтани маводу маълумоти зарурӣ бо забони хориҷӣ ва ё аз сарчашмаҳои гуногун (сомонаҳои интернетии хориҷӣ, васоити ахбори оммаи хориҷи мамлакат ва ғ.) ва дар фаъолияти ояндаи касбӣ ҳангоми сафарҳои хориҷӣ аз кишвар, иштирок дар нишасту семинарҳо ва мизҳои мудаввари сатҳи байналмилалӣ аз донистану муоширот намудан бо забони хориҷӣ танқисӣ накашанд.

Мақсади асосии аҳамияти хоса додан ба истилоҳоти касбии (тахассусии) донишҷӯён дар вақти таълими забони хориҷӣ аз он иборат мебошад, ки ҳангоми омӯзонидани забони хориҷӣ, дар вақти ташаккул додани нутқи хаттӣ ва шифоҳии донишҷӯён онҳоро аз доираи тахассуси худ берун накунем. Барои таъмин намудани чунин ҳолат мебояд аз роҳу усулҳои муосир истифода намуд. Яке аз усулҳои муосири таълим, ки барои ғанӣ гардонидани фонди луғавии донишҷӯён аз истилоҳоти тахассусӣ, истифодаи истилоҳоти касбӣ дар ҷараёни дарси забони хориҷӣ, ҳангоми муошироти хаттию шифоҳӣ намудан ва пайдо кардани маълумотҳои зарурӣ вобаста ба тахассус, усули ҳамгироӣ ба шумор меравад.

Таълими ҳамгиро–дар фарҳанги тафсирии тоҷикӣ–таълим бо фарогирии ду ва бештар фан шарҳ ёфтааст [7, 486].

Таълими ҳамгиро (азлот. integer – комил), таълиме мебошад, ки тақсимоти донишро ба фанҳои алоҳида рад мекунад. Ҳангоми омӯзонидани забонҳои хориҷӣ, таълими ҳамгироӣ омӯзиши якчанд забони як минтақаро бо маълумотҳои хусусияти фарҳангиву таърихӣ ва сиёсӣ доштаро пешниҳод менамояд [1, 80].

Таълими ҳамгироии забони хориҷӣ донишҷӯёнро натанҳо ба омӯзиши забони хориҷӣ шавқманду ҷалб менамояд, балки онҳоро водор менамояд, то ки ба омӯзиши тахассусии худ низ беш аз пеш аҳамияти калон диҳанд. Вақте, ки донишҷӯён дар дарси забони англисӣ ба ҷои чуқур ворид шудан ба сохтори фонетикию грамматикии забони англисӣ, дар доираи тахассуси худ маълумоти наве пайдо мекунанд, дар онҳо ҳисси кунҷковӣ боло меравад. Онҳо метавонанд дарк намоянд, ки донистани забони хориҷӣ барои ташаккул додани донишҳои тахассусии худ воситаи хубест ва калидест ба дарҳои зиёди илму дониш. Ҳамчуноне, ки дар забони англисӣ мегӯянд: **"KNOWING A FOREIGN LANGUAGE IS A KEY TO MANY LOCKS"** (Донистани забони хориҷӣ калидест ба қулфҳои зиёд) ва Волтер Скот қайд кардааст: "Knowing many languages you have many keys to a lock" (Забонҳои зиёдро донед, Шумо барои як қулф калидҳои зиёд доред).

Донистани забони хориҷӣ дар ҳақиқат ҳам метавонад воситае бошад барои ташаккул додани тахассуси худ, васеъ намудани ҷаҳонбинӣ, пайдо кардани маълумоти вобаста ба тахассус на танҳо дар дохили мамлакат, балки берун аз он. Забони хориҷӣ, алалхусус забони англисӣ метавонад донишҷӯёнро тавассути интернет ва ВАО ба ҷаҳони имрӯза пайваста, онҳоро аз пешрафти илму дониш, технологияи инновастионии муосир, фарҳанг, маданият ва вазъи кунунии ҷаҳони пуршӯр воқиф созад.

Дар мактабҳои олии ғайризабонӣ мақсади асосии таълими забони хориҷӣ, ҳамчун воситаи муошират таълим додани он ба шумор меравад. Ҳар як донишҷӯи мактаби олӣ бояд матнҳои умуми маърифатӣ ва тахассусиро бурро ва бе ғалат хонда, онро тарҷума карда тавонад. Аз дуруст хондани матн, озод муошират намудани донишҷӯён вобастагӣ дорад. Дарки баланди сухан, матн ва муошират бо забони хориҷӣ талаботи дигари мактаби олӣ барои донишҷӯён мебошад. Танҳо ҳангоми дуруст дарк намудани сухани шуданида, шахс метавонад ба муошират бипардозад. Ҳангоми омӯзиши забони хориҷӣ, дар баробари хондани матн, сухан гуфтан ва дарки сухани шунидашуда (тафаҳҳум), рукни дигари муошират, навиштан низ мавқеи худро дорад. Баъд аз хатми мактаби олӣ, ҳангоми фаъолияти касбӣ мутахассисони оянда аз ҳамаи ин рукнҳои муошират васеъ истифода хоҳанд бурд, пас онҳоро дар ҳамбастагӣ ва дар сатҳи баланд мебоояд ташаккул дод.

Дар сатҳи байналмилалӣ фаъолият намудан, муаррифӣ намудани самтҳои гуногуни давлат дар хориҷӣ кишвар, иштироки фаъол намудан дар нишастҳои сатҳи баланд ва ба хатоҳои камтарин ва ё ҷиддӣ роҳ надодан ҳангоми истифодаи забонҳои хориҷӣ, аз донишҷӯён, мутахассисони оянда талаб карда мешавад, ки ҳангоми омӯзиши забонҳои хориҷӣ ба ҳама нозукиҳои он, алалхусус барои аз худ кардани истилоҳоти касбӣ диққати махсус диҳанд.

**Адабиёт:**


1. Азимов Э.Г., Щукин А.Н. Новый словарь методических терминов и понятий (теория и практика обучения языкам). - М.: Издательство ИКАР, 2009. - 448 с.
2. Алексеева Л.М. Проблемы термина и терминообразования: учебное пособие по спецкурсу. - Пермь: Пермский университет, 1998. - 120 с.
3. Барномаи давлатии такмил ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2004-2014.
4. Гринев С.В. Терминоведение: учебное пособие. М.: Академия, 2008. - 304 с.
5. Назарзода Р. С. Саводнокии рақамӣ – салоҳияти калидии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олӣ / Р. С. Назарзода // Паёми Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. – 2022. – № 4/II (51). – С. 109-116.
6. Назаров Р. С., Эвазов Х. А., Нурулло Ф. Использование средств информационно-коммуникационных технологий в обучении иностранным языкам // Вестник Технологического университета Таджикистана. – 2010. – № 2 (16). – С. 16-22.
7. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷ. 2, (О-Я) зери таҳрири Сайфиддин Н., Аҳмадҷон С., Саид К., Мирзо Ҳ.С. Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ, - Душанбе, 2008. - 945 с.


## ПРОЦЕСС ОБУЧЕНИЯ ИНОСТРАННОМУ ЯЗЫКУ С ИСПОЛЬЗОВАНИЕМ КОМПЬЮТЕРНЫХ ТЕХНОЛОГИЙ


Сегодня изучение иностранных языков, в том числе изучение английского языка является основным и актуальным вопросом дня. Это наблюдается не только в развитых странах мира, но и в Республике Таджикистан. Применение современных технических средств в различных сферах человеческой деятельности требует от специалистов хороших знаний иностранных языков. Знание иностранного языка действительно может быть инструментом для формирования его квалификации, расширения мировоззрения, поиска информации, связанной с квалификацией не только внутри страны, но и за её пределами.



**Ключевые слова:** актуальные, передовые, оборудование, современные, виды деятельности, знания, потребности, формирование, мировоззрение, основные вопросы, актуальные ежедневно, новые технологии.

## THE PROCESS OF TEACHING A FOREIGN LANGUAGE USING COMPUTER TECHNOLOGIES

Today, the study of foreign languages, including the study of English, is the main and topical issue of the day. This is observed not only in developed countries, but also in the Republic of Tajikistan. Application of modern technical means in various spheres of human activity requires good knowledge of foreign languages. Knowledge of a foreign language can really be a tool for the formation of its skills, expanding worldview, search for information related to the qualification, not only within the country but also abroad.

**Key words:** current, advanced, equipment, modern, activities, knowledge, needs,f ormation, ideology, major issues, current, daily, new technologies.

### Маълумот дар бораи муаллиф:

**Шамсова Б. Қ. -** омӯзгори кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. E-mail**:** bshamsova@yandex.ru; Тел: 90-770-31-32

### Сведения об авторе:

**Шамсова Б. К.** - преподаватель кафедры иностранных языков Технологического университета Таджикистана. E-mail**:** bshamsova@yandex.ru; Тел: 90-770-31-32

### Information about author:

**Shamsova B. K.** - teacher of the department of foreign languages of the Technological University of Tajikistan. E-mail**:** bshamsova@yandex.ru; Тел: 90-770-31-32

Шуъбаи табъу нашри Донишгоҳи технологии Тоҷикистон
Ба матбаа 10.07.2023 супорида шуд. Чопаш 10.07.2023 ба имзо расид.
Андозаи 62x84 1/16. Коғази офсетӣ. Чопи офсетӣ.
Ҳуруфи Times New Roman. Адади нашр 100 нусха